НАШРИЁТИ «АДИБ»



**СИРОҶИДДИНИ ШАРОФИДДИН**

# МУҲАББАТ ВА САДОҚАТ

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК-84 Тоҷик 7-4
Ш-41

Муҳарир *Нурмуҳаммад Исҳоқӣ*

Ш-41 **Сироҷиддини Шарофиддин. Муҳаббат ва садоқат** *(роман)*. – Душанбе, “Адиб”. 2014, 160 саҳ.

Романи «Муҳаббат ва садоқат»- и нависандаи хушсалиқа Сироҷиддини Шарофиддин дар мавзӯи муҳимми рӯз, яке аз сохтмонҳои стратегии аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта– сохтмони нақби Анзоб навишта шудааст. Ба иборае тамоми қаҳрамонҳои романи мазкур одамони дар меҳнат обутоб ёфта, қаҳрамони арсаи кори зиндагӣ буда, бахри Ватани азизамон кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

ISBN 978-99947-2-423-9

© Нашриёти «Адиб», 2014

# МУҲАББАТ ВА САДОҚАТ

*(роман)*

## БОБИ ЯКУМ

Ду зан дар айвони барҳаво нишаста, аз ҳар боб гуфтугӯ доштанд. Зани Мирзоаҳмад, ки Кароматхон ном дошт, баногоҳ гуфт:

– Авсунҷон, ба боғ бингар, бубин, бачаҳомон чӣ тӯр бозӣ доранд?

– Дидам, дидам. Чашми бад нарасад, - гуфту банди дилашро кушода «туф-туф» кард Маҳинабону - зани Абдушукури чӯпон.

– Шоҳруххони ману Гулбӯи ту доманчок-а, Авсунҷон! Фаромӯш накардай?- ба хотир овард Кароматхон.

– Чӣ хел фаромӯш кунам?,-табассум кард Маҳинабону.- Кош, ҳар ду тез калон мешуданду рӯзи муродашонро медидем!

– Ман ҳам дар орзуи шодии арӯсиашон ҳастам.

– Илоҳо, замона тинҷ бошаду кӯдакон амон калон шуда, ба мақсад бирасанд!

– Кош, ҳамту шавад!- даст ба рӯ кашиданд ҳарду.

Танга-танга нури офтоби саратон аз қабати баргҳо гузашта, рӯи гилеми хушдӯхти фарши боғ мерехт. Боди сарде вазида, бо рӯю мӯи бачаҳо «бозӣ» мекард.

Гӯӣ ҳар ду аз бисёр давидан дар гирди дарахтон хаста шуда бошанд, лаҳзае таваққуф карда, баъд баҳсмабаҳс як доманӣ себи бодрезак чинда, ҳаюҳуйкунон тарафи айвон давиданд.

– Себ мехӯретон?- мегуфт Шоҳруххон, ки аллакай аз зинаҳо боло мешуд.

– Дал домани ман ҳам себ ҳаст,- нидо кард Гулбӯй, ки аз Шоҳруххон каме қафо монда буд.

– Мехӯлем, канӣ, канӣ, лӯи дасталхон лезед,- бо лаҳни кӯдакона ширин- ширин гуфт Маҳинабону.

– Вай- вай, ин қадал бисёл!- ба ваҷд омад Кароматхон ҳам кӯдаквори бо шодиву фараҳ.

Ин дам Мирзоаҳмад дар дами дарвоза, ки як табақааш кушода буд, пайдо шуд.

Занҳо ба ҳурмати марди хона, ки аз роҳрави ҳавлӣ гом зада меомад, аз ҷой хестанд. Кароматхон гуфт:

– Дидӣ, Гулбӯи янгеш, амакат омаданд. Себҳои чидаи туву Шоҳруххонро пеши ун кас мемонем, ки бихӯранд. Ҳаво гарм, албатта, ташнаанд. Ба мо ҳам мерасад, ҳамту не?

Мирзоаҳмад баъди пурсупос бо зани бародараш аз пешонии Гулбӯй бӯсид дер нашавад.

* * *

Ду бародар- Мизоаҳмаду Абдушукур ва як хоҳар- Бибисанам барвақт.

– Шумо баҳузур шинетон, ман таҳорат карда, намози пешинро хонам, ва тарафи ҳамсараш гуфт: аз падару модар ятим монда буданд. Ба бахти онҳо бибиашон кампири Мусаввара будааст. Кампир гурбаворӣ газида- газида, калон кардашон. Ӯро кайвонӣ, ки буд, ба ҳар тӯю маърака мебурданд. Аз каллаи саҳар хонаи тӯйдор ё мавриддор мерафт, то шом кӯр шудан. Худ намехӯрду он чи медоданд, барои набераҳояш меовард. Мусаввара зане буд мардсифат. Дар сараш қатори дигар занҳо аз кӯҳ ҳезум меовард, лозим шавад, лой мехобанд, девор мебардошт. Тобистонҳо боигарии ин оила- як гови кабудаку як бузи шохчуккаро гирифта, ба оҳул мебаромад, ҳамроҳи мардуми молдор каппа мезад. Хешони наздикаш низ гову бузҳояшонро ба ӯ месупориданд, ки дӯшаду ҷурғот кунад. Се- чор моҳ бо набераҳояш дар кӯҳу адир мегашту баъди гуппӣ задан бо ҷуволи дӯғу соғуи пур аз равған аввалҳои тирамоҳ ба деҳа бармегашт. Занаки бадаступо, тозаву озода буд. Занҳои деҳа мегуфтанд, ки агар равғани гуппӣ хӯрданӣ бошӣ, аз они кампири Мусаввараро бихӯр, ки бомазза аст. Чунон хушкор, ки мӯе намеёбӣ дар равғанаш.

Кампири Мусаввара ҳар гоҳ мегуфт:

– Шукри ҳамин набераҳом. Инҳо набошанд, аз куҷо ӯҳда мекардам бойбуччагиро. Обам овардагӣ, каппем рӯфтагӣ, бузғолаҳоям кӯкон кардагӣ. Гӯсола дар мех. Фақат соғу гирифта, дӯшидан мондагиву халос. Аз ҳезум танқисӣ намекашам. Дастёраком мебиёранд.

Бачаҳо ҳар саҳар кулчаи тобагӣ мехӯранду чоштгоҳон мосту рӯи шир. Баъзан рӯидегӣ мепухт кампир, ки хеле болаззат буд. Атолаи равғаниро намегӯед?! Барои Абдушукур оҳул маъқул буд. Рӯзе ба бибиаш гуфт:

– Ман мактабро тамом кунам, чӯпон мешавам.

– Хуб мекунӣ, наберем,- бо хушнудӣ гуфт кампир,- чӯпонӣ касби тоза. Аз паси мол бошӣ, барака меёбӣ. Лек хиёнатпеша ба ҷое намерасад. Фазилати ин касб ҳамин, ки ҳама рӯз нони ҳалолат ҳаст.

– Ман бошам, омӯзгор мешавам,– ба гап ҳамроҳ шуд Мирзоаҳмад.

– Омӯзгорӣ ҳам касб аст, баррекам,– розӣ шуд кампир,– бачаҳои мардума таълим медиҳӣ. Мардум бардор–бардор карда мегарданта.

– Хоҳарамон чи шуданӣ дар оянда?- рӯ овард Абдушукур ба Бибисанам, ки шири соғуро ба дег холӣ мекард.

Бибисанам сурх гашту табассум кард. Чуқурчаҳои ду бари рӯяш, ки ҳусни зиёдатиаш буданд, ӯро боз ҳам зеботар нишон медоданд.

Чашм аз қомати расои духтар наканда ба ҷои ӯ кампир гуфт:

– Бибисанами маро даҳ ангушташ ҳунар аст. Дар рӯи матоъ зардӯзиҳоша намегӯед? Ҳамин ки пояш ба деҳа расад, занҳо меоянд, ки ҷиҳози арӯсии духтарошона дӯзад. Дар пухтупаз низ ҳамто надорад, ба худам рафтааст ин духтар. Аз падару модараш надид, аз шумо-акоҳошу шӯяш бинад, илоҳо!

Чашмони кампири Мусаввара пури об шуданд. Ноаён бо нуги рӯймол ашкашро пок кард.

Бибисанам худро беруни каппа гирифт. Яқин сухани бибиаш ӯро ба риққат оварда буд. Бародаронаш низ хомӯш монданд дар гирдоби хаёлот печида.

Шабҳо чун ҳама кору борро саранҷом карда, таги ҷогаҳ медаромаданд, кампир афсона мегуфт. Шабе афсонаи «Фароштурук ва зан»–ро гуфт:

– Буд, набуд, дар як замон, дар як макон ман барин пиразане умр ба сар мебурд. Шуғли ӯ пашм рестану ресмон бофтан буд. Ресмонро мефурӯхту қути лоямут мекард. Рӯзе чарх мересид, ки фароштуруке захмӣ пеши пояш афтод. Зуд аз сари чарх хесту фароштурукро аз замин бардошт ва аз пайи табобаташ шуд. Чанд рӯз пас фароштурук дармон ёфта, парида рафт. Баъди чанде фароштурук болои ҳавлии кампир пайдо шуда, донаеро партофта, ғайб зад. Пиразан донаро гирифта ба ҷое гузошт. Айёми баҳорон чун замин хамёза кашиду ҳаво гарм шуд, ҷумла гулу гиёҳ сар аз чоки хок берун карданд. Пиразан донаро таги хок кард. Дере нагузашта дона сабз шуд, гул карду бор овард. Пиразан дид, ки кадуе дар ғояти пухтагӣ. Канду ба хона овард ва дукафон кард. Даруни каду пур аз симу зар буд. Шоду мамнун аз он сарфакорона истифода кардан гирифт. Тағйири рӯзгори пиразанро дида, зани ҳамсоя, ки бахил буд, боре гуфт:

– Мебинам, ки зиндагиат ранги дигар гирифтааст. Бою тавонгар шуда истодаӣ. Сирри ин пешравиат дар чист?

Пиразани содда қиссаи омадани фароштуруки болшикаставу табобат карданашро як–як баён кард.

Зани ҳамсоя аз ҳасуд хобу фароғаташро аз даст дод. Тадбир меҷуст. Дар охир ба хулосае омад, ки фароштурукеро дастгир карда, болҳояшро бишканад ва баъд ба табобати вай машғул шавад. Шояд бо ин роҳ ба мақсад бирасад. Фароштурукеро дошт, пару болашро бишкаст ва ба дармони ӯ кӯшид. Фароштурук рафту пас аз чанд рӯз пайдо шуд ва донаеро рӯи ҳавлии зан партофта ғайб зад. Зани ҳамсоя то баҳор донаро эҳтиёт карда, баъд онро дар як гӯшаи ҳавлиаш шинонд. Дона сабз гашт, мева дод. Зани ҳамсоя кадуро дида аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид. Рӯзе каду пухт, онро канда ба хонааш овард. Дару тирезаҳоро маҳкам карда, кадуро кафонд, ки аз даруни он мору морбачаҳои бисёре баромаданд ва ӯро газида куштанд.

– Аҷоиб–а?! гуфт Абдушукури хумори хоб гирифта.

– Боб шудаст зани ҳамсоя,–нидо кард Бибисанам, ки сар ба зонуи бибиаш монда, чашм аз ӯ намеканд.

– Ҳасуд ки ҳаст, боб мешавад–дия, – ба гап ҷома пӯшонд Мирзоаҳмад ва илова кард,– нодон набошӣ, базӯрӣ бо роҳи бадӣ соҳиби давлат шуданӣ ҳастӣ? Ҳай–ҳай! Пиразан ки зотан накӯкор буд, хост фароштурукро шифо бахшад. Ун вақт ӯ ба хотири чизе ба ин кори хайр даст назадааст. Ҳатто дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд, ки ба ивази хидматаш подоше талаб кунад. Лекин худо диҳад, ана ҳамин хел медиҳад. Ҳама вақт некӣ кардан лозим будаст.

– Аз мукофоти амал ғофил машав, гуфтаанд,– тақвият дод фикри набераашро кампир ва афзуд.-Мирзоаҳмади моро дидетон, чи хел андешаронӣ кард? Аллакай муаллими таппа–тайёр! Нахонда ба бачаҳо дарс диҳад ҳам мешавад.

Бачаҳо завқ, карданд. Мирзоаҳмад гуфт:

–Бисёр таъриф накунед, бибиҷон, боз аз худ наравам.

– Ту аз он бехуд мешудагиҳо нестӣ, баррем!-гуфт кампир.

– Хайр, бибиҷон, ягон чизи дигар гӯед, ки хоб парид аз чашмом–илтиҷо кард Бибисанам.

– Хобат куҷо парид?- пурсид Абдушукур аз хоҳараш. Суолаш оҳанги шӯхӣ дошт.

– Ба осмонҳо,– ҷавоб дод ба ҷои хоҳараш Мироаҳмад.

– Хоб пар дорад, ки мепарад?- боз гуфт Абдушукур.

– Чаро не? Пар дорад, мепарад,– гуфт Мирзоаҳмад.

– Пар, пар, гуфтосетон,–ба баҳси бародорон хотима дода инони суханро ба даст гирифт кампир.- Як афсона–масъала мегӯям, ки пар–пар дорад. Лекин баъди шунидан ҷавобашро меёбетон.

– Майлаш, меёбем. Шумо гӯед аввал,–хоҳиш карданд бачаҳо.

Кампир гуфт:

– Як рӯзи офтобӣ мурғакон дар шохсорон нағма доштанд. Пушти замин гарм шудаву об дар ҷӯйборон равон буд. Ин вақт сӯрохие боз шуду паррандае аз он берун омад ва

баъд як навбат пар заду дар вусъати осмони нилӯӣ болафшон бозӣ кардан дошт. Мурғак гоҳе сарозер мешуду гоҳ боло мерафт. Зери амвоҷи заррини курҳои хуршед болҳояш ҷило медоранд. Баъди бозии тӯлонӣ ба рӯи санге нишаст, ба баданаш нӯл зад, пар кушод, пар кашид ва ахиран, ба куҷое ғайб зад. Фурсате гузашт, нагузашт, ки мурғак дар нӯл чанд дона хас боз пайдо шуд ва ҷониби сӯрохӣ омад, то бидарояд ба он. Натавонист. Чаро натавонист? Вай кадом мурғак буд? Ва он сӯрохиро чи ном аст? Ёбед.

Бачаҳо лол монданд дар ҷавоби афсона-масъала.

– Ба ҷои мо муаллими оянда ҷавоб диҳад,– таклиф ба миён гузошт Абдушукур, ки масъулияти посух гуфтанро аз дӯши худ бардоштан мехост.

Баъди таҳаммуле Мирзоаҳмад иқрор шуд:

– Наметавонам.

– Мурғак сухан асту сӯрохӣ даҳон. Наёфтед, соддаяком. Ин ҷо ҳикмате ниҳон аст. Дар сухан гуфтан боандеша будан даркор. Агар чизе гуфтан мехоҳед, аввал фикр карда, баъд гӯед… Хайр, акнун хоб мекунем, ки саҳар мурғ ҷеғ назада бихезем,– гуфт кампир.

Ҳамин тавр, ду бародару як хоҳар пеши назари кампир калон мешуданду гӯиё бепадариву бемодариро қариб, ки ҳис намекарданд.

Бибиашон барои онҳо ҳам падар буду ҳам модар. Баъдтар бо ҳидояти кампир Мирзоаҳмад ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ба хондан рафту Абдушукур пас аз хатми мактаби деҳа чӯпон шуд. Ӯ моли чаканаро бонӣ мекард. Даромади хуб дошт. Мирзоаҳмад солҳои донишҷӯӣ аз пул танқисӣ накашид. Баъзан кампир аз нӯги нафақааш чанд сӯм мефиристод. Гоҳи Абдушукур гӯсфандҳояшро ба бозор бурдан ба акояш пул медод.

Кампир пасу пеш бародаронро хонадор кард. Бибисанам ҳам дар зинда будани бибиаш ба шавҳар баромад. Гӯиё кампир бо ҳамин қарзашро назди ду бародару як хоҳар адо карда бошад, онҳоро каллабаст кардаву рӯи абераҳоро надида, оламро бидруд гуфт. Худо сиришти бародаронро аз гили са-

ра офарида будааст, ки аҳлу тифоқ зиндагӣ доранд. Занҳояшон Кароматхону Маҳинабону низ чунон оқила баромаданд, ки… Ситораҳошон ба як дигар маъқул омадааст. Мегӯед, ки хоҳарони ҳамтананд. Ин ду зан, ки хубу маъқул, солеҳа ҳастанд, корҳояшон ҳам пешрав аст. Ба хонаҳои онҳо шағоли наҳсу баҳс роҳ ёбаду бинад. Ҳамон замон симурғи саодати хонаводагӣ чашмашро кофта мегирад. Ҳар бор ки Абушукур рамаро ба шариконаш чандрӯза супурда, барои дамгирӣ ба деҳа меояд, акои Мирзоаҳмадашро нодида барнамегардад. Бародарон бо аҳли оила як рӯз ин меҳмони хонадон шаванд, рӯзи дуввум, албатта, дар хонаи дигаре ҷамъ меоянд. Чун Абдушукур ба сари мол рафтагор мешавад, тарафи акояш мегӯяд:

– Аз ҳавлии мо хабар гирифта истед. Ба бачаҳо эътибор диҳед, ки аз мактаб намонанд.

Онҳо хайрхоҳу меҳрубони якдигар буданро аз бибиашон омӯхта буданд. Вай гаштаву баргашта мегуфташон, ки дунё гузарон аст. Ҳеҷ кас посутуни дунё шуда наметавонад. Дилҷӯӣ кунед, ба дилхушӣ мерасед. То тавонед аз сангу хишти накӯӣ иморат рост кунед. Барои бадӣ хасро болои хас намонед, ки оқибаташ вой! Ҳамин хел мегуфт кампир. То ҳастанд, панди бибиашонро фаромӯш нахоҳанд кард. Бачаҳоро ҳам дар ҳамин рӯҳияи дӯст доштан тарбия мекунанд.

Мирзоаҳмад баъди адои намоз ана дар ҳамин хусус тафаккур мекард.

Ӯ аз ҷой хеста, ҷойнамозро қад карда, ба рӯи рахи кӯрпачаҳо гузошт, дами дар омад ва тарафи занаш гуфт:

– Хӯроки маро ба ин ҷо бисёр. Ҳа, Гулбӯино рафтанӣ шаванд, холӣ нараванд. Себ чинда деҳ, баранд.

– Хуб,– гуфт Кароматхон, ки дар тараддуди хӯрок овардан буд.

* * *

Шоҳруххону Гулбӯй ва бачаҳои ҳамсоя бисёр вақт дар майдончаи назди ҳавлиашон бозӣ мекарданд. Гоҳе ки

Гулбӯй ба Шоҳруххон қанду чормағз муроот кардани мешуд, Шоҳруххон мегуфт:

– Худат хӯр, ман дорам.

Гулбӯй мегуфт:

– Хайр, бигир.

Бачаҳо ҳам далолат мекарданд:

– Медиҳад, гир-дия.

Шоҳруххон бо тундӣ рӯ мегардонд аз марҳамати Гулбӯй. Намефорид амали духтари амакаш ба ӯ. Ор мекард гӯиё.

Аммо Гулбӯй рӯзҳои дигар низ барои Шоҳруххон як каф мавиз, ё чанд дона ғӯлинг меовард, муроот мекард. Боз Шоҳруххон рад менамуд. Гулбӯй бо сари ҳам майдонро тарк мекард.

Ҳар ду мактабрав ҳам шуданд. Дар як синф мехонданд. Дар паси як курсӣ менашастанд. Шоҳруххон донотар буд. Гулбӯй чун дар қироат, дар навишт ё сари ҳалли масъалаи мушкил ба Шоҳруххон мурочиат мекард, ӯ пушташро мегардонд, баъзан сахт ҳам меомад. Ашк гирди чашмони сиёҳи Гулбӯй ҳалқа мезад. Боре бо алам гуфт:

– Охир, ту писари амакам ҳастӣ. Кӯмак кунӣ, намешавад?

– Каллаатро кор фармо худат, фаҳмидӣ?!- мешӯрид Шоҳруххон.

Гулбӯй ҳеҷ намегуфту оҳ мекашид. Мазмун, музтару дилшикаста буд аз кирдори Шоҳруххон.

Ноаён зиндагӣ сипарӣ мешуд. Шоҳруххону Гулбӯй надониста монданд, ки чи хел зуд болиғ шудаанд. Дар синфи охирини мактаб мехонданд. Шоҳруххон Гулбӯйро фаромӯш карда буд. Паси зулфи дигаре мегашт. Ҳангоми дарсҳо сӯи Ҳангома коғази чизе навишташудаву ғиҷимшударо мепартофт. Дар танаффусҳо пеши роҳашро мегирифт, сухане аз ишқ хӯронда мегузашт. Ҳатто як рӯз аз милаи Ҳангома кашид. Ба ивази ин ҳама амалҳои Шоҳруххон Ҳангома забонашро баровarда, масхарааш мекард ва боз ба духтарони ҳамсинфаш мегуфт, ки: «Бубинед, Шоҳруххон чи хел аз паси ман кашол аст». «Ҳамаи ин аз назари Гулбӯй пинҳон наме-

монд. Рангаш меканд, аз дарду алам пушти даст ба дандон мегазид. Баъзан, худро бепарво нишон доданӣ мешуд, ки мегуфт худ ба худ:» Ба ман чӣ, ки байни онҳо чӣ аст. «вале ҳамоно, аз ин фикр ба даҳшат меомад. Гӯиё дар сари ҷинояте дастгираш карда бошанд, мункир мешуд аз андешаҳои фавқашу пичиррос мезад: «Худоё, ман кай гуфтам, ки ба ман чи, ки…» Шояд ин фикри дигар кас, шояд дигар кас гуфтааст, на ман. Қодир нестам, ки нисбати писари амакам пиндори бад дошта бошам…

## БОБИ ДУВВУМ

– Ӯш, ҷонвар, ӯ–ӯ–ш! Бетоқатӣ накун, ҳолӣ рафтан ба дилат ҳам мезанад. Мон дарозгӯш, пушттангатро таранг кунам. Туро ҳайвони босабр мегӯянд. Аз кай боз сустмағз шудаӣ?!

Мирзоаҳмад зону ба абзоли хар монда, пушттангро сахт кард ва ҷониби Шоҳруххон, ки каме дуртар аз ӯ меистод, гуфт:

– Хӯрҷинро биёр, бачем!

– Хуб,–гӯён Шоҳруххон хӯрҷинро, ки ду почааш пур аз чизҳои рӯзгор ва хурданӣ дошт, овард.

Мирзоаҳмад бо як чобукие, ки ба синну солаш хос набуд, хурҷинро бардошта, ба пушти хар партофт ва ресмон кашида, палтар гирифт. Баъд сари маркабро тарафи роҳи калон гардода, ба сағрааш бо асо зад:

– Их !

Офтоб ҳанӯз ба сари кӯҳҳо панҷа назада буд. Деҳаи Такфон акнун аз хоб бедор мешуд, ки падару писар маркабро пеш–пеш ронда аз кӯпрук гузаштанд ва ба пошнаи кӯҳи пешорӯи деҳа расиданд. Мирзоаҳмад як ба боло нигоҳ кард. Роҳи борике печида, то домани шоххҳои чукка мебаромад. Он тараф уреб то Шахи Зиёрат. Ҳар ду маркабро ҳай карда, кӯҳталро рост шуданд. Чун ба деворе, ки аз рӯи он таноби роҳ тӯл мекашид, наздик омаданд, Мирзоаҳмад лаҳзае исто-

да, нафас рост кард ва тарафи писараш гуфт:

– Ин девори хитоиро дидӣ, бачем? Ҳанӯз барҷост. Ҳеҷ кас намедонад, ки хитоиҳо кай омада буданду кай сохтаанд ин деворро, дар ин ҷои мушкилгузар. То имрӯз истоданашро гӯй! Дар воқеъ, ангишту дигар маъданҳои Фондарёву Фалғарро нахуст ишон кашф карда будаанд.

Дар поён Фондарё бари соҳили тангу сахтустухонро газидаву харошида аз чизе норозӣ оҳу шеванкунон ба пастиҳо равон буд. Суруди худро мехонд бо оҳанги ҳазин. Шиква аз ҷудоӣ мекард, аз афташ. Аммо чун марди ял гӯш ба садои дилхурӯши хоҳараш, яъне дарё дода, ба гӯшаи чашм ба равандагон-ду инсону як маркаб, ки бо азобе ин кӯҳтали дамгирро боло мешуданд, менигарист. Лабонаш меҷунбиданд, Гӯиё гуфтанӣ буд, ки: «Бо ин рафтану омаданҳо чи кор карданӣ шумо. Ин қадар мебиёед, мереед, ба хотири чӣ? Мебинам, ки ҳеҷ якатон ду намешавад. Замини киштбоб кам дар ин атроф. Аз мо, ки ҳама шахем, чи мегиред? Аҷаб, махлуқони беақл ҳастед! Надонам ин дараи махуф бо чияш ба шумо маъқул аст. Бо обаш? Бо табиаташ? Ё бо ҷумла ҳайвоноташ? Фаромӯш накардаам, ки ҳини роҳкушоӣ аз дили мо барин шахҳо басо ҷони азизи хешро додаед. Ба об афтида, ғарқ ҳам шудаед. Ҳар сол дар фасли сармо дир–дир меларзед. Боришҳои зиёд, сел, тармафуроӣ ва боз ҳазорҳо мушкилоти дигар қимобатон накарда? То кай «ҳу, ин ҷо ватани аз падару бобоҳо монда»,–гуфта ду поро дар як мӯза тиққонда мегардед? Ба ҷое ҳамвортару бехавфтар равед, хуб нест? Ҳар лаҳза лағжидаву шикастану аз ҳамрехтанҳотон яқин аст. Ба ростӣ, дар сари мижгони мо чун ашкед шумо. Имрӯз ҳастед, пагоҳ не. Мисли ин рӯдаки тундрав, ки арғамчинворӣ дар пои мо афтодааст, ба даштҳо рӯ оред. Дар он ҷойҳо зиндагӣ кардан осонтар аст. Ё ин ҷо, дар бағали мо ганҷхонае ёфтаед, ки аз он ҳеҷ наметавонед дил биканед?

Хаёле нигоҳи Мирзоаҳмад тани ин шахи баланду боғуруррро лесида гузашта бошад ҳам, дар гӯшаи хаёлаш набуд, ки ин Шах ҷониби онҳо тамасхур мекунад.

Мирзоаҳмаду писараш Шоҳруххон каме уреб рафта, ба

Шахи Зиёрат расиданд. Маркабро нигоҳ дошта, ҳар ду паҳлӯи ҳам дар канори роҳ, ки каф барин васеъгӣ дошт, рӯ ба рӯи Шахи Зиёрат зону таҳ карда нишастанд. Мирзоаҳмад чанд оят аз Қуръони шариф хонда даст ба дуо бардошт ва савоби оёти раббониро ба рӯҳи азизе, ки ин ҷо қадамгоҳаш буд, бахшида ба писараш гуфт:

– Ин маъво муқаддас аст. Наметавон бе таваққуфе гузашт. Мегӯянд, ки як вақте азизе бо Хоҷаи Гулрези худамон, медонӣ-ку, мақбараашон дар Зимарғ, ҳа, дар таги ҳамин шахи лайси душоха якдигарро зиёрат кардаанд. Ҳамчунин ривояте ҳаст, ки Гӯиё хеле пештар ману ту барин ду кас аз ҳамин роҳ мегузаранд. Ишон аз баҳри коре, дурусттараш барои овардани орду равған ва намак аз тариқи роҳи ағбаи Уштур ҷониби Душанбе мерафтаанд. Яке ба дигаре ки дар рафтан шитоб дошт, мегӯяд:

– Куҷо ин қадар медавӣ? Ин ҷо қадамгоҳи бузурге буда. Биист, то зиёраташ бикунем.

Баъди ин Шахи Зиёрат ном гирифтааст ин мавзеъ. Роҳгузарон дар ин ҷо наистодан наметавонанд. Пас аз таваққуфе, пас аз таҳаммуле мегузаранд.

Ҳар ду домани ҷомаҳоро, ки хок гирифта буд, афшонда ба роҳашон идома доданд. Аз сой гузашта, ду хамгаштро боло шуда, ба дараи Оби борик расиданд. Акнун роҳ қад-қади рӯдаки Диҷик тарафи Сари Дор ва ағбаи Уштур кашола шуда мерафт. Азбаски ин тарафи роҳ ҳамвор буд, ба осонӣ тай карданд ва Хушониро, ки аз чанд кулбаяки сангӣ иборат буд, гузашта ба Зимарғ омаданд. Зимарғ ҳам мутааллиқ ба Такфон буда, онҳо ҳам дар он ҷо ва ҳам дар ин ҷо ҷою манзил доштанд. Зимарғ он қадар бузург нест. Мисли Хӯшонӣ кӯчак аст. Мардумаш ба зироаткориву чорводорӣ машғуланд.

Падару писар, ки ба маркабашон чандрӯза хӯрокашонро бор карда омада буданд, дар назди хонаи сангин таваққуф карданд. Мирзоаҳмад харро нигоҳ дошта, ресмонро кушод ва хӯрҷинро аз болои хар гирифта, як сӯ гузошта ба писараш гуфт:

– Харро ба лаби сой ҳай кун, каме алаф хӯрад. Абзолаш-

ро нагир, ки пушти ҷонвар арақ кардагӣ. Баъдтар мегирем.

Ин дам писарбаччаи абрӯсиёҳе аз хона баромад ва ҷониби омадагон давид. Мирзоаҳмад хам шуда баччаро ба сар бардошт ва дӯстдорӣ карда гуфт:

– Зиқ нашудӣ бе мо, Диловарҷони додош?

– Хобам набурд то дер, бе шумоён чи тавр хобидан мешавад? – арз кард Диловарҷон.

–Дурӯғ мегӯяд ин бачча,– баланд шуд овози Кароматхон, ки поёнтар аз кулбаҳо, дар бари сой аз чашма об мегирифт.

– Унту нагӯ, занак,– тарафи Диловарҷонро гирифт падар,– медонам, ки Диловарҷони ман ҳама вақт гапи ростро мегӯяд.

Диловарҷон аз ин суханҳои падар болида ҷастухезкунон аз ёна фаромад ва ва пеши акояш рафт, ки харро дар марғзори лаби сой ҳайдав карда бармегашт.

Мирзоаҳмад як ба атроф чашм дӯхт. Кӯҳи Сари Дор, ки ранги секунҷа буд, сар ба зону монда, мехобид. Ду рӯдак аз ду қаноташ сарнишеб шуда дар Зимарғ ба ҳам мепайвастанд ва номи Ҷиҷикрӯдро гирифта, аз канори Шахи Зиёрат гузашта, ба Фондарё мерехтанд. Дар пешорӯи Зимарғ каме дуртар, ағбаи на он қадар баланд уштурворӣ гарданашро ҷониби шарқ дароз карда, як паҳлӯ ёзида буд ва ба назар босалобат менамуд. Чаптари Зимарғ, болотар аз сой дар дили адире мазори Хоҷаи Гулрез воқеъ аст. Поёни мақбараи бузургвор қабристони ғарибон ҳаст. Мегӯянд, ки дар баҳорону тобистон баъзан аз беэҳтиётӣ мардуми раҳгузар таги тарма мемондаанд. Баъдтар, чун пушти замин луч мешудааст, чӯпонҳо бо кӯмаки зимарғиҳо мурдаҳоро ёфта дар ҳамин ҷо гӯр мекардаанд. Дертар соҳибони мурдаҳо дарак ёфта меомадаанд ва медидаанд, ки илоҷи бурдан нест, дуову фотиҳа хонда мерафтаанд.

Мирзоаҳмад ва ҳамсояҳояш дар кулбаҳои сангин, ки ҳусни ин маконро халалдор мекарданд, зиндагӣ доштанд ва ҳеҷ яке аз ишон дар тармиму таъмири хонаҳошон кӯшише ба харҷ намедоданд. Агар раҳгузаре, мусофире кунҷков боми пастаку девори ноҳамвори ин хонаҳоро дида, ин мардум-

ро ба беҳавасалагӣ мазаммат ва ё маломат бикунад, ҳамоно бо як соддагӣ ҷавоб медоданд: «Эй додар, аҷаб гапҳо мезанӣ. Хуштарҳии хонаҳову андоваи деворҳо он қадар муҳим нест. Муҳим он аст, ки барои худу аҳли байтамон сарпаноҳе дорему шукр, ки як бурда нонамонро ҳам дар ин ҷо ёфта мехӯрем. Пас мо хушбахтем. Ҳамту не? Боз ин алафзорро намебинӣ? Барои мо, ки кам ҳастем, кифоят мекунад. Ба ҷуз инҳо, як қадам онсӯтар кӯҳи сиёҳро нигоҳ кун, дил ба дили офтоб истодааст. Кони ангишт аст, ки зери нурҳои офтоб пӯсти морворӣ пеши чашм тофта мегӯяд: «Чи қадар тавонӣ, бар бисӯз!»

Мирзоаҳмад баъди каме кӯфти роҳро баровардан, ба воти замини зироаташ рафта хурсанд шуд. Майсаи гандум аз вазиши бод мурғак мерафт. Ӯ даст ба риш бурду зери лаб бо як қаноатмандие нидо кард:

– Чи хуш ки ба навқон (гандуми нав) расидем. Ҷав ҳам аллакай зард шудааст. Боби даравидан.

* * *

Чанд рӯз пас аҳли хонавода ҷави як қитъа замини лалмиро, ки расида буд, даравида бастанд. Чун тамом карданд, охирин бандро ба рӯи ғарам гузошта Мирзоаҳмад гуфт:

– Ҷавро дар вақташ сарҷамъ намекардем, қавра мекард. Беҳуда нагуфтаанд, ки: «Ҷав зардгардану гандум каҷгардан.»

Баъди ҳашари даравi ҷав, тарафи бегоҳ Кароматхон дар сари оштон нишаста, хӯрок тайёр мекард. Дуди оташи ҳезуми бурс аз гӯшаҳои оташдон ба ҳаво мехест. Бачаҳо ҳанӯзам дар берун бозӣ доштанд. Фақат Шоҳруххон- фарзанди калони ин оила такя ба болишт карда китоб мехонд. Ба қарибӣ қабул ба мактабҳои оливу омӯзишгоҳҳо оғоз мешуд. Ба омӯзишгоҳи техникии пойтахт ҳуҷҷат супорида буд. Ҳоло ба имтиҳоноти қабул омодагӣ медид. Дар сурати қабул шудан баъди чор сол соҳиби диплом мегардад. Вай беҳуда ин касбро ихтиёр накардааст. Медонист, ки Фонтоғ аз маъданҳо ғанӣ аст. Чи қадар сарватҳои зеризаминӣ, аз

қабили сурма, симоб, волфрам, арзиз, нуқра, тилло, қалъагӣ дорад диёри ӯ. Дуруст аст, ки комбинати маъдантозакунии Анзоб кор мекунад. Шахтаи ангишти Фон бештар маҳсулот медиҳад. Кони тиллои Чоре чӣ? Ҳанӯз коркард нашудааст. То кай ба умеди мутахассисони хориҷӣ мешавем? Имрӯз барои Тоҷикистони мо, ки қисми зиёдаш кӯҳистон аст, мутахассисони ватанӣ чун обу ҳаво заруранд. Ана, тамом карда мебиёяду бадани ин кӯҳҳоро чун пизишки асил дурустакак таҳқиқ мекунад. Сонӣ конҳои нав мекушоянд…

Қарибӣ шом буд, ки Кароматхон ҳамаро ба сари дастархон даъват кард. Шоҳруххон китобро пӯшонда як сӯ гузошт. Хесту даст шуста омад ва паҳлӯи падар нишаст. Дигар бачаҳо ҳам мувофиқи синну сол ҷой гирифтанд. Кароматхон дар косаҳо хӯрок кашида овард. Мирзоаҳмад гуфт:

– Канӣ, баччаҳо, ба шӯрбо нон реза кунед. Имрӯз ҳама заҳмат кашиданд. Ҳатто Гулнораҷон, ки ҳанӯз ба панҷ қадам наниходааст, дар канор намонда, кӯмакамон кард.

– Додо, Карим нони пеши маро гирифт,– баланд шуд ин дам овози Шораҳим.

– Рӯи дастархон нон ҳаст, бигиру ин қадар дод нагӯ,– насиҳад кард Кароматхон писарашро.

– Дурӯғ мегӯяд,– рад кард сухани Шоҳраҳимро Карим.

– Баччатон пои маро пуччид,–фарёд кард нобаҳангом Диловарчон.

– Кадомаш?- пурсид Кароматхон ва гуфт.- Метавонанд, ки падаратон як коса шӯрбошонро бемалол хӯранд?

– Баччагӣ-дия, очеш, - ба тарафи сачоқ даст бурда гуфт Мирзоаҳмад. – Мо ҳам инҳо барин будем. Баъзан бо Абдушукури бародарам барои як пора қанд дастобагиребон мешудем. Он вақт камчин буд қанд. Падару модарамонро завқ мекарданд. Бибиамон «ҳозир»,– гӯён зуд хеставу калидро аз банди кокулашон кушодаву дари сандуқчаашро боз карда, қанд оварда медоданд. Мо хап мешудем. Афсӯс, ки волидайн барвақт аз олам рафтанду мо сағира мондем. Хайрият, бибамон будаанд, набошад хор мешудем.

Мирзоаҳмад лаҳзае хомӯш монд банди ким–кадом хаёле.

Сонӣ боз тарафи занаш гуфт:

– Шукр, ки дар болои сари ин баччаҳо ману ту ҳастему инҳо эркагӣ мекунанд. Дунёи баччагӣ пур аз таззодоҳост сулҳу ҷангаш ҳаст. Охир бе ин намешавад.

Шоҳруххон ба чеҳраҳои додаронаш нигарист. Онҳо баъди ҳарфи падар ҳадди адабро нигоҳ дошта, сархам машғули хӯрокхӯрӣ буданд. Ин вақт худ ба худ аз Гулбӯй фикр кард. Пештар нисбати Гулбӯй беэътино буд. Баъди он ки донист Шерӯяи писари раис Ҳусейни Зокир гирди хонаи амакаш палмосида мегаштааст, рашк мекардагӣ шуд. Рӯзҳои охир ба ҳамин хулоса омада буд, ки Гулбӯй аз Ҳангома сад зина боло аст. Чаро то имрӯз ҳусну малоҳати Гулбӯйро дида натавонист? Кур будаст магар? Чӣ меҳрубониҳо дошт Гулбӯй нисбати ӯ, вале вай ин ҳамаро пешпо мезадааст. Дилаш гум зад ба ёди Гулбӯй ин лаҳза. Лабонаш ҷунбиданд беихтиёр: «Ба ман чи шудааст? Чаро Гулбӯй ба ёдам омад ин замон? Қаблан ба ӯ оё нафрат надоштам? Дирӯз адоват, имрӯз муҳаббат! Инро чи хел метавон тафсир кард?».

## БОБИ САВВУМ

– Ай мусофир, ба хайр аст?

– Ба хайр, бародар.

– Аз куҷо меоӣ?

– Аз Панҷхок.

– Аз Панҷхок? Пас дар ин тарафҳо чи кор мекунӣ?

– Ҷувонагове доштам. Аз пода ҷудо шудаст, ки наомад дишаб, ҳама ҷоро дидам нест. Гуфтам, ки як ин сӯро низ хабар бигирам, шояд пайдош бикунам.

– Ҷувонаатро дар Панҷхок гум кардиву аз Зимарғ меҷӯӣ?

– Ҳа, байни Панҷхоку Зимарғ фақат як ағбаи Уштур аст.

Аз ин пеш ҳам молу гови панҷхокиҳоро аз Зимарғ ёфта мебурданд. Ва баръакс агар молҳои зимарғиҳо гум мешудааст, дар Панҷхок меёфтаанд. Роҳи ағбаи Уштур қабл аз инқилоб роҳи корвон, роҳи тиҷорат будааст. Мардумми да-

раи Искотару Фондарё бо ҳамин роҳ ба Душанбеву Ҳисор рафтаву аз он тараф чизҳои зарурии рӯзгорашонро гирифта меомадаанд.

–Ағбаи Анзоб чӣ?

– Ағбаи Анзоб дар гузаштаҳои дур, дар рафтуомади бозаргонон монеа эҷод мекард. Аммо роҳи ағбаи Уштур ҳам наздик ва ҳам мувофиқи мақсад буд, ҳарчанд ки гарониҳо низ дошт. Дар давраи шӯравӣ чун роҳи мошингард кушоданд, бо воситаи ағбаи Анзоб роҳи Уштургардан ба гӯшаи фаромӯшӣ афтод. Лекин худат медонӣ, ки роҳи ағбаи Анзоб мавсимӣ аст. Ҳамин ки барф борид, Шодмондара банд мешавад. Ана, баъд роҳ ёбу гузар. Ағбаи Уштур дигар аст. То ҳанӯзам зиддигиҳо аз ағбаи Уштур (на аз ағбаи Анзоб) гузашта, дар Фонтоғ ва гирду атрофи он шикор мекунанд.

Ду мусофир дар домани кӯҳи Сари Дор аз ҳам ҷудо шуданд. Панҷхокӣ тарафи Зимарғ гом бардошт ва аммо ҳамсӯҳбаташ чобук аз санге ба санге ҷаҳида аз об гузашт, то ба ёнаи кӯҳи ҷониби офтобнишин барояд. Яқин сайёд буд, ки ба шикори сайде мерафт…

Панҷхокӣ қади об то Зимрағ омад. Дид, ки дутан дар ҳамвории лаби сой, поёнтар аз кулбаҳо хирман мекӯбанд. Яке чанд барзаговро гардан ба гардан баставу гирд мегардонад. Дигарӣ ки дар синну сол ҷавонтар менамуд, дар ҳошияи ошина истода бо шохаи чӯбин пояҳои нимқимаи титшудаи ҷавро ба таги пои барзаговҳо мепартофт. Ҳамзамон. овози марди хирманкӯб баланд мешуд:

*Ҳӯп–ҳӯп! Ҳу–ҳӯп!*
*Майда–Майда кӯб!*
*Ҳӯп–ҳӯп! Ҳу–ҳӯп!*
*Майда–майда кӯб!*

Говҳо вазнин гаштан доштанду таги пояшон пояи ҷав дар қима шудан буд.

Марди зимарғӣ пештар омада, гулӯ афшонда гуфт:

– Монда набошанд!

Мирзоаҳмад ки аз паси говҳо сурудхонон қадам мезад, сар боло карда тарафи оянда гуфт:

– Саломат бошанд! Биёянд, биёянд, хуш омаданд!

Мирзоаҳмад говронаро ба писараш Шоҳруххон дода, назди панҷхокӣ омад. Ҳар ду мулоқот карданд. Бо ишораи Мирзоаҳмад мардак рӯи шолак нишаст. Мирзоаҳмад дастархон кушода, як лаб кулчаро пеши меҳмон майда карда гузошт ва гуфт:

– Бигир, аз нон бигир. Ҳозир чой ҳам мебиёранд.

– Мегирам, мегирам,– гуфт панҷхокӣ, ки сахт гушна буд.

Баъди чанде аз хона Диловарҷон дар коса мост оварду як чойник чои кабуд.

Чун панҷхокӣ чанд пиёла паёпай чой нӯшид, гуфт:

– Чи хел бомазза! Ба сар кора кард, ки хастагӣ зуд рафъ шуд. Мирзоаҳмад бо ханда гуфт:

– Панҷхокӣ шуда намедонӣ, ки ин чой аз чӣ аст?

– Ба ростӣ, нафаҳмидам,– иқрор шуд панҷхокӣ.

– Ин ҷой аз барги хорчаи худамон. Медонӣ–а, гулаш зард, баргҳояш каб–кабуд?!- фаҳмонд Мирзоаҳмад.

Панҷхокӣ ҳарчанд ки худро ором нигоҳ медошт, ваҷоҳаташ ӯро ошкор мекард. Аз ин рӯ, Мирзоаҳмад тоқат накарда пурсид:

– Бубахш, бародар, мебинам, ки дилат тахт нест. Оё ягон чизро гум кардаӣ?

Панҷхокӣ гуфт:

– Ҳа. Ҷувонагове доштам. Рӯзи дуввум аст, ки мекобамаш.

– Чи ранг буд ҷувонаговат?

– Қунғур.

– Бинӣ, мешиносӣ?

– Чиба нашиносам аз они худамро?!

– Аз ҷоят хезу ҳо, ба лаби сой, поёнтар аз мазор нигоҳ кун.

Он ҷо чанд гови бегона. Дирӯз чоштгоҳ пайдо шуданд. Яқин аз ағбаи Уштур гузашта омадаанд ҷонварҳо. Ба Такфон нафароянд гуфта гардондамашон ва ҷониби алафзор

рондам.

Паҷхокӣ хеле бодиққат нигоҳ кард ва баъдан гуфт:

– Ҳо, ҳо, дар ҳамон ҷо ҷувонвговам. Раҳмат, ако, ки пеши говҳоро гардондаед, вагарна боз сарсон мешудам. Намедонам ин некии шуморо чи тавр ҷӯброн мекарда бошам.

Мирзоаҳмад гуфт:

– Ман чи кор кардам, ки подош талаб бикунам?! Фақат нагузоштам, ки фаромада раванд говҳо, намегардонам гум шуданашон яқин буд.

– Ҳамиирo мегӯям–дия! Хайр, кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, мегӯянд дар урфият. Шояд рӯзе расад, ки мо ҳам қусури хубиатонро барорем, ако.

– Ҳай–ҳай, унту нагӯ, бародар гӯш кун. Маълум ки он говҳои дигар низ аз они ҳамқишлоқиҳот бошанд. Ҳай карда бар, ки сарсон шуда наоянд.

– Майлаш ако, мебарам.

* * *

Сайёд ба косагие расид, ки ба резреги дарозрӯяе мечаспид. Дид, ки оҳуяке танҳо дар мобайни резрег истода, аз бими лағжидан ҳеҷ наметавонад ба сӯе ҳаракат кунад. Сайёд аз ин сайди худодод хушнуд гашта, ба дил гуфт: «Асираш мегирам.» Ба атроф як бори дигар чашм дӯхт. Маълум ки галаи оҳувон аз паси сархайлашон барои дарёфти ғизо пушти кӯҳ гузаштаанду ин оҳуяки ҳанӯз раҳомӯз нашуда, ин ҷо мондааст. «Шерӯя, тез аз паси сайд шав. вақтро нагузарон. Худо диҳад, намегӯянд, ки баччаи кӣ ҳастӣ», – андешид ӯ ҳам–хами буттаҳо болотар баромадаравон. Ҳамин ки масофа байни ваю оҳуяк кам монд, камандро аз миён кушода, як нӯгашро ба миён баст ва нӯги дигарашро ҳалқа карда, ҷониби оҳуяк партофт. Мехост камандро тарафи худ бикашад, ки оҳуяки гарданаш ба ҳалқа афтода тоб гашту сарозер, қади рез ҷаҳид. Бо такони аввал Шерӯя ихтиёр аз даст дода, ба рӯи регзор афтод. Ӯ дигар имконият наёфт, ки аз ҷой бихезад ва бо зӯр оҳуякро нигоҳ дорад. Ҳеҷ чашмдошт набуд, ки чунин ҳам

шуданаш мумкин аст. Чи илоҷ! Сайёд дигар нирӯи ба по рост шудану истодагарӣ карданро аз даст дода буд. Сайд аз тарси асир шудан ҳамончо ҷонсарак ба поён медавид ва камандро, ки як нӯгаш ба миёни Шерӯя баста шуда буд, аз пасаш кашола мекард…

Инсону ҳайвон дар як фосилаи муайян қарор доштанд ва марг ҳар дуро думболагир буд. Қадре пештар агар сайёд аз осон ба банд афтодани оҳуяк фикр мекард, эдун аз худ андеша дошт, ки осон мемирад. Фаҳмид анҷоми беандешагиро, ки ба чӣ оварда расонид. Дар ин хел вазъ чи хел метавон раҳоӣ ёфт?..

Оҳуяк баъди як хези дигар ба ҷарӣ афтод,

Вале сайёд дар лаби ҷар монд.

Чи воқеа рух дод ин замон? Чи ӯро боздошт?

Хоб аст ё бедорӣ?

Гашти баҳангоми сарнавиштро бинед! Қариб бо зиндагӣ хайрбод мекард ӯ. Марг ба ҳайси як гурбаи сиёҳ чашмонашро аз ӯ пӯшида гузашту ба домани оҳуяк, ки ҳеҷ асир шудан намехост, часпид. Ин ҳолат дар як миҷа задан рух дод…

Тамоми аъсобаш дард мекард. Вале кулли дардҳоро фурӯ бурда, ба атроф бодиққат нигарист, то бидонад, ки чи боиси наҷоти ӯ гаштааст. Ахиран донист, ки ғӯте бузург ҷонхариди вай шуда. Аз паси сайд кашола шуда омада ба ғӯт бархӯрданашро бинед. Ин ғӯт набудан пас ӯро чи пеш меомад?! Шукр, эзидро, ки дар вақташ ба имдоди ӯ расид!..

Сайёд нимҷон то дер гоҳ рӯ ба само хобида, ҳанӯзам фикр мекард аз он, ки чаро чунин буду чунин шуд. Оқибат дарёфт мӯҷиби ба ин фалокат афтоданашро: нодонӣ ва бетаҷрибагӣ. Як нӯги камандро ба миён бастанаш аз аблаҳӣ буд. Ҳаром мемурд чи мешуд?! Ба ёд овард, ки ин ҷо чанд лаҳза қабл як навъ ҳарб мерафт байни инсону ҳайвон. Дар аввал пирӯзӣ тарафи оҳуяк буду бохт ҷониби сайёд. Сонӣ, ғайричашмдошт кор дигаргун шуд. Оҳуяк ба сайёд тан додан нахосту ба марг маҳкум шуд. Ӯ чӣ? Сӯи марг мешитофт, ки ғӯте садди искандарӣ гашт. Ва ӯ тасодуфан зинда монд. Ана инро қазову қадар мегӯянд…

Сайёд, ки ҳанӯз беҳол буд, қадре ҷумбида якпаҳлӯ шуд ва бо азобе кордро аз миён гирифта, камандро буррид. Оҳуякро, ки яқин ҳалқа гулӯгираш карда ва дар миёнаи ҷар овезон монда буд, баробари канда шудани ресмон ба жарфно фурӯ рафт. Аввал садои ба ҳам бархӯрдани сангҳо ба гӯш расиду баъд чанге ба ҳаво хест. Сонӣ, атрофро хомӯшии дилгиркунанда фаро гирифт.

Сайёд аз миён болояшро аз замин канд ва гаваккашон аз ҷарӣ дур шуд. Донист ки як дасташ каме ногиро аст, ҳанӯзам аз пешониаш хун метаровад. Соате оромидан хост, ки сарашро ба рӯи санг ниҳод.

* * *

Чӯпонҳо рамаро пас аз шабхӯрӣ дар дили даст барин ҳамворӣ ба ихтиёри худ гузошта, яке барои ҳезум овардан рафту дигаре сари санге нишаст. «Мол ҳамон вақт фарбеҳ мешавад, ки шаб ҳам хӯрад. Дар шаб гӯсфанд хушку тарро баробар фурӯ мебарад. Ҳатто мор пеш ояд, мехӯрад, мегӯянд. Имшаб миҷа таҳ накарда молро то ин баландӣ рондаанд. Акнун дар ин ҳамворӣ даме хоби сариасоӣ кардан мумкин аст. Лекин, ку баччаи хоб? Не, беҳтараш най бинавозам,»– тафаккур кард Меҳроҷ. Найро аз бағал баровардa рӯи санг дурустакак нишаст ва ба навохтан даромад. Най ҳазин–ҳазин ба нола оғоз кард. Аз ишқу ошиқӣ, аз фироқ ҳарф мезад гӯиё най. Чунон ҷонгудоз буд садояш, ки ҳатто дили сангҳоро об мекард, рустаҳоро ба андеша кардан водор менамуд, чашмасоронро мегирёнд, тани арчаҳоро такон медод, бодро аз ҳаракат бозмедошт. Баррачаҳои ширмаст гӯшҳоро ҷӯр карда, ба сӯи найнавоз менигаристанд. Баногоҳ оҳанг шӯхтар садо дод. Эдун манзара бетамом тағйир ёфт. Ҳама атрофиён гӯйӣ ба рақс даромаданд. Баъоси гӯсфандон бо оҳанги най ҷӯр шуда, як симфонияи аҷиберо эҷод мекард, ки назирашро ҳеҷ оҳансозе наофарида то ҳанӯз…

Меҳроҷи чӯпон ҳамоно най менавохту менавохт. Оҳанг шиддат гирифт, ки шӯртару сӯзтар садо дод. Паҳное васеъ пеши назар меомад, ки дар он саворахо ҳай асп медавондан-

ду галаи ғизолонро таъкиб мекарданд. Саворахо қафо монданд. Ин дам аз тарафи дигар боз як гурӯҳ саворахо пайдо шуда, ғизолонро пешгирак мекунанд. Ғизолон меистанд. Ба кадом сӯ бираванд? Сархайл онҳоро ба дигар ҷониб мекашад. «хо–ҳо, ҳӣ–ҳӣ, дор–гир!» - ҳаёҳу доранд саворахо, ки сайдро муфт аз даст дода буданд…

Меҳроҷ фаромӯш карда буд, ки дар сари кӯҳҳост. Бо воситаи най қиссаи худу Шабнамашро, алмоси ишқашро ифшо мекард ба ҳар сӯ. Насим онро дуртар мебурд… Он қисса чунин буд:

Шабнам хотири париш дошт, чун мӯҳош. Сабаб пурсид, гуфт:

– Падарам розӣ нест, ки ман ба ту расам. Чӣ бояд кард?!

Меҳроҷ гуфт:

– Мегурезем.

Шабнам гуфт:

– Чи хел мешавад? Падару модарам чӣ мегӯянд? Наход, роҳи дигар набошад?

Меҳроҷ гуфт:

– Дар ин ҷо монем, туро ба ман намедиҳанд.

Шабнам бо ҳарос гуфт:

– Мешунавӣ? Меоянд.

Меҳроҷ гуфт:

– Киҳо?

Шабнам ба Меҳроҷ ҷафс шуд:

–Падарам, Отабой ва одамонаш… мегурезем.

Дастобадаст медаванд ба сӯе. Аз пеш Отабойу одамонаш пеши роҳи онҳоро мегиранд.

Ошиқон ба дигар ҷониб рӯ меоранд. Боз одамон бо ханҷарҳои кашидаву туфанг пайдо мешаванд.

Ҳар ду меистанд дар ҷоҳошон. Гирандаи Шабнам Отабой мегӯяд:

– Меҳроҷ, сар деҳ дасти духтарро, ки номаҳрамӣ ба ӯ.

Меҳроҷ мегӯяд:

– Чи мегӯӣ? Сар медиҳаму намедиҳам сар!

Отабой мегӯяд:

– Ҳақ надорӣ, ки сар надиҳӣ.

Меҳроҷ мегӯяд:

– Чаро ҳақ надоштаам? Дорам.

Отабой мегӯяд:

– Ту ба кадом ваҷҳ ҳақдор шудаӣ. Меҳроҷ?

Меҳроҷ мегӯяд:

– Ҳаққи ман ҳамин аст, ки дӯсташ медорам.

Отабой мегӯяд:

– Шабнам номзади ман аст.

Меҳроҷ мегӯяд:

– Шабнам маъшуқаи ман аст!

Отабой гуфт:

– Хобатро ба об гӯй, Меҳроҷ!

Меҳроҷ мегӯяд:

– Хоби бадро ба об мегӯянд, Отабой. Бубин ки духтар тарафи ки майл дорад.

Отабой наздиктар омад.

Шабнам ба Меҳроҷ гуфт:

– Маро ба инҳо мадеҳ.

Отабой ба ҳамроҳонаш амр кард:

– Шабнамро гирифта баред. Хоҳиши падараш чунин аст.

Чанд тан базӯрӣ Шабнамро аз Меҳроҷ ҷудо карда, бурданӣ мешаванд. Меҳроҷ ду танро зада, аз пой меафтонад. Саввумиро болои сараш бардошта, ба як сӯ мепартояд, ки аз пас Отабой бо зарбае сахт ӯро нақши замин мекунад. Меҳроҷ аранге садои Шабнамро мешунавад: «Меҳроҷ, эҳтиёт шав, ки инҳо бераҳманд…»

* * *

Абӯбакри шарикаш аз поён ҷеғ зад:

– Меҳроҷ, чой тайёр, биё.

Садои най қатъ гардид.

Меҳроҷ аз олами андешаҳо канда шуда, найро ба бағал гузошту сарнишеб шуд. Ду саг давида омада пеши пояш афтоданд. Гӯиё гуфтанӣ буданд, ки: «Мо аз ту розӣ нестем. Чаро қатъ кардӣ навохтани найро? Он қадар ҷаззоб буд

оҳангат!..»

– Хайр, шуд, роҳ диҳед охир, - гуфт Меҳроҷ сари сагҳоро силакунон. Ҷавобан ба муҳаббати соҳибашон сагҳо дум ҷунбонда, изҳори қаноатмандӣ мекарданд.

Меҳроҷ чашм аз сагҳо наканда андешид: «Бӯгиру Ботур сагҳои доноянд. Ҳамеша аз ду қаноти мол мераванд. Ҳар гоҳ гӯсфанде аз рама қафо монад, пешандоз карда ба мол ҳамроҳ мекунанд. Фаромӯш накардааст, боре хобашон бурда мондаааст, хестанд ки дар хутан мол нест. Хеле кофтанд. Чун ба Арчамайдон расиданд диданд, ки сагҳо молро гирдгардон карда, нигоҳ доштаанд. Ҳисоб карданд, шумури гӯсфандон дуруст баромад. Ягонто гум нест. Аз чӯпони асил кам нестанд…

* * *

Тарафи бегоҳ рамаро хӯронда–хӯронда ба косагӣ расиданд чӯпонҳо, ки сагҳо чизеро пайхас карда, аккосзанон поёнрӯ давиданд. Меҳроҷ аз дур шинохт ҷисми одамиро, ки болотар аз ҷарӣ, рӯ ба осмон хобидааст. Табуш дод. Сагҳо бозистоданд. Ба асо такякунон рӯ–рӯи рез ғеҷида фаромад. Хам шуд рӯи одами хобида ва зери лаб гуфт: «Зинда.» Аз китфаш каме бардошт. Одам чашм кушод. Меҳроҷ пурсид:

– Ба ту чи шуд?

Шерӯя, ки бо кӯмаки Меҳроҷ аз ҷояш нимхез шуда буд, пастак гуфт:

– Сонӣ мегӯям. Ҳоло беҳад ташнаам, агар об дорӣ, бидеҳ.

Меҳроҷ даст ба миён бурда, риштаи обгинаро аз тасма ҷудо кард ва даҳонашро кушода ба Шерӯя дод:

– Бинӯш.

Шерӯя ҳарисона обгинаро ба сар кашид. Нисфи об аз ду гӯшаи лабонаш ба замин рехт.

Меҳроҷ гуфт:

– Оҳиста нӯш охир, нисфашро рехтӣ.

Шерӯя обгинаро тарафи Меҳроҷ дароз карда гуфт:

– Кифоя.

Абӯбакр ҳам расида омад. Меҳроҷ гуфт:

– Ту ин одамро ба хутан бар. Ман аз паси мол мешавам.

Шерӯя гуфт:

– Туфангам ҳо дар боло, дар рӯи рез. Илтимос, ҳамон намонад.

Меҳроҷ гуфт:

– Хавотир нашав, мегирам.

Баъд аз он, ки ба қӯра расиданд пасу пеш, Меҳроҷ фармуд шарикаш об овард. Шерӯя дасту рӯяшро шуст, либосҳои рӯяшро кашида либосҳои тоза пӯшид. Меҳроҷ ба вай гуфт:

– Шири тоза биёрамат, ё айрон? (шири гӯсфандро дӯшида бо ишкамба мегиранд, аввал дар офтоб монда, баъд ба оби хунук мениҳанд, ки маст шавад.)

– Ихтиёр ба шумо, ако– гуфт Шерӯя, ки акнун худро хеле бардам ҳис мекард.

– Айрон биёр,– фармуд шарикашро Меҳроҷ.

Абӯбакр зуд ишкамбаи айронро аз почаи хӯрҷин берун гирифта ба дӯлча рехт ва дӯлчаро ба Шерӯя дароз кард:

– Бигир.

Шерӯя баъди нӯшиданни айрон лабонашро бо рӯймолча пок карда гуфт:

– Чи хел неъмати бебаҳо будаст айрон!

– Хайр, боз тавонӣ яктаи дигар нӯшу каме дароз каш. Ман барраи ширмастеро сар мезанам, кабоб мепазем,– гуфт Меҳроҷ аз ҷой хеста.

Шерӯя гуфт:

– Барои ман бошад, зарур нест.

Меҳроҷ гуфт:

– Чаро? Охир ту ҳар рӯз меҳмон намешавӣ–ку! Худамон ҳам мехӯрем…

Шаб, баъди хӯрок Шерӯя воқиаро бо ҳама тафсилоташ нақл кард. Меҳроҷ, гуфт:

– Аҷаб коре шудаст. Ин тӯр воқеъ шуданро бори аввал мешунавам. Мегӯӣ ки афсона аст. Лекин зинда монданатро гӯй…

Дар берун гулхан афрӯхта, гирди он нишаста буданд се тан: Меҳроҷу Абӯбакр ва Шерӯя. Меҳроҷро хумораш омаду ин дафъа танбӯр ба даст гирифта, ба торҳои он нохун зад.

Оҳанге нахуст паст–паст садо доду баъд тадриҷан баланд шуда синаи торикиро шикофта ба дуриҳои дур паҳн гардид. Дар дили шаб, ки деви зулмат чашми хусумат аз гулхани фурӯзон намеканд, овози танбӯр форам–форам ба гӯш мерасид. Ҳар се маҳви наво шуда, дар олами хаёлоти ширин сайр мекарданд, ки ногаҳ ғизоле хушпайкар пайдо шуд дар миёни давра, наздик ба гулхан, хомӯш чашм аз оташ намеканд. Ҳатто мӯяш намеҷунбид. Аввал аз нишастагон касе пайхас накард, ки ин ҷо ғизоле ҳаст. Баъдтар Абӯбакру Шерӯя дида монданд. Меҳроҷ, ки чашмонашро пӯшидаву ҳамоно гарми навохтан буд, хеле дер бохабар шуд аз вуруди ғизол. Чанд лаҳза ҳам нишастагони гирди гулхан, ҳам ғизол ноҷунбон монданд, карахту лол монданд. Лекин ҳама чиз поён дорад. Яке сурфиду ғизол ҳушёр шуд ва худро дар иҳотаи одамон дида, ба ваҳшат омад, ки ҷаҳида аз гулхан гузашт ва ба тарафе ҷавлон гирифт.

Се тан таҳти таассуроти ин ҳодиса лаб аз сухан баставу ҳайратзада буданд аз он, ки он чи дидан ҳамин ҳоло, дар хоб буд ё бедорӣ.

Меҳроҷ, ки танбӯрро ба як сӯ гузошта буд, ба шишаи хомӯшӣ санг зад:

– Аз ин пеш ҳикояти Шерӯя барои мо аҷиб менамуд. Бубинед, ки ин воқиа аҷибтар аз он аст. Магар ин ҷо ҷонвар аз таъкиби даррандае гурехта ба назди мо омад?

– Яқин сиёҳӣ хурдааст, ки ноилоҷ монда ин сӯ омадааст, - тахмин кард Абӯбакр.

– Тахт истоданашро гӯед,–гуфт Шерӯя.- Аз афташ, аввал моро надид, сонӣ, ҳай зъурехта! Ҳаммоно тафаккур кард: «Яке аз инсон мегузараду дигаре ба паноҳи ӯ меояд. Ин чи муаммо аст?!»

– Бовар намекунам, ба он чи ҳамин ҳоло дидаем. Чи тасодуфе! - гуфтани Меҳроҷ ба рӯи ахтари афкори Шерӯя хокистар кашид.

# БОБИ ЧАҲОРУМ

Як шомгоҳ, баъди хӯрок, чун пиёлаи чой ба гардиш даромад, Мирзоаҳмад нигоҳашро ба лампаи хирасӯз дӯхта (ҳанӯз ба Зимарғ хати барқ накашида буданд) аз Шоҳруххон пурсид:

– Баччем, кай ба Душанбе меравӣ?

– Пас аз ҳафтае, дадо.

– Ҳеҷ дар бораи зангирӣ фикр мекунӣ?

– Баъди хатми омӯзишгоҳ, албатта, агар қабул шавам.

– Худо хоҳад, қабул мешавӣ. Соле ки накӯст, аз баҳораш маълум, гуфтанд. Шабу рӯз ки мехонӣ, бояд ба мақсадат расӣ. Мехостагиатро гӯӣ, ки ноншиканон карда монем мегӯям. Ҳолиё расм шудааст, ки барвақт побаст карда мемонанд духтаронро. Нигоҳ карда шинӣ, ҳамту аз пеши назарат духтарро мегиранд, ки нафаҳмида мемонӣ. Баъд мебинӣ, ки дер шудаст, яъне аз даст рафтааст духтар.

– Арӯс тайёр–ку, дадеш!- ба гап ҳамроҳ шуд Кароматхон, ки ҳозир зарфҳоро шуста омада буд.

–Кӣ вай?

– Фаромӯш кардед чи духтари додаратонро? Гулбӯй–дия! Аз хурдӣ доманчок карда будем. Ҳуснашро намегӯед. Ба одобаш хоҷати гап ҳам нест.

– Дуруст мегӯӣ занак, лекин фикри бачаро фаҳмем гуфтем. Ин замона бачаҳо ҳар лаҳза тағйир ёфтанашон мумкин аст. Яке мебинӣ, ки домани дигареро доштааст баччет. Дилпур шавем нағз–дия.

– Ҳа, дар такфон овоза, ки дили Шоҳруххон ба кадом як Ҳангома будааст. Гулбӯйро гӯё намехостааст.

– Ана, дидӣ, гап кушодани ман сари ин масъала беасос нест. Хуб, канӣ худаш чӣ мегӯяд?

– Ҳоло вақти ин гапҳо набудагист, дадо. Маро чор соли хонадан дар пеш аст. Боз чи воқиаҳое рух доданаш мумкин. Ҳатто намедонем, ки ҳамин шаб пагоҳ чи мезояд,– гуфт Шоҳрухон.

– Дуруст, лекин мо нагуфтаем, ки ҳошокалло туро ҳамин шабу рӯз каллабаст мекунем. Фақат донем таги дилатро бас,– шӯрид падар.

Шоҳруххон фурсате хомӯш монд. Яқин эҳсос мекард, ки ин лаҳзаҳо барои Гулбӯй лаҳзаҳои тақдирсоз аст. Як нӯги риштаи сарнавишти духтарак ҳанӯзам дар дасти ӯст. Агар ин соат онро раҳо кунад, байни ваю Гулбӯй алоқа тамом. Ва агар нӯги риштаро тарафи худ кашад–чӣ? Гулбӯй як умр бо вай мемонад. Ҳа, як умр! Ин ҷо аз амакаш Абдушукуру янгааш Маҳинабону низ бояд фикр кард. Оилаи онҳову оилаи амакаш чунон бо ҳам наздиканд, ки… Метавонад дар як он «маҷлиси унс»–и ду оиларо ба маъракаи «ғам» табдил диҳад. Ана, нозуки кор дар куҷост! Ин лаҳза ақл ба ӯ гуфт: «Гулбӯй дӯстат медорад, ҳарчанд ки ошкор намекунад. Ба ин ягон шубҳае нест. Ту ҳам дӯсташ дор! Аз даст мадеҳаш, ки пушаймон мешавӣ.»

Шоҳруххон аз ин садо якқад парид ва худашро «ғун» карда, хаёле ба девори хона, ки зери нури лампа сояҳои нишастагон ба он афтода, баробари ҳаракати ишон пасту баланд мешуданд, нигарист ва андешид, ки падару модарро нигарон карданаш хуб нест. Ҷавоби ӯро бесаброна интизоранд. Боз хаёле Гулбӯю Ҳангомаро дар мизони ақл баркашида ба ҳамин қарор омад, ки тарафи Гулбӯй вазнинтар аст, аз ин рӯ гуфт:

– Ману Гулбӯй доманчок будаем, ҳамту не? Пас он чи раъйи шумоён ҳаст, ҳамон мешавад.

– Яъне Гулбӯйро?!-ба ҳаяҷон омад Кароматхон.- Барака ёбӣ, баччаҷонакам!

Мирзоаҳмад бо қаноатмандӣ сар ҷунбонда хест, ки намози хуфтанро адо кунад.

* * *

Чун Шоҳруххон ба Душанбе рафт, Мирзоаҳмад ба Такфон фаромад. Ҳавлиро хабар гирифт. Дид, ки боғ обталаб шудааст, ба ҷӯй об сар дода, ба бехи дарахтон равон кард. Аз анбор досро гирифта, алафи назди меҳмонхонаро

даравид, бехи гулҳоро нарм кард. Баъд ба кӯча баромада тарафи хонаи бародараш Абдушукур бардам–бардам қадам ниҳод.

Дарвозаро ба рӯяш Гулбӯй кушод.

– Духтарам, ҳама тинҷ ҳастетон?- пурсид аз Гулбӯй.

Гулбӯй ширин–ширин лаб ба сухан кушод:

– Шукр, ба офаятем. Шумоён чи хел? Янгааму бачаҳо чи тӯр? Хубанд?

– Нағз–нағз ҳама, мепурсанд шумоёнро

– Дароед охир, амак. Падарам дар хона.

– Не–е! Кай омад аз сари мол?

– Аз шумо каме пештар. Шуморо пурсиданд.

Мирзоаҳмад ба арӯси ояндааш бодиққат нигоҳ кард. Як шармгинии мафтункунандае ба ҳусни Гулбӯй ҳусни дигар зам мекард. Аз тангии дил гузаронд: «Чи зебо ва дилрабо шудааст ин Гулбӯй!»

Гулбӯй ки ду рӯяш аз ҳаё сурх шуда буд, сар хам карда дар канор меистод ва мунтазири он буд, ки кай амакаш пеш медарояду ӯ аз пасаш равон мегардад

Мирзоаҳмад дар хонаи бародараш хеле нишаст. Аз ҳар дар сӯҳбат карданд. Қариби хестан тарафи Абдушукуру Маҳинбону гуфт:

– Имшаб аз наздикон ду касро мефиристонам, ҳаққу ҳамсояҳоро ҷеғ занед. Гулбӯйро ба Шоҳрухон нон шикаста монем…

* * *

Шоҳруххон имтиҳоноти қабулро бомуваффақият супорида ба Зимарғ баргашт ва рӯзи дигар ба падараш гуфт:

– Бекор наметавонам нишастан, аз ин рӯ чи мешавад, ки девори хонаамонро андова кунам. Ба назарам сангҳои девор ким–чи хел баднамуданд.

– Майлаш, бо бардаронат хок канда лой хобонед. Пагоҳ ҳашар мекунем,– розӣ шуд Мирзоаҳмад ва таъқид кард, ки лой серкаҳ биёд.

Ҳамон рӯз дар Хокканак хок кандаву бо маркаб кашон-

данд ва лой карда болояшро пушти бел заданд, то биосояду ғоз бигирад.

Рӯзи дигар хурду калон шуда девори хонаро андовиданд.

Кароматхон ҳар замон ҷониби Шоҳруххон мегуфт:

– Баччем, монда шудӣ, каме дам гир охир. Кори лой вазнин аст.

Шоҳруххон мегуфт:

– Кадом кори дунё сабук аст, очаҷон? Дидед чи сон хона чеҳра дигар кард. Ҳар кас бинад, ҳавасаш меояд, ки соҳибони хона одамони дуруст будаанд, ободкор будаанд.

Дуруст, баччем. Лекин бигӯ, ки чиба пештар фикри андовидани девори хона ба сарамон наомадааст? Саҳл кор будаасту…

– Эътибор намедодетон ба ин. Дар байни чор девори сангин зиндагӣ кардан ба шумоён одат шуда монда буд. Дар Душанбе рӯзҳои фориғ аз имтиҳон мардикорӣ кардам, оча. Ҳамон вақт чи тӯр андова карданро ёд гирифтам. Гуфтам, ки поям ба Зимғар расад, девори хонаамонро лой менадовам.

– Бинед–а! Чи хел ба чашм мезадагӣ шуда монд хонаамон,– шодмонӣ мекард модар ва ҳар чи аз хӯрданӣ захира карда буд, чун мағзу дона, қанду қандалот рӯи дастархон мерехт пеши Шоҳруххон ва мегуфт. – Хурд охир, баччем. Ба Душанбе, ки рафтӣ, ин чизҳоро пазмон мешавӣ.

Шоҳруххон ба соддагии модараш хандид ҷавоб медод:

– Дар бозори Душанбе аз ин чизҳо фаровон.

– Маззаи инҳо дигар, мегӯям.

– Сер шудам, оча. Ташвиши зиёдатӣ накашед, бишинед даме. Шумо аз мо зиёдтар давуғеҷ карда, хаста шудед.

Шоҳруххон хаёле Гулбӯйро ёд кард, ки ҳамеша мехост ба ӯ чизе ҳадя кунад, вале ӯ қабул намекард. Ин дам байни модарашу Гулбӯй ким–чи хел як умумиятеро дарёфт ва зери лаб гуфт. «Занҳо кони меҳранд, аммо мардҳо, бахусус ӯ дигар мефаҳмидаанд дунёро. Чи сон муносибат карданро аз занҳо ёд гирифтан даркор будааст. Мо, мардон, яқин як қамчин дағалӣ доштаем.»

* * *

Шоҳруххон ба Такфон расида, ҳамзамон роҳи хонаи амакашро пеш гирифт. Мехост Гулбӯяшро ҳар чи зудтар бубинад. «Чи хел хушрӯ шудагист.»– Тафаккур мекард раҳораҳ. Чун ба тангкӯчаи Гулбӯино ворид гардид, гуфтугӯи ду касро шунид. Худро қадре ба девор чафс карда гуш ба қимор истод.

– Садои дили маро мешунавӣ?

– Чи мегӯяд?

– Мегӯяд, ки пазмон ҳастам.

– Пазмони кӣ будааст?

– Гӯё намедонӣ. Пазмони ту–дия.

– Аз кай боз? То ҳол пай набурдаем.

– Гулбӯй, диранг макуну…

– Чӣ ин қадар магасворӣ ба ман часпидаӣ, Шерӯя? Охир медонӣ, ки побасти Шоҳруххон ҳастам. Шарм намекунӣ?

– Медонам, ки дили вай ба Ҳангома аст, пас ту боз чи нигаронӣ дорӣ аз ӯ?

Шоҳруххонро ҳол мутаҳайир гашт. Як эҳсоси мағшуше хорворӣ тамоми тану ҷонашро харошид. «Ин чи аҳвол аст? Аз кай боз ин Гулбӯйи хаппак «ҳушёр» шуда, бо мардбаччаҳо «бозӣ» дорад?» Таҳти андеша қадам тез кард, то ба онҳо бирасад. Гулбӯй ӯро дидан замон гурехта ба ҳавлиашон даромад. Шерӯя дар қади кӯча ноилоҷ монд. Шоҳруххон ба ӯ наздик омаду бо азобе таспи қаҳрашро фурӯ нишонда бе ягон сарахбор пурсид:

– Ин ҷо чи кор мекунӣ?

– Омада будам, ки фаҳмам амаки Абдушукур кай аз сари мол бармегарданд,– посух дод Шерӯя, ки ранги канда дошт.

– Аз кӣ фаҳмидан хостӣ? Аз занашон ё аз Гулбӯи духтарашон?

– Аз пушти дарвоза фарёд кардам, Гулбӯй баромад.

– Шунидам. Чиҳо мегуфтӣ ба вай? Бачча, бифаҳм ки вай…

– Медонам ки духтари амакат аст. Гапи беҳуда нагуфтамаша.

– Дигар такрор нашавад, ки зада мағзатро мебарорам.

– Душанбе рафта зӯр шуда омадам гӯй!

– Ман пеш ҳам зӯр будам. Магар фаромӯш кардӣ?

– Наход фаромӯш карда бошам ҳангомаҳоятро бо Ҳангома? Гулбӯй рӯҳан азоб мекашид, азоб мекашид аз гирудори бемаъниатон.

– Номи Гулбӯйро ба даҳони ҳаромат нагир.

– Ҳо, аз кай боз ба духтари амакатон меҳрубон шудед?- бо истеҳзо гуфт Шерӯя ба «шумо–шумо» гузашта.

– Кори ту чӣ?

– Ҳа, акнун фаҳмидам таги гапро. Дар ҳақиқат шумоён доманчок ҳам ҳастетон.

– Доманчок ҳастем, акнун фотиҳа ҳам шудаем. Аз ин рӯ, поятро аз ин даргоҳ калта кун, ки… Афсӯс роҳ асту раҳгузарон бисёранд. Адабатро дода монданам даркор буду… Хайр, дигар вақт боз вомехӯрем,– мушт гиреҳ кард Шоҳруххон.

– Шуд, шуд,– гӯён қафонокӣ рафта ба хами кӯча гузашт ва ғайб зад Шерӯя.

Шоҳруххон хаёле ҳайрон монд дар чода: ба ҳавлии амакаш дарояд ва ё баргардад? Амали Гулбӯй гаранг карда буд ӯро. Мехост набинад рӯи ин духтарро. Вале муҳаббати амакашу янгааш нисбати ӯву хонаводаашон миёни ситезаро бишкаста, кинаро бемадор кард, ки по даруни дарвоза монд.

Шоҳруххонро янгааш Маҳинабону бо чеҳраи кушод истиқбол кард.

– Биё, биё, Шоҳруххони янгеш, хуш омадӣ! Намедонист кучҷо шинонад ӯро.

Оқибат Шоҳруххон нишаст.

Маҳинабону гуфт:

– Шабурӯз дар бораи ту ҳарф мезадем.

Шоҳруххон дар дил андешид: «Киҳо ҳарф мезадаанд дар бораи ӯ? Хайр, маълум ки янгаам, боз кӣ? Амакам, боз кӣ? Амакам дар чӯпонӣ. Дигар бачаҳо ҳанӯз хурдакаку лоиқи сӯҳбат нестанд. Пас… пас Гулбӯй? Агар чунин аст, вохӯрданашро бо Шерӯя чи хел метавон арзёбӣ кард? Шояд

духтар аз соддагӣ баромадааст пеши Шерӯя, то бифаҳмад, ки чӣ мегӯяд. Қаблан намедонист, ки Шерӯя барои чи омада. Яқин ҳамин тавр аст. Пас бахшидан мумкин ӯро?»

– Чӣ, хомӯш мондӣ? Гап зан охир,– Шоҳруххонро аз андешаҳо дур кард Маҳинабону,– бигӯ ки қабул шудӣ?

– Ҳа янга, қабул шудам.

– Табрик, табрик. Хайр, ба кадом мактаб?

– Ба омӯзишгоҳи техникӣ.

– Боз ин чи аст? Тамом кунӣ, кӣ мешавӣ?

– Пармагар.

– А? Дуруст нафаҳмидам.

Ин замон суробе аз пуштти дари оинадори хона гузашт. Гулбӯй. Гулбӯй аст, ки аз паси дар мепояд,– пичиррос зад зери лаб Шоҳруххон аз ҳаяҷони ботинӣ. Аз нишот дилаш даруни синааш қамчин зад. Нигоҳи ташнаашро ҳеҷ аз дар канда наметавонист. Ваъзи пур аз изтироби ӯ аз чашми янгаaш махфӣ намонд, ки бо ханда гуфт:

– Гулбӯй аз ту мегурезад.

– Чиба, охир мо то дируз як ҷо бозӣ мекардем, як ҷо мехондем. Имрӯз бегона шудем?- бо тааҷҷуб гуфт Шоҳруххон.

Маҳинабону гуфт:

– Дуруст, он вақт хурд будетон, ҳоло болиғ шудаетон.

– Чӣ, ба камол расидан маънои аз ҳам дур буданро дорад? О, мо хеши наздик ҳастем.

– Ҳамтую… боз ӯ, ки номзади ту аст, рӯ мепӯшад аз ту.

– То кай давом мекунад ин…?-бо озурдагӣ пурсид Шоҳруххон.

– То тӯи арӯсӣ. Расм ҳамин аст, таомул ҳамин аст. Намешавад аз он баромадан,– гуфта Маҳинабону аз дигар тараф гап кушод. – Бигӯ, ки сӯҳбатамон сари чӣ буд? Ҳа, ҳа, ёфтам. Дар бораи касби ояндаат ҳарф мезадем.

Шоҳруххон гуфт:

– Таҳқиқгар мешавам. «Ҷайб»–и кӯҳҳоро мекобам, ки дар куҷо тилло ҳасту дар куҷо «хуни аждаҳо», яъне симоб. Дар куҷо нуқра ҳасту дар куҷо арзиз. Захирааш чи қадар? Мазмун чизеро меҷӯям, ки ҳаргиз гум накардаам…

Боз аз паси дар ширин–ширин хандидану сабук–сабук по монда рафтани Гулбӯйиро ҳар ду ҳис карда, ҷониби якдигар нигоҳ карданд. Беихтиёр табассум дар кунҷи лабҳояшон гуд кард. Маҳинабону аз ҷой ковок шуда, тарафи Шоҳруххон гуфт:

– Коре карда боз наравӣ? Ман ҳозир хӯрок мебиёрам.

– Даркор набуд,– гуфт Шоҳруххон, ки азми рафтан дошт.

– Ин тавр нагӯй, ки хафа мешавам.

Айни хурокхурӣ ҳам Гулбӯй пайдо нашуд. «Шояд дар рӯи ҳавлӣ бубинамаш,– чароғаки умедро дар як гӯшаи дили беқарораш фурӯзон нигоҳ доштанӣ мешуд Шоҳруххон. Не, не, тамоман дигар нанамуд духтар. «Ба даст афтоданаш кори ӯро кард–дия», – хулоса кард Шоҳруххон, вақте ки аз дарвоза мебаромад…

## БОБИ ПАНҶУМ

Баробари занги соат аз хоб хест Шоҳруххон. Чашмонашро молида–молида то назди миз омад. Дид, ки соат аз 6 гузаштааст, гӯшаки радиоро тоб дод. Ҳофиз мехонд:

*Бидидам, гул вафодорӣ надорад,*
*Ба роҳи ишқ подорӣ надорад.*
*Насими раҳгузар чун бӯсад онро*
*Ба булбул вай дигар коре надорад.*
*Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не,*

* * *

*Ба рӯи ҳавлӣ баромад Шоҳруххон.*

Гӯиё галлаи аспони сапеда алафзори торикиро сумкӯб карда, ба тарафи ғарб метохт. Золи сияҳҷома тахтаву тиракашро ғундоштаву гулдухтари рӯзи навин дар тараддуди ба тахти заррин нишастан буд.

Шоҳруххон ба ҳаёти донишҷӯй ба сахтӣ одат мекард. Ин

ҷо ҳама чизро бояд худат ӯҳда кунӣ будаст. Хона ёб, пули иҷора бидеҳ. Шаш соат–ҳашт соат ҳар рӯз бидуни якшанбе дар паси курсии қоқ бишину дарси муаллимонро гӯш кун, ба машғулиятҳои амалӣ тайёр шав, либосҳоятро худат шӯй, хӯрокатро худат паз, ба пахтачинӣ рав боз садҳо майдачуйдаҳои дигар. Дар қишлоқ зиндагӣ дигар будаст. Чи қадар хобӣ! Мехезӣ, ки чоят тайёр, хӯрокат дар пешат, либосҳоятро шустаанд. Гирду ту модарату укоҳову хоҳаракат парвона. Баччагӣ аҷаб дунёе буд. Эҳ баччагӣ! Лаб–лаби дарё давиданҳо, бар–бари ёлаҳо лола чиданҳо, гулхан афрӯхтанҳо, таги борон истоданҳо, навдаи сафедорро асп карда савор шуданҳо, хирманкӯбиҳо, афсонабофиҳо, дар сояи бед ёзидану рӯи сабзаҳо ғалтиданҳо, меҳрубониҳои Гулбӯйро пушти по заданҳо, аз милаи духтарон кашиданҳо… Рӯзи занги охирин бачча набошанд, гиря карданд ӯву ҳамсинфонаш,–хаёле табассум кард Шоҳруххон он лаҳзаҳоро ба ёд оварда.- Лекин дар воқеъ, муассир буд лаҳзаи хайрбодӣ… Ҳамааш рафт бебозгашт. Ҳоло чӣ? Кор дигар, рафтор дигар аст. Фикр мекунӣ, ки тамоман дар олами дигар ҳастӣ. Инсони қобил бошӣ, ба инаш ҳам хӯ мегирӣ. Эҳе! Ҳолӣ тоқат кун,– шунид садои ботинашро,–баъд мебинӣ, ки айёми донишҷӯӣ низ баробари мураккабиҳояш лаҳзаҳои ширини хотирмони зиёде дорад. Дӯстони нав пайдо мекунӣ, духтарҳои шаҳриқатӣ шинос мешавӣ. Муҳимтараш илм мегирӣ, касб меомӯзӣ. Мазмун, як одами бофарҳанг шуда мемонӣ…

Ғарқи ҳамин ангораҳо хеле дар мовароси ҳавлӣ истод Шоҳруххону баъд дасту рӯй шуста ба хона даромад, ки ҳанӯз рафиқонаш дар хобанд. Чойникро аз об пур карда, болои барқоташ монд, ки то хестани бачаҳо ҷӯшида истад. Назди оинаи барқад омад ва худро дар он дида лаб ҷунбонд: «Як ҷавони муҷарради чор кас медидагӣ шуда мондаӣ, Шоҳруххон.» Пасон тоб гашта ҷониби ёронаш нидо кард:

– Эй бандаҳои хоб, бихезед, ки вақти ба мактаб рафтан шуд. Намебинед, ки соат руи ҳафт кор карда истодааст?!

Ним соат, ё зиёдтар монд. То ноништа мекунед, ки понздаҳ дақиқа мегузарад. Боз камаш то мактаб даҳ дақиқа роҳ рафтан даркор аст. Ҳол он ки барои хестану чашм молидану ба қазои хоҷат давидан, аз он ҷо баргаштану дасту рӯй шустану сари миз нишастан ҳам вақт лозим. Бегумон ин саҳар ҳам ба рӯйхати дермондагон афтидаем гӯед. Ҳа!

– Пеш аз ин сарахборат бедор мекардӣ намешуд, девона?-гӯшаи кӯрпаи рӯйро як сӯ партофта гуфт Силоҳиддин, ки дар донишгоҳи тиббӣ мехонд.

– Мон ҳамона, ҳамеша моро дар ғафлат дармеёбад,–гила кард Рамазон, омӯзгори оянда рӯ–рӯи фарш пои луч қадамзанон.

– Як нос те кашем, ҳуш ба ҷош биёд,–хоҳиш кард Холиқ ғалатӣ чун тарошаи аз бом афтода барин ба миёни сӯҳбати ёрон лагад зада. Ӯ низ чун Шоҳруххон донишҷӯи соли аввали омӯзишгоҳи техникӣ буд…

Баъди субҳона хӯрдан ҳар чаҳор пасу пеш аз ҳавлӣ баромада, тарафи истгоҳи тролейбус шитофтанд.

* * *

Наврӯзи дилафрӯз ва хуҷастапай бо ҳазорон рангу тобаш фаро мерасид. Тамоми мавҷудоти зинда аз омад–омади фасли зебоиҳо, яъне баҳори нозанин шодмониҳо карда, ба якдигар бо тавозӯъ салом медоданд ва мегуфтанд:

– Шукр, ки айёми шукофоии мо боз фаро расид!

Шоҳруххон дар хонаи иҷора мешиштагиашон танҳо монда буд. Рафиқонаш барои харид ба бозори «Баракат» рафта буданд. Саҳар маслиҳат шуд, ки имрӯз оши палав пазанд.

– Маззаи палови дастӣ дигар аст,–мегуфт такрор ба такрор Силоҳиддин. Метарсид аз он ки боз ҳамиҷорашинош аз раъйашон нагарданд. Беҳад дӯст медошт оши палови дастипазро. Оши ошхонаҳо табъи дил намебошад,–ҳамзамон таъқид мекард ӯ.

Шоҳруххон аз чи бошад, ки дар изтироб буд. Аз дуриҳои дури қалбаш як садое ошно гӯиё ба ӯ мегуфт: «Медонам, ки

ҳамин соат ба мӯъҷиза монанд чизе туро рух медиҳад. Омода бош, бачча.» «Мӯъҷиза?»–хаёле лабханд кард.-Боз нотоб нашуда бошам? Ин чи нидое буд, ки аз қаъри дил рӯ зад? Чи мегӯяд? Рӯз рӯзи оддӣ. Аслан оддӣ ҳам нест. Охир баҳор меояд. Омадани баҳор худ як мӯъҷиза аст. Як тафаккур кунед хамёзаи заминро, ки дирӯзакак дар хоби гарон буд. Бедор шудани дарахтон, даҳон во кардани гулғунчаҳо, ҳаросон хамёза кашидани муғчаҳо дар шохсорон, тасбеҳ гардондани баргҳо, болиғ шудани ишки духтарон дар ин фасл… агар ин ҳама мӯъҷиза нест, пас чи аст? Вале ба ӯ дар ин рӯз чи пеш омаданаш мумкин аст? Ӯ–е дигар, ки садояш барои вай ошно буд, дар қалбаш чи кор мекунад? Чи мегӯяд? Жож–жож! Гӯшаш як садо дод, дод–дия!

Шоҳруххон барои он ки боз садои фавқро набишнавад, ба дигар корҳо андармон шуданхост. Рафи китобҳоро дуруст кард. Табақаи тирезаро ки кушода буд, пӯшонду боз кушод. Ҷорӯбро гирифта хонаи рӯфтагиро рӯфтан гирифт. Не, дасти дилаш ба кор намерафт. Дар охир азм кард, ки то бачаҳо аз бозор омадан давида рафта аз дӯкони рӯзномафурӯшӣ як нусха аз шумораи нави «Паёми Душанбе» харида зуд бармегардад. Дар руи ҳавлӣ соҳиби хона кампири Собира, ки гирди оштон ҷунбуҷӯл дошт, ӯро дида пурсид:

– Ба куҷо? Ҳамин замон бачаҳо омада мемонанд!

– Ман ҳозир… ҳамин берун… гӯён Шоҳруххон гапаш нимкора бошитоб дари баромадгоҳро кушоду бо касе калла бакалла зад.

– Бубахшед, надонистам, ки шумо мебароед аз дар, ман…–шунид овози латиферо баъди бархӯрд Шоҳруххон.

Пасон ба худ омада дид, ки духтари ҳамсоя–Моҳона пешорӯяш хандида истодааст.

–Шумо маро бубахшед, ки айб аз ман гузашт. Пеши роҳамро нигоҳ накардаам,– узурхоҳӣ кард Шоҳруххон, ки ҳанӯзам дар ҳолати ноҳинҷор қарор дошт.

Духтар нози ширине карда аз Шоҳруххон пурсид:

–Бибии Собира дар ҳавлӣ бошанд? Ба он кас кор доштам.

– Ҳа,–посух дод Шоҳруххон чашм аз духтар наканда.

Духтар оҳуи нигоҳашро аз таъқиби нигоҳи палангонаи Шоҳруххон гурезонда, баъди лабханде гуфт:

– Хайр, ман назди кампир биравам.

Моҳона ба ҳавлӣ даромаду Шоҳруххон дар кӯча ҳайрону музтар монд. Акнун меандешид аз он, ки ба мӯъҷиза монандаш ана ҳамин будагист. Дилаш гувоҳӣ дода буд–а! Тасодуф набошад, ин каллазаниро бинед! Ҳа, аз ин пеш ҳам ин духтар гоҳ–гоҳ дар ин ҳавлӣ пайдо мешуд. Мумкин бо кампир хеши наздик бошад. Кампир мегуфт, ки номаш Моҳона аст. Баногоҳ ин фикр ба сараш омад: «Дар синну сол калон менамояд. Лекин чаро то ҳол шавҳар накардааст? Магар ба ягон маризе гирифтор аст? Шояд ягон сабаби дигар бошад… Ба ростӣ, зебо будааст духтарак. То ҳамин руз ба ӯ дурустакак эътибор надонашро гӯед.» Чӣ, бо як дидан, бо як бархӯрд дил бой додӣ? Эй Шоҳруххон,–акнун бо худ мунозира мекардӯ–эҳтиёт шав. Гулбӯй дорӣ пас туро ба Моҳона чи кор? Исто, исто, дили ту чандто? Чӣ, иқрор мекунӣ, ки ҳанӯз касеро дӯст надоштаӣ? Ҳатто Гулбӯйро низ? Ҳа, маълум. Порина Ҳангома буд, баъд Гулбӯй шуд, имрӯз Моҳона. Пагоҳ боз дигараш… Ҳавас ин ҳама, ҳавас на ишқ. Ишқ тамоман чизи дигар аст. Ишқ оташ аст, месӯзонаду ихтиёр аз даст медиҳӣ, ба чунунӣ мерасӣ. Гулбӯй бемуболиға зебост,–иқрор шуд дар охир Шоҳруххон,–лекин ин духтар дигархелтар, далертар…

Намедонад чи қадар дар як ҳолат банди хаёлот Шоҳруххон дар қади кӯча. Барои рӯзнома ҳам нарафт. Пояш намекашид, ки ба ҳавлӣ дарояд. Хайрият, бачаҳо расида омаданд. Тарафи ҳамроҳаш Рамазони рамузфаҳм гуфт:

– Ба назарам, ба Шоҳруххонни мо ягон воқеа шудагӣ барин.

– Чи мешавад ба ӯ? Ба ёди духтараки деҳотӣ афтодааст, ё ягон то аз шаҳр ёфтааст -тахминашро изҳор дошт Силоҳиддин.

– Як қуръа партоем–чӣ, ки кадомаш дуруст мебарояд,–таклиф ба миён гузошт ҳамоно Холиқ Ғалатӣ.

– Баъди ош дида мебароем ин қазияро, ҳамту не?-гуфт

Рамазон ва афзуд.-Рафтем!

Шоҳруххон аз ин чақчақи рафиқон хеле кушода шуда бошад ҳам, фикри бо Моҳона чи хел рӯ ба рӯ шудан азобаш медод. Аз ин рӯ, аз паси аҳбоб бо сари хаму «ду пои баста» ба ҳавлӣ даромад…

* * *

Боре чор ёр–Шоҳруххону Рамазон ва Силоҳиддину Холиқ Ғалатӣ ба ошхонаи сари роҳ даромада таом хӯрданӣ шуданд. Баъди сайру гашт дар хиёбони шаҳр иштиҳо қозгир буд. Чун ба дари ошхона расиданд, Холиқ Ғалатӣ баҳона пеш овард, ки сер асту чизе аз гулӯяш намегузарад.

– Шумоён дароетон,– гуфт ӯ,–ман дар хараки рӯи роҳ нишаста интизоратон мешавам.

Рамазон гуфт:

– Не, кори дунё ин тӯр нест ошно. Дароем, ҳама медароем.

Холиқ Ғалатӣ дар охир розӣ шуд.

Чун чор ёр гирди миз нишастанд, пешхидмат омад.

– Ба мо,–гуфт Рамазон,–нимта шӯрбо биёру чои кабуд.

Холиқ Ғалатӣ боз гуфт:

– Ман сер, барои ман набиёр.

Силоҳиддин ба ғазаб гуфт:

– Чаро ин тавр мегӯӣ? Аз мактаб баромадӣ, чи хел ту сер?

Холиқ Ғалатӣ иқрор шуд:

– Пулам нест…

Шоҳруххон гуфт:

– Ту ҳамту Ғалатӣ лақаб нагирифтаӣ. Аз соддалавҳет ин ном ба ту часпидааст.

– Охир, ҳамроҳӣ ин тавр намешавад. Имрӯз дар ту нест, пагоҳ дар мо нест,– насиҳат кард Рамазон.- Қариб як сол аст, ки дар як хона иҷора мешинем. Дӯст шудем, бародар шудему боз ин чи рафтору пиндор аст? Дигар такрор нашавад!

Холиқ Ғалатӣ сурх гашту сафед гашту шӯрборо хӯрд.

Баъди хӯрок як пиёлагӣ чойи кабуд нӯшида, аз ошхона баромаданд ва сӯҳбаткунон то хона омаданд.

Бегоҳ байни Силоҳиддину Шоҳруххон ва Рамазон дар набудани Холиқ Ғалатӣ маслиҳат шуд, ки ин «Соддамуғамбири Ғалатӣ»–ро як ҷазо додан даркор. Рафти намоишро тарҳрезӣ карданд.

Рӯзи дигар чун офтоб ҳама ҷоро фаро гирифт, ёрон Холиқ Ғалатиро барои нон фиристоданд. Чун омад, гуфтанд:

– Духтаре туро меҷӯяд.

Гуфт:

– Канӣ?

Гуфтанд:

– Аз ту пештар ин ҷо буд. Туро пурсид, гуфтем, ки паси коре рафта. Биёянд гуфт, назди бари «Дӯстӣ» раванд. Гуфтем: «Аз руи кадом нишона туро ёбад?» гуфт ки рӯймоли сафед баста меоям. «Хуб»–гуфтем.

Холиқ Ғалатӣ зуд ришашро тоза тарошида, атр зад ба рӯяш. Куртаи сафеду шими сиёҳ пӯшида аз дар баромад.

Аз паси ӯ се ёр фосилаеро нигоҳ дошта равон шуданд. Барои он ки рафиқонаш ононро набинанд, хам–хами дарахтон мерафтанд.

Холик Ғалатӣ дар баробари бари «Дӯстӣ» истода, ба ҳар сӯ нигоҳ кардан дошт, то духтараки рӯймоли сафедпӯш гузашта наравад.

Силоҳиддину Шоҳруххон ва Рамазон аз дур Холиқ Ғалатиро назорат карда, ба ҳолаш хуб механдиданд.

Ана, духтаре рӯймоли сафедбасар аз як тараф хиромон омад. Холиқ Ғалатӣ пеши роҳашро гирифт.

– Шумоед, ки маро пурсидаед, духтари ширин?

Духтар ғурунгид:

– Девона нашудай–ку?!

Ва гузашту рафт.

Холиқ Ғалатӣ худро каме ба қафо кашида, боз чашм ба роҳ шуд.

Ин дам як духтари рӯймолсафеди дигар аз чониби муқобил пайдо гардид.

Холиқ Ғалатӣ пеши роҳи духтар баромада гуфт:
– Эй, истед, истед шумо…
Духтар лаб бурма кард:
– Дур шав аз пеши роҳам, бешарм!..
Холиқ Ғалатӣ паснокӣ рафта зери лаб гуфт:
– Ин ҳам набудааст…
Ёрон ки аз дур ин манзараро тамошо карда мезавқиданд, аз Холиқ Ғалатӣ пештар ба хона баргаштанд. Силоҳиддин, ки як қалам аз рассомӣ хабар дошт, мӯқаламро ба ранг тар карда, дар рӯи коғази сафед сурати духтареро кашид. Рамазон суратро бо сӯзанак дар девори сафед насб кард. Баъд ҳар се рӯи катҳои хобашон ба паҳлӯ дароз кашида, машғули китобхонӣ ва интизори Холиқ Ғалатӣ шуданд. Дере нагузашта шарфаи по ба гӯш расид. Ҳама рӯи китобҳо сар хам карданд, Гӯиё китоб хондан доранд.
Рамазон фаҳмонд:
–Аз ҳеҷ чиз хабар надорем. Хуб?!
Ба хона ворид шуд Холиқ Ғалатӣ.
Бе ягон гапу ҳарф туфлиашро кашида, ҷуссаи вазнини худро ба рӯи кати хобаш партофт.
Кат ғиҷиррос зад. Баробар ба ӯ мутаваҷҷеҳ шуданд ба ин маънӣ:
«Кай омадӣ, ки надониста мондем?»
Силоҳиддин гуфт:
– Яқин кораш равғанин шудааст.
Рамазон гуфт:
–Вохӯрдааст бо духтар.
Холиқ ботаассуф гуфт:
– Дар куҷо? Азоби гӯрро кашидам… Наомад, ки наомад.
Шоҳруххон, ки то ин дам хомӯш буд, китобро як сӯ гузошта нимхез шуд ва гуфт:
– Айб аз мо гузаштааст.
– Чи хел?- сар аз болишт бардошта ба рӯи Шоҳруххон нигоҳ кард Холиқ Ғалатӣ.
– Шоҳруххон дуруст мегӯяд,–гуфт Рамазон, ки акнун дар лаби кат поҳояшро овезон карда нишаста буд. – Сураташро

дода рафта буд. Мо фаромӯш кардаем, ки онро ба ту диҳем.

– Канӣ?-ба ваҷд омад Холиқ Ғалатӣ.

– Ана, дар девор,– бо ангушт нишон дода гуфт Силоҳиддин.

Холиқ Ғалатӣ нигоҳ кард ба сурати девору фиғонаш баромад.

– Маълум, ки шумоён забон як карда маро аҳмақ кардетон!

Дарафтоданӣ шуд ба се рафиқаш, ки ишон худро аз дар берун гирифтанд.

Ҷорӯб ба даст гирифта аз пасашон сур кард.

Сонӣ, ҳай мегуфтанду механдиданд…

## БОБИ ШАШУМ

– Дадеш, мегӯм, ки чанд вақт боз аз Шоҳруххон хабаре нест. Тинҷ бошад?

– Тинҷ набуда чи буд? Мактабашро хонда гаштааст–дия!

– Мегӯм, ки Душанбе Зимарғ ё Такфони худамон набошад, ки баччемон пару бол ёзонда гардад?! Мусофирӣ–дия. Мумкин аст, ки аз пул танкисӣ кашад.

– О, вай духтар набошад, ки хавотир шавем!

– Бохабар шуда истем нағз–дия.

– Ҳар замон аз бачаҳои аз Душанбе омадагӣ пурсида меистам мегӯянд, ки дидем, хуб аст ҳолаш. Хонда истодааст. Дигар ин ки ба қарибӣ аз нӯги нафақаам бо воситаи писари Фотеҳбой пул фиристодам.

– Хуб кардед, дадеш,–хурсанд шуд Кароматхон ва илова кард.- Рӯзҳои охир чунон ба кор банд гаштаем, ки намедонем Гулбӯино ҳам чи тӯр бошанд.

– Чиба, як ҷоро нафаҳмида ин суханҳоро мегӯӣ?- Норозигӣ кард Мирзоаҳмад.- Ду рӯз пеш аснои ба тӯи Холмурод рафтанам сари қадам даромада як хабар гирифтам. Ҳамаашон тинҷанд. Абдушукур ҳам омада рафта будааст ба наздикӣ.

Гулбӯй ин замон чанд дона гулро аз гулзори ҳавлиашон

канда, лаби ҷӯй нишаста буду фикри Шоҳруххонро мекард. «Дилаш аз ман мондагист,–мегуфт худ ба худ.- Охир, маро бо марди бегона дид дар кӯча. Гӯрсӯхтаи Шерӯя ҳамон рӯз аз куҷо пайдо шуд? Не,–аз ман хушрӯйтар духтарҳо будагистанд дар шаҳр. Якеашро ёфта бошад, аз куҷо андешаи манро дорад?»

Чи гуфтан дорам ман? Ман ба вай фотеҳа шудаам, пас… Дӯсташ медорам, бояд дӯстам дорад. Ҳамту не, гулҳои зебо? Хайр, канӣ, як фол бинам. Чашмонашро пӯшида нӯги ангуштонро ба ҳам наздик овард. «Агар нӯг ба нӯг расанд, бешак дӯст медорад ва ӯ азони ман аст. Ҳа! Ку, бубинем. Ана расид ангушт ба ангушт. Нагуфтам?!» Гулҳоро бо як иштиёқе ба лабонаш наздик бурда, бӯсиду бӯид. Хест, рӯ–рӯи алафҳо чарх зад. Баъд боз нишаста, гулҳоро ба доман андохт, якеро интихоб кард ва баргҳояшро як–як кандан гирифт. «Дӯст медорад, дӯст намедорад.»– Мегуфт ӯ ҳамзамон баробари ҳаракати дастонаш. Охирин баргро ҷудо кард. «Дӯст медорад.» Дигар барг намонда буд дар ғунчаи гул. Завқ кард аз шодиву нишот ва ба замзама даромад:

*Нашавад мурғи дил аз қайди ту озод кунам,*
*Ба худо, боз туро, боз туро ёд кунем.*
*Ба хаёли лаби ширини ту шуд хоб ҳаром,*
*Аз алам то дили шаб гиряму фарёд кунам.*
*Биравӣ бо дигаре маҳфили ӯ гарм кунӣ,*
*Набиёӣ, ки яке маҳфиле эҷод кунам.*
*Натавонӣ ивази ишки маро боз диҳӣ,*
*Натавонам, ки ба халқ ишқи ту рӯшод кунам.*
*Чи бало, бо ману моиву вале дастнарас,*
*Ба кадомин вожа ин вазъ қаламдод кунам.*

Ин замон аз паси дарвоза овози марде баланд шуд:

– Амаки Абдушукур, дар хона ҳастед?

Гулбӯй домани хаёлҳои ширину нашъаи замзамаи шеърро тарк карда, давида ба дами дарвоза омад. Дарбаччаро кушод. Дид ки хабарчии тӯю маъракаҳои деҳа Масрур

истодааст.

– Чи мегӯӣ?-пурсид Гулбӯй.

– Падаратро гӯй, ки хонаи Абдувалӣ тӯй раванд.

Гулбӯй гуфт:

– Нестанд.

Масрур гуфт:

– Аз ман хабар додан, дигар шумо донед.

Масрур рафту овози модараш баромад.

– Вай кӣ буд? Чӣ мегуфт, духтарам?

– Хабарчӣ буд. Гуфт, ки падарат хонаи Абдувалӣ тӯй раванд,– ҷавоб дод Гулбӯй.

– Хабар додаанд, худо хайре диҳадашон,–гуфт Маҳинбону тарафи духтараш.

* * *

Мирзоаҳмад ба занаш таъкид кард:

– Ту бо Диловарҷон ба воти замини хоҷагӣ рафта як хар тарбанд гирифта биёетон. Раис иҷозат додагӣ. Ман як сари қадам ба Хӯшонӣ рафта меоям. Он ҷо бо Ҳоҷибобо гули зағир барин корам ҳаст.

– Хуб, дадеш,–гуфт Кароматхон.

Мирзоаҳмад рафту баъди фурсате модару писар маркабро пеш ронда, аз сой гузаштанд. Чун ба воти замин расиданд, харро қади ресмон бастанд ва худ ба дарави алаф шурӯъ карданд. Офтоб ду қади найза баланд шуда буд, ки модар тарафи писараш гуфт:

– Ту даравидан гир, баччем. Ман бандина ёфта, пеш–пеш бастан мегирам.

Дере нагузашта барои як хар тарбанд тайёр шуд. Акнун мебоист, ки ба маркаб бор кунанд. Ин вақт аз поён аспакие намоён шуд. Нахуст савораро Диловарҷон дида, ҷониби модараш гуфт:

– Нигоҳ кунед, касе меояд, савора.

Кароматхон ба сӯи оянда нигаристу гуфт:

– Раис.

Кароматхон ресмонро кушода барқади замин партофта буд, ки раис ҳам расида омад. Ду қадам дур аз модару писар

лаҷоми аспро ба қафо кашида, ҷуссаи фарбеҳашро аз хона зин канда фаромад ва бо ситеза гуфт:

–Кӣ иҷозат дод, ки алафи вотро даравед?

Кароматхон гуфт:

– Коғази худатон ҳаст, раис.

Раис гфт:

– Ман ба касе коғаз надодаам. Номаъқул кардӣ!

Кароматхон шӯрид:

–Саҳл фаровези даҳонатонро доред, раис.

Раис, ки ҳозир аз асп фаромада буд, ба маркаби ҷаҳл савор шуд:

– Ҳе, бар падарат… ту ҳоло боз забон ҳам баровардӣ? Дар ин ҷо ман раиси хоҷагӣ, Ҳусейни Зокир хӯҷаин. Канӣ, зуд аз ин ҷо харатро ҳай кун!

Раис бандҳоро кушода, бо нӯги лагадаш ба сой ҳаво додан гирифт.

Кароматхон аз ваҷоҳати раис фаҳмид, ки маст аст, гуфт:

– Шарм накарда дар соати кориат арақ нӯшида омадию боз «ман хуҷаин»–гуфта каттагӣ дорӣ?! Бо зердаст ҳамин хел муносибат мекунанд?

Раис аз қаҳр сарашро такон дода гуфт:

– Ҳоло ту ба ман ақл ҳам шуданӣ ҳастӣ? Тез гум шав, манҷалик!

– Ту, бадмасту худобехабар, чи гуфта истодаӣ? Занат манҷалик, духтарат манҷалик, фаҳмидӣ?!-Паст наомад Кароматхон.-То ба ин синн расида, чунин гапҳоро нашунида будам. Муттаҳаме, ҳаққи мардумхӯре!

Баъд ҷониби Диловарҷон, ки гӯиё ях карда буд дар чояш, супориш кард Кароматхон:

– Баччем, харро гирифта биё, меравем, сараша хӯрад алафаш! Ҳолӣ, боз кирмак гиретон гуфта, мебиёд ин харишкам!

* * *

Раисро ба маркази ноҳия ҷеғ заданд. Рафту зуд баргашт ва аъзоёни раёсатро ҷамъ карда гуфт:

– Дар байни ҳамин ду–се рӯз калон меоянд. Албатта, фер-

маи чорвои калони шохдорро дидан мекунанд. Ту, Комил, подабонҳову говдӯшҳоро фармо, таги пои чорворо рӯфтаву пушташонро шуста қишав кунанд, ки ялаққос зада истанд. Ҳамин ду–се рӯз охурҳоро аз хошок пур намуда, зиёдтар ем диҳед. Баъдтар, боз қусурашро мебарорем. Говдӯшҳо халати сафед пӯшида биёянд.

– Раис, о дар мағозаҳо ранги суфро намебинеду аз куҷо халати сафед меёбед, ки ба говдӯшҳо пӯшонед,–арз кард мудири ферма Комил.

– Медонам инро, лекин илоҷаш ҳаст Комил. Аз бунгоҳи тиббӣ пурсида гир. Ҳамчунин ба худашон гӯй, як таги сандуқҳоро кобанд, шояд аз ҳамон куртаҳои шаби арӯсиашон ёфт шавад,– маслиҳат дод раис ва баъд пурсид:

– Исто, исто, ки саршумор мерасад?

– Ун ҳафта чор сар говро ба бозор ҳай карда будем,– нимғурма ҷавоб дод Комил.

– Унту бошад, говҳои худатро оварда ҳамроҳ кун. Нарасад аз они маро биёр.

Сонӣ, раис тарафи раиси иттифоқи касаба гуфт:

– Ягонто думбакалон ёфта, кабоби танӯрӣ пазетон.

– Саркор, ба ту мегӯям,–ру овард ба марде, ки сархам мӯйлабашро тофта, хомӯш менишаст дар гӯшае.- Обу хӯриш, чаккаву рӯи соғуро ту меёбӣ. Аз халқ ҷамъ кун.

Калон омад ва фермаро дида хурсанд шуд. Бо чорводорони ферма вохӯрда гуфт:

– Ҳама коратон хуб. Чунон ташкил кардаед, ки ягон камбудӣ ёфтан намешавад. Дар кадом масъала ба шумо кӯмак бикунам?

Гуфтанд:

– Аз ягон чӣ камчинӣ надорем. Фақат хоҳишамон ҳамин, ки як мошин ҷудо мекарданд, бачаҳомонро ба мактаб бурда меовард.

– Ин масъала ҳалли худро ёфтааст. Мошине ки барои кашондани бачаҳотон ҷудо кардаем, ҳамин як–ду рӯз аз таъмир мебарояд,–луқма партофт раис Ҳусейни Зокир.

– Ана, дидед, ин қазия низ ҳалли худро ёфтааст.

Калон тарафи мошин рафтанӣ буд, ки пеши роҳашро гирифтанд.

– Муаллим, ба як пиёла чой марҳамат!- таклиф карданд ҳама.

– Чои шумоёнро нанӯшида рафтан дуруст намеояд,– бо хушнудӣ гуфт калон.

Лаби ҳавз, дар сояи бед ҷой омода карда буданд барои меҳмон. Руи дастархон аз анвои хурданӣ ва нӯшиданӣ, аз нонҳои ширмол, самбӯса, ҷаззаву чакка, себу анору ноку ангур, қаймоқу мосту рӯи соғу ва шишаҳои коняку оби сафед, кабобу гушти яхнӣ пур буд. Калонро бештар гӯшти пухтаи гӯсфанди яклухт ба ҳайрат овард, ки чашм аз он наканда гуфт:

– Инро чи хел пухтед?

– Дар танӯри заминӣ, муаллим,–ҷавоб дод раис Ҳусейни Зокир.

– Хушбӯияш аз чист?- пурсид калон.

– Одатан ба даҳони танӯр, ки андаруни он гӯшт пухта мешавад, шаппаи бурс мегузоранд. Шаппа дуд мекунад, бӯи хушаш ба рӯи гӯшт мешинад,–посух дод боз раис.

– Аҷоиб,– гуфт калон.

Меҳмон чанд ҷуръа аз коняк нӯшида, порае аз кабоби танӯрӣ хӯрда дастҳояшро пок кард ва аз ҷояш хест. Об оварданд, даст шуст ва бо ҳама хайрухуш карда, ба мошин нишаст. Чанд мошин пасу пеш ба ҳаракат даромаданд.

Раис ки табъи болида дошт, Комилро ҷеғ зада бехи гӯшӣ кард:

– Зуд нимта гӯсфанду ду шиша коняк оварда ба мошини ман мон. Барои иззаташон то Оби Борик меравам аз пасашон. Фикр мекунам, ки он ҷо каме дам гирифта, баъд меравад. Ҳа, эҳтиёт шав, ки то ман омадан дастархонро «налесанд». Ман, ки баргаштам, баҳузуракак мешинем.

– Хуб,– гуфт мудири ферма Комил ва аз паи иҷрои супориши раис шуд.

* * *

Гашти рӯз чун Мирзоаҳмад омад, Кароматхон арз кард:

– Раис намонд тарбанд биёрем. Бандҳоро тит карда, ба сой партофт.

Мирзоаҳмад гуфт:

– Коғаз гирифта будам аз худашу…

– Мункир шуд чашмзоғ. Сақат низ гуфт. Лекин ман ҳам боб кардамша.

– Беҷо баробар шудӣ ба вай. Ҳеҷ чи набошад ҳам, раис аст. Асоро ба сарат монанд, итоат кун, мегӯянд дар урфият.

– Маст буд, якто вай гуфт, якто ман гуфтам.

– Акнун барои кишти зироат замин намедиҳад.

– Хайр, як аз пеши роҳаш гузаред. Ба муаллими нафақахӯр надиҳад, ба кӣ медиҳад. Ҳама гирифта истода-анд–ку!

– Пагоҳ–фардо як ба наздаш дароям. Канӣ, бинам чӣ мепуккад.

Мирзоаҳмад баъди ду рӯз ба идораи раёсати хоҷагӣ рафт. Раисро дар утоқи муҳосибон нишаста ёфт, по болои по. Ӯро дида раис гуфт:

– Гапат бошад гуфтан гир дар ҳамин ҷо.

Мирзоаҳмад ба мулоимотӣ гуфт:

– Дар танҳоӣ мегӯям.

Раис ноилоҷ ба идорааш гузашта дар курсии нарм фурӯ рафт ва ба худ намуди омирона гирифта пурсид:

– Канӣ, шунавем чи мегӯянд?

Мирзоаҳмад гуфт:

– Як қитъа замин диҳед кишт кунам. Дар ин масъала қаблан бо шумо гуфтугӯ карда будам. Мебинем гуфта будед. Чил соли умрам сарфи омӯзгорӣ шуд. Инро ба ҳисоб гиред.

– Намедиҳам,–рад кард раис.

– Ба дигарон додаед, ба ман ҳам медиҳед.

– Ба кӣ доданамро ман ҳал мекунам, на ту. Бирав ба ту нест замин.

– Раис, шумо андеша карда гап зада истодаед, ё …

– Чи хел ки ту фаҳмӣ–буррид сухани Мирзоаҳмадро раис.

– Боз пушаймон нашавед?

– Чӣ, мегӯӣ ту?- суп–сурх тафсид раис ва аз ҷояш хест. Ба дар наздик шуд, ҳалқаи онро гузаронд.

Мирзоаҳмад бо фаросат дарёфт, ки раис ӯро мақсади задан дорад. Мунтазир шуд то наздиктар ояд. Чун раис ҷониби ӯ мушт кашиданӣ шуд, курсиро ба сар бардошта гуфт:

– Ман аз он мегуфтагиҳоят нестам. Канӣ, пештар биёю рӯзатро бин, раис. Дирӯз маст рафта ҳамсарамро дӯғ задаӣ, алафи даравидаи онҳоро таги по кардаӣ, носазо гуфтаӣ. Ман як умр бачаҳои халқро таълим додаам. Ту барин ба роҳи ифлос нарафтаам, бифаҳм инро!

Раис Ҳусейни Зокир дид, ки намешавад, ба мусолиҳа омада гуфт:

– Намедонистам ки ту аз ман ҳам бадқаҳртар ҳастӣ, Мирзоаҳмад. Хайр, ҳамон қитъаи ҳарсола кишт мекардагетро ҳуҷҷат карда медиҳам, корида ҳосилашро гиру ҳаққи иҷораро дар вақташ пардоз.

– Майлаш,–розӣ шуд Мирзоаҳмад, ки ботамом мулоим шуда буд.

## БОБИ ҲАФТУМ

Рӯзҳои охир ишқи Моҳона Шоҳруххонро девона карда буд. Ҳатто рӯзҳое мешуд, ки ҷуфти чорумро нахонда (баҳона нотобам, сарам дард мекунад) ба хона меомад. Бо нигаронӣ рӯ–рӯи ҳавлӣ қадам мезад. Аммо Моҳона ошиқашро сузонда–сӯзонда ба таъхир пайдо мешуд. Шоҳруххон мешӯрид, меғуррид чун паланг ва ба худ мегуфт, ки агар Моҳона биёяд, ҳамгап намешавад. Лекин чун аз дур хиромон–хиромон омадани Моҳонаро медид, ҳама чизро фаромӯш мекард, мум барин нарм мешуд. Ҳамзамон ба ҳайронӣ меандешид: «Дар ин духтар чизе ҳаст, ки касро даҳонбаста мекунад. Магар илми ҷодугарӣ медонад?»

Кампир, ки аз сирри онҳо бохабар буд, ноаён чизеро баҳона карда ба кӯча мебаромад. Баъд ҳар ду таги дарахти себ менишастанд соатҳо…

Рӯзи шанбе буд. Шоҳруххон Моҳонаро ба тамошои кинофилми ҳиндии «Бирақс, бирақс!», ки ба тозагӣ дар кинотеатрҳои пойтахт пайдо шуда буд, таклиф кард. Моҳона розӣ шуд. Ба сеанси шабона чипта хариданд. То оғози филм ҳоло вақт буд, аз ин рӯ, дар хиёбон каме гардиш кардан хостанд. Шоми Душанбе фараҳбахш буд. Мардум ду–ду, се–се мегзаштанд аз ҷода. Қисми равуои мошинҳои гуногунтамғаро тамошо мекарданду иддае суҳбат доштанд гарм байни ҳамдигар. Мӯйсафеде дар қарибии онҳо рӯи харак бо наберааш нишаста буд ва саросарӣ рӯзнома мехонд. Марде як лаҳза дар мобайни роҳ истода носкадуро аз киса баровард ва бафурҷа як каш нос ба даҳон партофта, боз равон шуд. Зане танҳо шояд касеро нигарон буд, ки пешрӯи кинотеатр беқаророна ба ҳар сӯ менигарист. Ҷавоне бо маъшуқааш сари кадом мавзӯе баҳаскунон аз назди онҳо гузаштанд.

Шоҳруххон ба соаташ нигарист.

– Вақт шуд,–гуфт.

Моҳона оҳистакак лабханде кард қашанг ва сар ҷунбонд, яъне «меравем».

Ҳар ду ба толор даромада, паҳлӯи ҳам нишастанд.

Дар як он кинотеатр аз одам пур шуд.

Филм чунон муассиркунанда буд, ки нишастагон бо тамоми ҳастӣ гӯшу ҳуш гашта буданд. Бо таъсири филм бошад, ки яке Шоҳруххон дасташро ҷониби синаҳои духтар бурд. Ҳарчанд ки духтар ин амали Шоҳруххонро, ки густохона буд, нодида мегирифт, ба ҳарос афтод. Анорҳои пеши бағали духтар таҳти панҷаи гирои ҷавон гӯиё «об» мешуданд. Як ҳиссиёте ширин тамоми вуҷуди духтарро фарогир шуд. Дилаш аз ҳаяҷон гум–гум ба задан даромад. Рухсораҳояш лаввос карда гӯӣ месӯхтанд…

Шоҳруххон надонист, ки аз ин «бозӣ»–и онҳо чи қадар вақт сипарӣ гашт. Ногоҳ шунид, ки духтар ба наҷво мегӯяд:

– Дастатонро гиред, мебинанд.

Шоҳруххон оҳистакак дасташро кашид…

Сеанс ба охир расид. Ҳама пасу пеш толорро тарк кар-

данд. Шоҳруххону Моҳона ҳам баромаданд.

Хиёбон чароғон буд. Ҳарду секин–секин тарафи хона рафтан гирифтанд. Яқин ҳар яке дар қайди хаёлоти ширин буд…

Ба сояи дарахтони қади роҳ расиданд, ки касе нафир кашид. Баъд, суробе роҳи мошингардро гузашт аз ҷӯй ва рост тарафи онҳо омад. Аз пушт шарфаи пои чанд касро эҳсос карда Шоҳруххон, ба қафо гаштанӣ буд, ки ба баногӯшаш зарбае хӯрд. Пасон ба биқинаш, ба сараш мушт заданд. Аранге фарёди Моҳонаро шунид, ки мегуфт: «Ёрӣ диҳед мекушанд»…

Шоҳруххон ба ҳуш омад, ки рӯи кати хонаашон хобидаасту дар болои сараш дӯстонаш Силоҳиддину Рамазон ва Холиқ Ғалатӣ рост истодаанд. Бо назари тааҷҷуб сӯяшон чашм дӯхт. Рамазон гуфт:

– Хайрият, мо дар наздикӣ будем. Баробари фарёди Моҳона ба ҷои ҳодиса давидем. Ду кас, ки духтарро кашола карда мебурданд, моро дида гурехтанд. Дигарон низ фирор карданд. Туро дар ҳолати беҳушӣ дарёфтем. Якин намебудем, ягон дилсиёҳие рух медод. Ҳам туро маиб мекарданду ҳам духтарро бадном.

Шоҳруххон гуфт:

– Ба будагии шумоён ҳам шукр. Дар воқеъ, аз куҷо донистетон, ки мо дар кинотеатри «Ватан» ҳастем?

– Ба хона омадем, ки ту нестӣ. Аз кампир пурсидем. Гуфт, ки аз руи ақлам ба тамошои филм рафтанд. Баъд ин сӯ шитофтем,– гуфт Силоҳиддин, ки латтаи тарро ба пешонии Шоҳруххон медошт.

Шоҳруххон пурсид:

– Ба фикри шумоён киҳо буданд онҳо?

– Кӣ медонад?-китф дарҳам кашид Рамазон.- Мумкин аст кӯчагардҳои бепадар буданд, ё аз шиносҳои Моҳона.

– Чӣ, Моҳона шинос ҳам дорад?

– Чиба не, қариб ҳама духтарҳои шаҳрӣ доранд.

– Ин шарфаи масъаларо фикр накардаам.

– Чанд бор гуфтем, ки танҳо бевақтӣ ба кӯча набаро. Ки-

но рафтанӣ бошӣ, ҳамроҳ меравем, ту касро гӯш намекунӣ,– бо гилаву озор гуфт Холиқ Ғалатӣ.

– Хайр, ба гузашта саловот. Лекин фикр мекунам, ки ин ҷо дасти дигаре буд, ки тарафи ман дароз шуд. Бовар кунед!- Бо қатъият гуфт Шоҳруххон.

– Аз кӣ шубҳа дорӣ?- пурсид Рамазон.

– Аз Шерӯя, писари раиси хоҷагӣ, Ҳусейн Зокир.

– Ин ҷо Душанбе аст, на Такфон. Дигар ин ки Шерӯя дар шаҳр чи кор мекунад?

– Гӯшам садо дода буд, ки дар кадом мактаб ғоибона мехонад.

– Гуфтем ки тахминат дуруст, лекин барои чи бо ту душманӣ мекунад? То ҷое медонем, ҳардуятон ҳамқишлоқӣ ҳастетон.

– Байни мо гап ҳаст, сонӣ мегӯям.

– Ягон чиз хӯрда, нирӯатро барқарор кун. Пагоҳ ба «шикор» мебароем. Агар дар ин масъала Шерӯя шарик бошад, ҳанӯз дар шаҳр аст. Ҳатто дар ҳамин қарибиҳо, дар ягон ҷо нишаста, пагоҳ «ғалабаашонро » қайд мекунанд,– ба суҳбат нуқтаи таммат гузошт Рамазон.

Рӯзи дигар, баъди пешин чор ёр ба кӯча баромаданд. Хеле ин тараф, он тараф гаштанд. Холиқ Ғалатӣ таклиф пеш овард:

– Биёетон, он суи роҳ гузарем.

Ҳамроҳош гуфтанд:

– Он ҷо чӣ аст?

Холиқ Ғалатӣ гуфт:

– Баре ҳаст, даромада каме мешинем.

Силоҳиддин ба шӯхӣ гуфт:

– Пуламон нест, ба бар чӣ тур дароем?

Рамазон афзуд:

– Агар гушнаӣ, худ дарою чизе бихӯр. Мо сер ҳастем.

Холиқ Ғалатӣ дид, ки боз «коҳи кӯҳна»–ро бод мекунанд рафиқош, гуфт:

– Ҳар чи мехӯред, ҳар чи менӯшед, аз ҳисоби ман. Дирӯз идрорпулӣ гирифтам.

Ҳар чаҳор хиёбонро миёнбур карда, ба пиёдароҳ расиданд ва пушти бино гузаштанд. Дар болодарии бар лавҳае буд, ки дар рӯи он бо хатҳои калон–калон навишта шуда: «Пиво.»

Рамазон тарафи Холик Ғалатӣ гуфт:

– О, ту ғалатӣ набошӣ, моро ба ин ҷо мебиёрӣ? Исто, ки аз кай боз ба оби ҷав майл кардаӣ?

Холиқ Ғалатӣ бо ханда гуфт:

– Худе ки сӯфӣ бошед сеи шумо. Оби ҷавро бинед, оби даҳонатон меравад у боз ноз?!

Рафиқон завқ карданд аз суханҳои Холиқ Ғалатӣ. Силоҳиддин шарт монд:

– Агар Холиқ Ғалатӣ пули менӯшидагиамонро диҳад, медароем, вагарна аз ҳамин ҷо бармегардем.

– Дуруст,–розӣ шуданд дигарон.

Холиқ Ғалатӣ гуфт:

– Як бор гуфтам, ки ҷиҳати пул ғам нахӯред.

Аз зинаҳо фаромада, гирди мизи назди дар нишастанд.

Таҳхона на он қадар равшан буда, бӯи нӯшокию дуди сигори мизоҷон ҳавои онро вайрон мекард. Нафаси кас мегашт.

– Бисёр намешинем,–таъқид кард Рамазон ва барои овардани чор дӯлча оби ҷаву чанд дона қурут сӯи пештахта рафт.

Рамазон, ки як ҷавони қадбаланд ва тануманд буд, бо оринҷаш такя ба рӯи пештахта карда мунтазир истод, то фурӯшанда дӯлчаҳоро пур кунад. Ин дам суҳбати бачаҳои гирди мизи наздик ба ӯ аҷиб намуд, ки мароқ зоҳир карда, гӯш ба қимор шуд.

Оне ки болои лабаш хати сабз дошт, мегуфт:

– Дишаб хуб ба дастамон афтод–дия!

Дигаре илова кард:

– Ҳа, адабашро гирифт, шояд дигар ба худ набиёяд.

Саввумӣ бо таассуф гуфт:

– Лекин духтарро муфт аз даст додем.

Ҷавони хати сабз дошта боз гуфт:

– Нокасҳои роҳзан аз куҷое пайдо шуда, миёни корамонро шикастанд, набошад…

Рамазон фаҳмид, ки гап дар бораи чи меравад, чизе нагуфту дӯлчаҳои пиворо, ки фурӯшанда рӯи лаълӣ гузошта буд, гирифта аз назди миз гузашт ва як ба бачаҳо нигарист, то чеҳрашонро «дошта» гирад.

Як пай нӯшиданд. Ин дафъа Силоҳиддин барои пиво рафт.

Шоҳруххон низ азми оби ҷав овардан карда буд, ки Рамазон аз китфаш кашид:

– Ту дафъаи дигар. Холиқ Ғалатӣ мераваду пиво мебиёрад ва ҳамзамон ҳамаашро ҳисобӣ мекунад.

Чор ёр каме сархуш шуда, хеле суҳбат карданд. Гоҳ–гоҳ хушгӯӣ ҳам карда, ба қитиқи Холиқ Ғалатӣ мерасиданд.

Дар охир Рамазон гуфт:

– Ба фикрам кифоя. Акнун мехезем.

Онҳо аз зинаҳо боло баромаданд. Рамазон таклиф кард:

– Фурсате таги маҷнунбед мешинем. Хона куҷо паррида меравад Аҳбоб розӣ шуданд.

Чун рӯи хараки таги маҷнунбеди рӯ ба рӯи дари бар нишастанд, Силоҳиддин аз ҷайбаш қуттии сигорро баровард. Яктогӣ дуд доданд.

Баъди чанде Рамазон рӯяшро тарафи Шоҳруххон гардонда, оҳиста гуфт:

– Ман Шерӯяро дидам.

– А? Дар куҷо ?

– Дар бар.

– Чиба нагуфтӣ? Ман…–хестанӣ шуд аз ҷой Шоҳруххон.

– Шин– аз дасташ дошт Рамазон.

– Ту Шерӯяро намешиносӣ–ку!-суол кард Шоҳруххон.

– Аз суҳбаташон дарёфтам, ки онҳоянд. Дар бораи бархурдашон бо ту ҳарф мезаданд. Хуб зеҳн монда шинохта гирифтамашон,–гуфт Рамазон ва зам намуд.- Намепурсетон, ки чаро дар ин ҷо нишастаем. Гӯш кунед. Ҳоло онҳо мебароянд аз бар, мо аз паяшон мешавем. Чун ба гӯшаи хилвату торике расанд, мо адабашонро медиҳем.

Силоҳиддин гуфт:

– Ҳайрон будам, ки мӯҷиби хоридани кафи дастам чи бошад. Вақти кор кардани дастҳо фаро расида будаст–дия!

Рамазон ки боз раги шӯхиаш меҷунбид, тарафи Холиқ Ғалатӣ гуфт:

– Ту чи фикр дорӣ? Ҳангоми афтударафти мо мегурезӣ, ё ҳар ду ҷонибро ба салоҳ меорӣ?..

Ин дам чанд тан аз бар баромаданд. Шоҳруххон гуфт:

– Ҳо, ана, Шерӯяву рафиқош.

Рамазон гуфт:

– Дида истодаам. Хезед бачаҳо. Қаро ба қарояшон рафтан мегирем. Ту, Шоҳруххон, каме аз мо қафотар меоӣ. Худро нишон доданат корро вайрон мекунад.

Қади хиёбон тарафи китобхонаи Фирдавсӣ рафта ба рост тоб хӯрданд Шерӯя ва ҳамроҳош.

Рамазонино қадам тез карданд. Чун хеле наздик шуданд, Рамазон тарафи онҳо нидо кард:

– Ой, баччаҳо, гӯгирд доретон?

– Ҳаст,–гуфт яке ва истоданд.

Рамазону Силоҳиддин баробари ба бачаҳо расидан ба ҳуҷум гузаштанд. Шоҳруххон низ ҳамроҳ шуд. Аммо Холиқ Ғалатӣ чи кор карданашро надониста, пасупеш рафтану омадан дошт.

Шерӯяву ҳамроҳонаш нақши замин шуданд. Рамазон, ки чуқур–чуқур нафас мегирифт, гуфт:

– Шуд, рафтем.

Ишон ба қафо гаштанд.

## БОБИ ҲАШТУМ

Айёми донишҷӯй зудгузар будааст. Ба як миҷа задан омаду кай рафт. Шоҳруххон надониста монд. Дипломашро гирифта, сӯи зодгоҳаш рафтагор шуд. Дар шаҳр беҳуда гаштан фоида надошт. Дар деҳа вайро волидайнаш, хоҳару укоҳояш интизоранд. Амаку янгааш низ чашм ба роҳи ӯянд. Гулбӯй–чӣ? Хуб азоб кашид. Шоҳруххон чанд сол нигарон кард ӯро. Ҳамсолонаш кайҳо хонаву дар карда, соҳиби фарзанд шуданд. Аммо онҳо ба қавли Мавлавӣ ҳанӯзам «андар

хами як кӯчаанд.» Охир, зан мегуфт, аз хондан мемонд. Ана, маълумот гирифт. Касбаш ҷӯянда, пармагар. Синаи кӯҳҳоро мешикофад… Хоҳад дар экспедитсиям ҷустуҷӯйии Моғиён кор мекунад, хоҳад дар комбинати маъдантозакуни Анзоб. Ба ҳар тараф роҳаш кушода. Ҳамин тавр гуфтанд ба ӯ ҳангоми супоридани диплом. Ӯ барин мутахассис дар Тоҷикистони азизаш ҳанӯз ангуштшумор. Дар кӯча намемонад. Қадамаш расид, қабулаш мекунанд ба кор. Лекин аввал чанд рӯз дар деҳа мемонад. Канӣ, падару модараш чи мегӯянд. Чи маслиҳат медиҳанд. фикри янгаашу амакашро низ мефаҳмад. Бо Гулбӯй вомехӯрад. Дар байни чор соли донишҷӯй борҳо ба қишлоқ рафт. Дар Зимарғ буд, дар Такфон буд. Аммо Гулбӯйро нишон намедоданд. Пинҳон аз янгааш порсол тобистон, айёми таътил ӯро дар пушти девори ҳавлиашон дида буд. Суҳбат қӯр намегирифт. Гулбӯй маҳзун метофт, нигоҳаш ким–чи хел андӯҳзо, маънидор, гӯиё мегуфт, ки: «Аз он рӯзе, ки шинохтаам, нисбати ман дилсард ҳастӣ, писари амак. Боре надидаам, ки ба ман рӯи хуш дода бошӣ. Ба дигарон гарму ҷаззоб, вале ба ман… Хонда доно шуда бошӣ ҳам, ҳеҷ дили маро нафаҳмидӣ, ки нафаҳмидӣ–дия. Ҳайронам ки минбаъд бо ту чи сон зиндагӣ мекунам? Ё ҳанӯз дер нашудаасту не гӯям? Баъди фотиҳа? Мардум чи мегӯянд? Хоҳиши падару модар аз ҳама волост. Амаку янгаам–чӣ? Не, ман байни ин ду оила «ҷарӣ» шуда наметавонам. Ҳар чи бодо бод! Лекин чаро то хомӯшӣ? Биёву ба ман, ки чун сабзаи аз беобӣ пажмурдагашта ҳастам, борони раҳмат шав!.. дар шаҳр зиста то ҳол чи хел ба духтар муносибат карданро наомӯхта будаӣ. Ё дилат дар ҳавои дигар кас пар мезанад? Бигӯ ки ҳанӯз фурсат ҳаст…

Шоҳруххон дарбеҳи ночаспон барин хам шуда аз рухсораҳои Гулбӯй бӯсидаву дуртар рафта, ба қафояш нигариста гуфта буд: Маро интизор шав, Гулбӯй!»

* * *

Рамазон ва Силоҳиддин хостанд ба хотирри ду дӯсташон Шоҳруххон ва Холиқ Ғалатӣ, ки омӯзишгоҳи техникиро

хатм кардаву дипломҳояшонро гирифта буданд, як бегоҳ нишасте доир кунанд Рамазон гуфт:

– Маро ҳолӣ як солу Силоҳиддинро ду соли дигар хондан рост меояд. Аммо Шоҳруххону Холиқ Ғалатӣ аллакай тамом карда, азми рафтан доранд. Пас чи хел мешавад, ки ин ду бародарро ҳамту,хушку холӣ гусел бикунем.. Чор ёр чор сол дар як хона иҷора шиштем, ба ҳам дӯсту бародар гаштем. Магар ин кам аст? Месазад ки имшаб каме ҳангома кунем. Албатта, ҳангома бе садта–садта намешавад. Лекин ин тараффи масъаларо ҳам ҳал шуда ҳисоб кунед.

– Ташвиш чи даркор?-гуфт Холиқ Ғалатӣ, ки ба нӯшидан хуш надошт.

– Ҳеҷ аз соддалавҳиат намондӣ-дия, сахт омад Силоҳиддин.- Туро ин чи хислатест, ки ҳама вақт нихта зада меистӣ ба миёни кор.

Шоҳруххон гуфт:

– Тарки одат амри маҳол. О, ҳамин хел нихта зада наистад, аз куҷо ӯ Ғалатӣ мешавад?

– Хайр, аз паси кор мешавем,- гуфт Рамазон.

Мизро ба мобайни хона кашида, аз нону чакка, бодирингу помидор, кабудиву шибит дастархон оростанд.

Рамазон аз токча ду шиша арақу чанд қадаҳ гирифта пеши Силоҳиддин монда гуфт:

– Ту соқӣ мешавӣ.

Силоҳиддин бо тавозӯъ гуфт:

– Ҳар бор шумо соқӣ будед, ин дафъа ҳам шуморост.

Рамазон рад кард:

–Не, не, ин навбат турост соқигӣ. Ман аз беруну дарун хабар гирифта меистам.

Дӯстон як–ду навбат қадаҳҳоро пур карда нӯшиданд. Ба рӯҳошон сурхӣ давид, забонҳо ба ҳаракат даромаданд. Бештар аз «корномаҳо»–и Холиқ Ғалатӣ мегуфтанду механдиданд.

Баъдтар, Рамазон ҷониби Холиқ Ғалативу Силоҳиддин гуфт:

– Шумоён даҳони шишаи дуввумро кушода майда карда

истетон. Ману Шоҳруххон як хабар гирем, ки ба ош дам партофта бошанд, ё не.

Ҳар ду пасу пеш баромаданд.

Онҳоро дида кампири Собира, ки бо Моҳона дар лаби оштон нишаста буд, гуфт:

– Ба куҷо? Мо ошро дам кардем.

– Ҳеҷ ҷо не. Камакак ҳавои тоза мегирему баъд медароем,– гуфт Рамазон.

Шоҳруххон бо қираи чашм ба Моҳона, ки сархам менишаст дар гӯшаи оштон, нигарист ва хомӯш дар паҳлӯи Рамазон қади роҳрав гом партофт. Дилаш гувоҳӣ медод, ки Рамазон ягон гапи махфӣ дорад, ки марбут ба ӯст. Агар не, барои чи дигаронро неву маҳз вайро ба берун даъват кард? Вуҷудашро изтироб такон медод. Чи мегӯяд ӯ? Дар қишлоқ тинҷӣ бошад?

Дар дами дарвоза истоданд. Рамазон рӯяшро тарафи Шоҳруххон, ки ба умқи осмони дар ин шомгоҳ камситора чашм дӯхта буд, гардонда гуфт:

– Шоҳруххон, ман ба ҳамин қарор омадам, ки Моҳонаро ба занӣ бигирам.

– Чӣ?- моту маҳбут шуд Шоҳруххон.

– Ҳамин тавр, дӯстам. Кайҳо боз ин андеша дар сарам буд. Гуфтам, ки фикри туро ҳам фаҳмам. Оё, хато накардаам дар интихоби арӯс?

– Дил-дили Зайнаб гуфтаанд,- бо як бепарвоие гуфт Шоҳруххон.

– Аз муносибати ту бо Моҳона хабар дорам. Байни шумо чизе набудааст, ки боиси таассуф бошад. Ҳамаааашро ба ман Моҳона гуфт.

– Кай?

– Қариб ки ҳар шаб вомехӯрем.

– Дар куҷо?

– Гоҳе дар ҳамин ҷо, гоҳе дар хонаашон.

– Дар хонаашон? Чи хел?

– Ҳа, худашу модари пираш танҳо зиндагӣ мекунанд. Бародаронаш зан гирифта ба дигар ҷо баромада рафтаанд.

Нигоҳ намекунанд ба модару хоҳарашон. Ҳолаташон вазнин. Ҳаррӯза нонашонро ба сахтӣ меёбанд. Ба кӯмак мӯҳтоҷанд. Ман метавонам дар сурати издивоҷ кардан бо Моҳона мушкили ононро осон намоям. Ту чи мегӯӣ, ба ин иқдоми ман?

Шоҳруххон аз ин нияти инсондӯстонаи Рамазон ба ваҷд омада буд.

– Ту дили бузург дорӣ, Рамазон! Ба ростӣ, таҳсуб мекунам ба ту, ки минбаъд дар зиндагӣ чун ту бошам. Мард ин хел мешавад! Дастатро ба ман деҳ !

Ҳар ду дасти якдигарро сахт фишурданд.

– Акнун рафтем,– бореро аз дӯш гирифта партофта бошад, сабук-сабук сӯи хона қадам партофт.

Шоҳруххон аз паси вай роҳравон меандешид: «Аз ҷиҳати Моҳона дар ташвиш будам. Бубинед ки қазия худ ба худ осон ҳал шуд. Акнун метавонам бемалол сӯи Гулбӯй бишитобам.»

## БОБИ НУҲУМ

Шоҳруххон аз Душанбе омада, як ҳафта дар Такфон монд. Аҳли оилаашон аз Зимарғ фаромада дар Такфон ба ғунучини меваҳои боғашон машғул буданд. Ба хонаи амакаш ҳам рафт. Хушнуд буд, ки шукр ҳама сиҳату саломатанд.

Як рӯз, баъди омадани Шоҳруххон янгааш бо кӯдаконаш, бо истиснои Гулбӯй барои муборакбодии мактабро хатм карда омадани Шоҳруххон ба хонаашон омаданду то бегоҳ шишта баъд рафтанд. Байни ду авсун чи гап шуд, нашуд, ки шаб Кароматхон тарафи Шоҳруххон:

– Баччем, хонаи амакат нисбатбозӣ намеравӣ- чӣ?

– Нисбатбозӣ?- ҳайрон шуд Шоҳруххон.

– Ҳа, ман бо янгаат маслиҳат кардем. Пагоҳ шаб туро қабул мекунанд.

– Ун ҷо ман рафта чи кор мекунам?

– Ҷогаҳи Гулбӯйро дар хонаи алоҳида меандозанд.

Меравӣ, ба бағалаш медароӣ. Мебӯсиша. Лекин дигар корҳо дар ин шаб ҳаром аст, баччем.

– Унту бошад намеравам.

– Чиҳо гуфта истодаӣ? «Гулбӯй, Гулбӯй»,– гуфта хобат намебараду боз рафтанӣ нестӣ. Онҳо нигарон мешаванд.

– Ин корҳоро аз куҷо ёфта баровардетону…

– Аз гузаштаҳо мондааст, баччем. Падарат нисбатбозӣ назди ман омада буданд.

– Ун вақтҳо дигар буд.

– Не, баччем. Барои арӯсу домоди оянда ин чиз лозим аст, раво аст. Шармшикан мешаветон.

– Хайр, унту бошад, майлаш.

– Дасти холӣ намеравӣ! Рӯймол медиҳам, мебариву ҳадяаш мекунӣ. Таомули аҷдодон ҳамин хел,– таъкид кард модар.

Рӯзи дигар, баъди торик шудани атроф Шоҳруххон дилтаппон ба хонаи амакаш омад. Зулфини дарвозаро нагузаронда будаанд, пас чашм ба роҳи ӯянд. Ба таги айвон расид, ки овози янгаашро шунид:

– Шоҳруххон туӣ?

– Ҳа, ман, янга.

– Ба хонаи паҳлӯӣ гузар, ана ин тараф,– нишон дод дари хонаро янгааш ба Шоҳруххон.

Шоҳруххон худро даруни дар гирифт. Маҳинабону аз паси вай дарро пӯшида, назди кӯдаконаш рафт.

Лампаи рӯи ток фурӯзон буд.

Шоҳруххон дид, ки дар мобайни хона ҷогаҳ густурдаанду Гулбӯяш дар гӯшаи он сархам нишастааст.

– Гулбӯй!- пичиррос зад Шоҳруххон чанд қадам пеш монда.

– Омадӣ, баччаи амак?- аз ҷой ковок шуд Гулбӯй.

– Шин, шин, ман ҳозир…- аз ҳаяҷони ботинӣ чи гуфтану чи карданашро намедонист Шоҳруххон, ки дар мобайни хона асо барин рост меистод.

Гулбӯй хаёле мӯйҳои ду бари рӯяшро бо нӯги ангуштон ба қафо кашида, сар боло кард.

Шоҳруххон мафтуни ҳусну ҷамоли духтар гашта, ба зону

рӯи бистар нишаст ва хам шуда, бӯсае ситонд. Баъд рӯймолро аз бағал баровварда, ҷониби духтар дароз кард:

– Бигир, барои ту овардам!

Гулбӯй гирифту ба банди дилаш ниҳод ва бо ноз лаб ба сухан кушод:

– Баъди шоми ҳиҷрон субҳи висол будаст-дия!

– Ҳа, азизакам, ҳамааш гузашт, акнун вақти ба ҳам расиданҳо фаро омада, - гуфт Шоҳруххон, ки аз тамошои духтар ҳеҷ сер намешуд.

Оқибат ихтиёр аз даст дод Шоҳруххон, ки Гулбӯйро барқади бистар хобонд ва паёпай бӯсаборон кард. Дастонаш ҳамзамон синачаҳои анормонанди духтарро мекофтанд.

Гулбӯй ба ҳарос афтода дар канори Шоҳруххон печу тоб хӯрда, ширин- ширин мегуфт:

- Оҳиста охир…

Баъд лабони ташнаи Шоҳруххон ба лабони сероби Гулбӯй часпиданд. Гулбӯй ки нафасгир шуда буд, ғунчаи лабонашро аз лабони Шоҳруххон бо азобе канд.

Шоҳруххони масти висол дид, ки лаб «гурехт», ба мӯю рӯи Гулбӯй «часпид». Ҳай мебӯиду мебӯсид ва мегуфт:

*Гулбӯи ман, Гулбӯи ман,*
*Гулбӯи зеборӯи ман,*
*Мирам ба духти амакам,*
*Рӯят бимон ба рӯи ман.*

Дар чавоб бадеҳатан Гулбӯй гуфт:

*Шаҳрухаки дилҷӯи ман,*
*Чи мекунӣ дар кӯи ман?*
*Серӣ надорӣ- чӣ, бигӯ,*
*Аз рӯи ман, аз мӯи ман?!*

Шоҳруххон:

- *Гулбӯи ман, хушрӯи ман,*
*Хушрӯи ман, хушмӯи ман.*

*Оҳумисол аз ман марам,*
*Пештар биё, ба сӯи ман.*

Гулбӯй:

*– Шаҳрухи шаҳсувори ман,*
*Ту бурдаӣ қарори ман.*
*Акнун ки бо ҳам омадем,*
*Як умр мон канори ман.*

Шоҳруххон:

*– Гулбӯи ман, Гулбӯи ман,*
*Хушрӯи ман, хушмӯи ман.*
*Оҳумисол аз ман марам,*
*Пештар биё, ба сӯи ман.*

Гулбуй:

*– Шаҳрухи шаҳсавори ман,*
*Ту бурдаӣ қарори ман.*
*Акнун ки бо ҳам омадем,*
*Як умр мон канори ман.*

Шоҳруххон:

*– Гулбӯи ман, Гулбӯи ман,..*

* * *

– Акнун бас, аз ин зиёд расво мешавем. Боқимондаааш шаби арӯсӣ,- бо ишва гуфт Гулбӯй Шоҳруххонро аз худ дур арда,- ҳамту суҳбат мекунем…

Шоҳруххон ноилоҷ монд…

Бо тарси ба чашми бегона афтидан Шоҳруххон чашми рӯз накафида бо дили кашол хонаи амакашро тарк гуфт. Раҳораҳ, меандешид аз он, ки каси доно ин нисбатбозиро ёфта баровардааст. «Чӣ муборак саҳаре буду чӣ фархунда шабе!» Ин хелашро ҳеҷ ба гӯшаи хаём ҳам наоварда буд…

* * *

Чанд рӯз пас Мирзоаҳмад ба Шоҳруххон гуфт:

– Ин ҷо хонаи худат, баччем. Чи қадар истӣ, нури дида. Лекин фикр мекунам, ки хамин хел саланг-саланг гаштан фоидае надорад. Пагоҳ раву ба ягон ҷо ба кор даро. Тӯй рӯзи охирини ҳамин моҳ. Ба рафиқот данг зан, ду-се рӯз пештар биёянд. Дирӯз амакат аз мол омад, аз пеши роҳаш гузаштам. Гуфт ки ману шумо бегона нестем.

Аз урфу расми мардум зиёдтар не, камтар биёреду духтара баред.

Корҳои ба занҳо тааллуқдошта бисёр вақтро мегирад. Аз ин рӯ, байни ҳамин ду-се рӯз мегузаронем. Очат занҳои бадастуроро гӯяд, рӯзи ҷиҳозбуррон хонаи амакат рафта ба кӯрпаю болиштҳо пахта андохта лаганда кунанд, куртаҳои арӯсро дӯзанд. Дигар корҳоро ту биёӣ,худамон уҳда мекунем.

Шоҳруххон рӯзи дигар ба утобуси хатсайри Такфон-Панҷакент нишаста, гашти рӯз ба манзил расид ва ба шаҳраки геологҳо рафт. Ӯро хуш пазируфтанд ва ба ҳайси ҷӯянда-пармагар ба экспедитсияи ҷустуҷӯии Моғиён ба кор қабул карданд. Ҳамзамон гуфтанд, ки кор кардан гирад,бо хона ҳам таъмин мекунанд.

Панҷакенти бостонии сабзҷома бо оромиаш ба ӯ мақбул шуд. «Ягон хонаи иҷора ёфтан даркор аст,- роҳравон тарафи шуъбаи алоқа фикр мекард ӯ, –меҳмонхона дуруст намебиёяд.»

Ба бинои шуъбаи алоқаи байнишаҳрӣ даромада қоғазеро, ки дар он рақамҳои телефон навишта шуда буд, ба телефончӣ дароз карда гуфт:

– Духтари ширин, Душанберо гиред.

Духтар лабханде карда гуфт:

– Нишаста истед, ҷеғ мезанам.

Баъди чанде овози духтаракро шунид, ки мегуфт:

– Ба хоначаи якум дароед.

Шоҳруххон ба хонача ворид шуда, гӯшакро бардошт:

– Ало, Туӣ Рамазон? Чи хелӣ? Нашинохтӣ? Шоҳруххондия!

Ҳа, дуруст. Силоҳиддин чи хел? Моҳонаро гирифтӣ? Хабар накардӣ-ку!

Хайр, хушбахтетон даркор. Гӯш кун бародар, охири ҳамин моҳ, рӯзи якшанбе шодии арӯсии ману Гулбӯй. Ҳо, гуфта будам-ку! Биё, албатта. Моҳонаро ҳам биёр. Кампир танҳо мегӯӣ? Унту намешавад кори дунё…

Силоҳиддину туро интизор мешавам, хайр!

Гӯшакро ба ҷояш монда ба телефончӣ наздик шуд ва пули телефонро пардохта аз дар баромад Шоҳруххон. «Ягон хӯроки сабук мехӯрам ва ба меҳмонхона меравам»,- гуфт худ ба худ ӯ.

## БОБИ ДАҲУМ

Дар хонаи Мирзоаҳмадино ба тӯй тайёрӣ медиданд. Аз ҳама зиёдтар занҳо дар тараддуд буданд. Нону самбӯса мепухтанд. Равған ширин мекарданд. Кӯчаву таги дарвоза ва роҳравҳоро об задаву рӯфтаву ба тартиб медароварданд.

Шоҳруххон баъди бист рӯз омад. Сарбаланду мамнун омад ва ба падараш гуфт:

–Ҳамон рӯз расидаму ба экспедитсияи ҷустуҷӯии Моғиён рафтам. Ба кор қабул карданд ва гуфтанд, ки баъдтар хона ҳам медиҳем. Ду руз он ҷо монда, ҳуҷҷатҳоямро супоридам, хонаеро муваққатан иҷора гирифтам. Баъд чандрӯза ба дараи Шинг фиристоданд. Инак, ман омадам, ба муҳлати даҳрӯз меистам ин ҷо.

–Нағз, баччем, нағз. Туро бисёр нигоҳ намедорем. Имрӯз панҷшанбе- а? Ҷумъа, шанбе,- ангуштҳояшро қад кард Мирзоаҳмад – баъди ду рӯз тӯй. Якшанбе оши мардумро карда медиҳем, шабаш никоҳ. Шояд биёянд рафиқат. Занг задишон?

– Ҳа, додо, хабар додам. Омаданашон даркор.

Рӯзи шанбе Рамазону Силоҳиддин савори мошини раҳгузар аз ағбаи Анзоб гузашта омаданд, бо борхалтаҳои пур.

- Боз ин чиятон аст?- пурсид Шоҳруххон бо тааҷҷуб, баъд аз он ки онҳоро бо оғӯши боз пешвоз гирифт, чашм аз борхалтаҳо наканда.

- Чӣ мебуд? Барои шаҳ саллаву барои арусаш рӯймоли японӣ ва боз ду-се шиша коняку анору себу лиму, апелсин, баъд як-ду метр матоъ барои пойандозу боз, чи буд, Силоҳиддин?- хушгӯӣ кард Рамазон.

Ҳар се хандиданду баъд Шоҳруххон пеш-пешу Силоҳиддину Рамазон аз қафо тангкӯчаи каҷмакаҷакро боло шуда, дар назди дарвозаи хокиранг истоданд. Шоҳруххон гуфт:

- Ана, ҳамин ҷо ҳавлии мо, марҳамат!

- Исто, як нафасҳоро рост кунем, - гуфт Рамазон. – Ин қадар дар баландӣ будааст манзилатон, дар таги кӯҳ-е!

Шоҳруххон гуфт:

- О, кишлоқ, шаҳр нест, ки дили даст барин ҳамвор бошад. Қишлоқ сараш ба кӯҳ мечаспаду пояш ба дарё мерасад.

Рамазон гуфт:

- Дар воқеъ,- ҳамин тавр будаст. Хайр, дароед, мегӯӣ, Шоҳруххон, чи хел дароем, ки яке аз мо намерасад. Холиқ Ғалатиро дар назар дорам. Канӣ вай? ба туй ҷеғ задиша?

Шоҳруххон гуфт:

- Мактуб фиристонда будам. Омаданаш даркор.

Рамазон гуфт:

- Бе вай тӯи Шоҳруххон маънӣ надорад. Гуфта монам, ки аз ҷониби мо пойандозро ӯ мекашад.

- Наомада?- табассум кард Силоҳиддин.

- Наомадаст, лекин меояд,- бо қатъият гуфт Рамазон ва афзуд.

- Дар куҷо кор мекунад ун Ғалатӣ?

- Дар ҳамин ҷо, дар комбинати маъдантозакунии Анзоб,- ҷавоб дод Шоҳруххон.

- Дар куҷо кор карданашро медонад ун соддамуғамбир,- гуфта монд Силоҳиддин.

Чун меҳмонон вориди ҳавлӣ шуданд, Мирзоаҳмад бо онҳо самимӣ мулоқот карда, тарафи Кариму Шораҳим гуфт:

- Баччаҳом! Зуд аз оғил барраеро баровwarda пеши пои меҳмонони азизи хонадонамон сар занед.

* * *

Рӯзи якшанбе аз саҳар духтарон дар хонаи аммаи Гулбӯй Бибисанам, ки вазифаи духтарросткунӣ ба ӯ расида буд, ҷамъ омаданд. Машшота мӯйҳои арӯсро шона карда, бофта истода буд, ки духтаре доира навохт, дигаре ба сароидан оғоз кард:

- *Гуларӯсак, сарта боф,*
*Ҳозир вақти рафтан аст.*

Арӯс:

- *Сарма намебофаме,*
*Хонаи падар беҳтар аст.*

Ҳама:

- *Сарша намебофаде,*
*Хонаи падар беҳтар аст…*

Баъд ба чашму абрӯвонаш сурмаву усма кашиданд, ба нохунҳои дасту пояш ҳино бастанд, ба гӯшу гулӯяш ҳалқаву гулубанд овехтанд, ба ангуштонаш ангуштарӣ, ба банди досташ дастпонаро гузаронданд. Сипас, ба сараш тӯри арӯсиро партофта боз рақсу бозиро идома доданд.

Қарибӣ чоштгоҳ ду зан аз тарафи домод омаданд, ки арӯсро талбида баранд аз Бибисанам, вале ӯ ҳеҷ «арзон» доданӣ набуд, ки мегуфт:

– Пули калон партоед, баъд медиҳам арӯсро.

Рӯймол доданд, рад кард:

– Ин кам аст.

Аз хонаи арӯс боз одам омад, ки ҷониби домод нигаронанд, ки кай арӯсро мебиёранд. Ҳамоно садои дойра баланд шуду чанд кас ба сурудхонӣ даромаданд.

Ҳама:

*- Барор, бароруш, холае,*
*Зудтар бароруш, холае!*

Сарбайтхон:

*- Сари дегдони баланд,*
*Бузғолабони очеш.*

Ҳама:

*- Барор, бароруш, холае,*
*Зудтар бароруш холае!*
*Офтоб гашт, нимрӯз шудаст,*
*Кай мебароруш, холае?*

Сарбайтхон:

*- Эй холаи нокорае,*
*Нӯги зулфат марворие!*

Ҳама:

*- Барор, бароруш. холае,*
*Зудтар бароруш холае!*
*Дили домод ганда шудаст,*
*Кай мебароруш холае?...*

Охир панҷоҳ сомонӣ доданд, розӣ шуд Бибисанам.

Арӯсро ба миёна гирифта, занону духтарон зери зарби дойра рақскунон то хонаи арӯс омаданд. Ӯро таги тор даровварда худ гирди хона ҷой гирифтанд.

Дар хонаи шафат домодро рост карданд. Баъд аз он ки Ҳоҷибобо ба сари домод тоқи пӯшонду ба танаш ҷома, миёнашро бо яккабанди шилшиладор сахт карда баст. Хонабудагон барқади домод танги нисор карданд.

- Муборак шавад! Муборак шавад!-гуфтанд ҳамагон.

- Нек шавад!-ҷавоб доданд наздикони домод.

Мулло пеш аз он ки никоҳ кунад, пурсид:

- Дар идораи Ҷамоат аз ақди никоҳ гузаштаанд?

- Ҳа,-гуфта Рамазон шаҳодатномаи никоҳро нишон дод.

Баъди хутбаро хондани мулло Шоҳруххонро фаҳмонд, ки то шаш моҳ нафақаи занашро медиҳад, ӯро намезанад.

Дар чойник оби дам гирифта ба таги тор барои арӯс бурданд.

Рамазону Холиқ Ғалатӣ ва Силоҳиддину дигар ҷавонҳо ҳамроҳи домод ба айвон баромаданд.

Дар дами дар пойандоз доштанд. Рамазон таъқид кард:

- Бачаҳо, пасттар доред.

Бо кӯмаки Рамазон Шоҳруххон осон аз болои пойандоз ҷаҳида гузашт ва таги тор даромада, пои арӯсро пахш кард. Оина доштанд.

Арӯсу домод худро дар он диданд. Домод тӯшаро аз арӯс қабул карда берун баромад.

Дар ин миёна барои пойандоз зӯрозмоӣ шуд.

Рамазон бо як ҷаҳиш қисми зиёди пойандозро аз дасти дигарон канд. Холиқ Ғалатӣ, ки қариб ба таги поҳо монда буд, давида пеши ӯ омад ва гуфт:

– Ба ман каме те.

Рамазон гуфт:

- Нагирифтӣ худат?

Холиқ Ғалатӣ иқрор шуд:

- Натонистам.

Рамазон гуфт:

- Дар ҳама кор белабу лаҳҷа ҳастӣ, бачча!

Баъд ба Холиқ Ғалативу чанде дигарон, ки бенасиб монда буданд,

кам-кам дарронда доду гуфт:

- Ба ният гиред, ки худо шумоёнро ҳам ба ин рӯз расонад.

Қариб тӯшаи таги бағали домод ҳам аз даст рафта буд. Боз Рамазон пешдастӣ карду рабуд онро аз дасти яке…

Дар нӯги чӯбе дароз ҷомаи кӯҳнаро печонда ба рӯяш равған рехта шамъ сохта буданд.

Шамъбардор онро овард, гӯгирд заданд. Атроф рӯшан шуд.

Арӯсро арӯсбарон аз хона баровbooк.

Шамъбардор пеш-пеш, аз паси вай домоду ҷӯраҳояш, арӯсу дугонаҳояш равон шуданд. Рамазон тарафи доирачӣ гуфт:

- Доираатро ба кор дарор, мо суруд хонем.
Доирачӣ ангушт ба доира зад.

Рамазон:

*- Арӯса бурдем шаҳ катӣ,*
*Қад-қади сою раҳ катӣ.*

Ҳама:

*- Ёр-ёр, ёроне,*
*Ёр-ёр, ёроне!*

Рамазон:

*- Аз боло об меояд,*
*Бӯи палов меояд.*
*Хонаро ҷорӯб занед,*
*Арӯси нав меояд.*

Ҳама:

*- Ёр-ёр, ёроне,*
*Ёр-ёр, ёроне!*

Рамазон:

*- Ёр омаду ёр омад,*
*Сабзина нигор омад,*
*Бархезу канораш гир,*
*Ёрат ба канор омад.*

Ҳама:

*-Ёр-ёр, ёроне,*
*Ёр-ёр, ёроне!*

Чун ба ҳавлӣ расиданд, Кароматхон орд оварда ба сари

арӯс пошид, яъне- бахосият шавад!»

Арӯсро дар мобайни ҳавлӣ гирди кундаалов гардонда, ба хона даровარданд.

Дар берун домоду ҷӯраҳояш то дер дар гирди алов пойкӯбону дастафшон рақсу бозӣ карданд. Боз овози ширадори Рамазон баланд шуд. Ба ӯ дигарон ҳамоовозӣ карданд.

Ҳама: *Боғ дарояд тӯтиҷон,*
*Чорбоғ дарояд тӯтиҷон!*

Рамазон*:* *Кошки, ман туппӣ шавам,*
*Бар сари тӯтӣ мешудам.*
*Кошки, ман ҳалқа шавам,*
*Бар гӯши тӯтӣ мешудам.*

Ҳама: *Боғ дарояд тӯтиҷон,*
*Чорбоғ дарояд тӯтиҷон!*

Рамазон: *Кошки, ман сурма шавам,*
*Бар чашми тӯтӣ мешудам,*
*Кошки, ман усма шавам,*
*Бар қоши тутӣ мешудам.*

Ҳама: *Боғ дарояд тӯтиҷон,*
*Чорбоғ дарояд тӯтиҷон!*

Рамазон*:* *Кошки, ман курта шавам,*
*Бар тани тӯтӣ мешудам,*
*Кошки, ман туфлӣ шавам,*
*Бар пои тутӣ мешудам.*

Ҳама*: Боғ дарояд тӯтиҷон,*
*Чорбоғ дарояд тӯтиҷон!*

Дар ин миёна арӯс ҳанӯз нанишаста буд дар таги тор.
Зане мегуфт:

- Канӣ, модарарӯси ширин, бигӯед арӯс намешинад, чи медиҳед?

Кароматхон даст пеши бар гуфт:

- Арӯс шинад, як қолини гулдор медиҳам!

Арӯс нанишаст, Мирзоаҳмадро оварданд.

Занак гуфт:

- Падарарӯсаш, арӯс намешинад, чӣ медиҳед?

Мирзоаҳмад гуфт:

- Арӯс шинад, як гови багӯсола медиҳам.

Арӯс нанишаст. Додарарӯсош Кариму Шораҳимро оварданд.

Занак гуфт:

- Додарарӯсҳои зебош, арӯс намешинад, чӣ медиҳед?

Карим гуфт:

- Гӯсфанди баррадор медиҳам, арӯс шинанд.

Шораҳим гуфт:

- Бузи бабузғола медиҳам, арӯс шинанд.

Арӯс нанишаст. Диловарҷонро оварданд.

Занак гуфт:

- Диловарҷон, арӯс намешинад, чи медиҳед?

Диловарҷон гуфт:

- Акоямро додем, як дар хона додем, боз чи диҳем? Шинанд!

Арӯс нишаст.

Аммо дар берун ҳанӯзам базми арӯсӣ идома дошт.

Баъдтар, чун барои арӯсу домод чойгаҳи баланд густурда, гирдогирд болишт чинданд, рафиқонаш ӯро ба хонаи арӯс гуселонданд.

Хона дар ин шаб укёнусро мемонд. Қаиқи бистар гӯиё секин- секин бо ихтиёри худ лаппиш хӯрда, ба сӯе ноаён дар ҳаракат буд.

Гулбӯй рӯ ба осмон ёзида аз Шоҳруххон, ки як дасташро аз таги гардани ӯ гузаронда миёнашро қадре ба пеш хам кардаву рухсораҳои лолагуну ғунчаи нимвои лабони ба табассум моилашро тамошо мекард, чашм намеканд. Обшори мӯҳояш шорида барқади болишт, атрфишонӣ дошт. Ҳар ду

дар олами руъёии қаики бахташон мерафтанд ба чаманистони зебоӣ, нӯш мекарданд шаҳди висол, мурғи илҳомашон дар нағмасароӣ буд:

*- Ой девона, дунё девона,*
*Дар ин дунёи девона,*

Мо девона.

Аз кучоe ин вожаҳо рӯ зад:

- Гулбӯи ҳинобадаст,

Маст буданд, ки хаёле ҳушёр шуданд.

Гулбӯй гуфт:

-– Зан ба масал киштзори мард аст. Инак, ман аз они ту ҳастам. Хушобии ман аз туст. Обам бидеҳ…

Шоҳруххон чоки гиребони ӯро калонтар кушод ва боғи латофаташро ба ғорат бурда, мастона гуфт:

*- Ғунчаи нимвои лабат дар лабам,*
*Шабнами рухсори тарат мемакам.*
*Шорида қад- қади тагоби танат,*
*Атри гиёҳи баданат мешамам.*

…Қаиқ ҳанӯзам дар уқёнуси хона мелаппид, таҳти вазиши бодҳои мухталиф «чаппаву роста» мешуд. Гулбӯю Шоҳруххон ҳамчунин мелағжиданд дар рези бистар «чаппаву роста» мешуданд., тагу боло мешуданд…

Яке Гулбӯй бо шавқу шӯри зиёд гуфт:

- Шодихона аст дунё. Месазад, ки дӯсташ дорӣ. Магар чунин нест?

- Ҳамин тавр аст, ҷонакам,-пичиррос зад Шоҳруххон, ки беёд буд, дилшод буд аз дидори Гулбӯй. – Ба ростӣ, чи дилбар астӣ!

Ҳанӯзам ҳар ду носери дидор дар қаиқи бистар «бозӣ» доштанд, ки чашми арӯс ба зардӯзии гирди хона афтод. Дар он сурати ду кабутарро нӯл ба нӯл тасвир карда буданд. Гуфт:

- Шоҳруххон, ба девор нигар. - Чи аст он ҷо?- Ба тарафе ки Гулбуй ишора кард, нигариста пурсид Шоҳруххон.

- Кабӯтарон.

- Хайр, чӣ?

-Муччӣ-муччӣ доранд.

- Чи мегӯӣ? О, сурате беш нестанд.

- Не, не, мебинанд моро.

- Оҳ, соддаяки ман! Девона мекунӣ одамро!

« Сайёд» зеҳи камонро таранг кашида ҷониби «сайд» тире партоб намуд. Тир ба нишон расид. «Сайд» хунчаккон дар паҳлӯи «сайёд» акнун «ҷон» меканд…

Баъди ду рӯз рӯбинон карданд.

Либосҳои арӯсро гирди хона овехта ба занҳо, ки ҷамъ омада буданд, нишон доданд. Як гӯшаи торро бардошта монданд. Арӯс рост истода бо тавозуъ тарафи занҳо салом дод. Зане нуронӣ, ки аз дигарон солортар буд, саломнома хонд:

Саломномахон:

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим!

Ба арӯс салом додем аз Хоҷаи Гулрез!

Ҳама:-Ҳазор алейк!

Саломномахон:-Ба арӯс салом додем аз падарарӯсаш Мирзоаҳмад!

Ҳама:- Ҳазор алейк!

Саломномахон:-Ба арӯс салом додем аз модарарӯсаш Кароматхон!

Ҳама:- Ҳазор алейк!

Саломномахон: Ба арӯс салом додем аз амааш Бибисанам!

Ҳама: Ҳазор алейк!

Саломномахон: *Талаб кунед ба ҳаққи тамоми махлукот:*

*Мудом халқи чаҳон аз ситам шавад озод.*
*Ки меҳмон ҳама бошанд хурраму дилшод,*
*Шаванд чу ошиқу маъшуқ арӯсу домод,*
*Ба ҷумла ошиқони ҷаҳон салом мегӯем.*

Аз кампири Бинозира, ки синнаш аз шаст боло буд, хоҳиш карданд, ки дар ҳаққи арӯс сухани нек гӯяд.

Гуфт:

*– Ман чӣ кунам рақсаша,*
*Худо диҳад бахташа.*

* * *

*Ман чӣ кунам бухчеша,*
*Худо диҳад баччеша.*

* * *

*Оштонаш пури кулча шавад,*
*Хонекаш пури бачча шавад.*

- Илоҳо, омин, бахту давлат ёр шавад, дарахти пурмева шавад, аз ҷои омадагеш бинад!

Ба кампир тақлид карда ҳама даст ба рӯ кашиданд.

Чун ин расм ба охир расид, таомули дастчармкунон оғоз шуд. Кулчаи тагиалобиву як тақсимча равғани зарди гуппӣ оварда пеши арӯс монданд. Арӯс «иримаш» гӯён дастҳояшро чарм кард, боқимонда корро дигарон идома доданд.

Дар охир занҳо доира зада, сурудхонӣ карданд:

*Рафтем роҳи дуродур,*
*Овардем ниҳоли гул.*
*Ин гула куҷо монем,*
*Дар ҳавлии Мирзогул.*

* * *

Бенозира: *Имшаб мерам қушатба,*
*Ҳалқа занам гӯшатба,*
*Духтари рӯпушатба,*

Ҳама: Дардат занад духтардор!

* * *

Бинозира: *Имшаб мерам мӯретба,*
*Меҳмон шавам хонетба,*
*Қоил шавам ҷӯретба,*
Ҳама: *Дардат занад, духтардор!*

Бинозира: *Имшаб мерам капетба,*
*Шинам пеши очетба,*
*Як гап занам акетба,*

Ҳама: *Дардат занад духтардор!..*

## БОБИ ЁЗДАҲУМ

… Чархи гардун ба муроди дили мардуми шуравӣ мегашт, ки боде мухолиф вазид, ҳаракаташ тағйир ёфт баъди такони сахте …

Саре хам шуд, миёне шикаст, зонуе тоб хӯрд, пое гирифтори завлона гашт…

Даъвогарон рӯи об омаданд, мансабталошон овоз баланд карданд. Халқи оддӣ ба гирдоби нобудиҳо афтид, аз худу бегона дилаш монд. Олам ки шодихона буд, азохона шуд…

Душанбе – пойтахти давлати тоҷикону точикистониён он рӯзҳо ба нуқтаи доғи рӯз табдил ёфта буд. Аз хиёбону кӯчаҳояш танкҳо мегузаштанд. Дар ҳар қадам тирпарронӣ, кушокушӣ… Бародар бародарро мекушт, писар падарро. Берун аз пойтахт дар Қурғонтеппаву Ҳисор аҳвол аз ин бадтар буду беҳтар не. Кӯлоб дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дошт. Хайрият, аз шимоли кишвар, аз Хуҷанд ба бародарони Кӯлобӣ тариқи роҳи ҳавоӣ анвоӣ хӯрданӣ мисли орду биринҷ ва равған роҳӣ мекарданд. Охир « мӯъмин – бародари мӯъмин», гуфтаанд. Чи хел ононро дар ин вазъият танҳо мегузорӣ? Шайх Саъдӣ ба маврид фармуда:

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Осмони ватанро, ки чанд вақт қабл софу дилрабо буд, абрҳои тира фаро гирифта буданд.

Рамазон, ки ин рӯзҳо дар шаҳри Душанбе буд, бо дили садпора, бо ҷигари пурхун, фикрҳои мағшуш дар сар аз ин кӯ ба он кӯ овора шуда мегашт, нолидан дошт:

Мо дар қайди ғами айём ҳастем, кулли ғам ба пою мо бедастем, Шодии моро чун бурданд аз мо, мурда – мурда зинда мо, кӣ ҳастем?

Тоҷикем аз насли ориёӣ, лек бечораву урён ҳастем. Ба масал дунё агар зиндон аст, бастаи завлонаи он ҳастем. Некро чун баладем дар олам, аз чӣ пас сархаму дилхун ҳастем. Соддагемонро дида моро куштанд. Чӣ кунем аз он, ки тоҷик ҳастем!…

Мегуфтанд, ки дар ин кашмакашҳои хунину кушторҳои бемаънӣ хориҷиён даст доранд. Аз берун кадом қуввае ин ҳама дасисабозиҳоро идора мекунад. Аз хориҷ буд, ё аз дохил, яқин бар зарари мо тоҷикону тоҷикистониён буд. Мекашонданд, ҳар чӣ мехостанд мекарданд. Чашми оламиён ба ин сӯ буд, гӯшашон ба ин сӯ буд. Расонаҳо ҳар хел шарҳ медоданд рӯйдодҳои ин кишварро. Дӯстон асли воқиаро бо таассуф арзёбӣ кунанд, душманон ба таҳрифкорӣ роҳ медоданд. Ин зуҳурот бар зарари ҳамагон буду бар нафъи чанд мансабхоҳу курситалабҳои давр…

Беҳтарин фарзандони миллатро қатл карданд. Душманон либоси занон пӯшида, даст ба ғорат мезаданд. Онон шоирро не, олимро не, файласуфро не, миҳанро, миллатро мекуштанд, имонашро заъиф мекарданд, рӯҳашро мешикастанд, тамаддунашро ки ишон намояндагӣ доштанд, буғӣ менамуданд. Аз ин рӯ миҳан, миллат дар хуни худ оғӯшта буд, зорӣ дошт, чунон ки устод Лоҳутӣ гуфта:

*Аё, сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,*
*Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.*

Рамазанро ин авзои Ватан гаранг карда буд. « Ҳамаи ин

барои чӣ, ба хотири кӣ аст? Ай, тоҷики гулгункафанам! Магар худро ба оламиён ҳамин хел муаррифӣ мекунанд? Аз дур тамошо карда мегӯянд бо заҳрханда, ки тоҷик қавме беш нест, ҳамчун миллат ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Не, не! Ин ноҳақгӯист! Тоҷики ман аз муқадамтарин ва бузургтарин миллат аст. Аммо дирӯзу имрӯз ба маризии маҳалбозӣ гирифтор гашта аз миллат будани худ фаромӯш карда будем, ки сабабҳои обеъктивӣ дошт. Ин рӯзҳо гузарандаанд. Ҳоло нигоҳ карда истед, бар асли худ баргашта, ба шумоён исбот мекунем, ки мо, тоҷикон, миллати боғурури нажоди ориёием, тамаддуни мо шуҳрати оламгир доштаву боз хоҳад дошт…»

* * *

Дар сари ағбаи Анзоб силоҳбадастон мошини онҳоро нигоҳ доштанд.

Сардор амр кард:

– Канӣ, фароед аз мошин!

Фаромаданд ҳар ду.

Дастҳоро ба қафо тоб дода мили камонро ба баногӯшашон монданд.

– Ҳуҷҷатҳоро нишон диҳед.

Нишон доданд.

– Дар мошин чи ҳаст?

– Ҳеч чиз. Метавонед тафтиш кунед.

Ту ки ҳастӣ?- пурсиданд аз яке.

Гуфт:

– Ман як омӯзгор.

– Ту чӣ?- суол карданд аз дигаре.

– Ман Лоиқ.

– Лоиқи шоир?

– Ҳа.

– Хайр, биравед…

Чун аз ағба тарафи Анзоб нишеб шуданд. Лоиқ тарафи ҳампаҳлӯяш гуфт:

– Қариб парронда будан–е ! Сабил монад…

– Агар шумо намебудед, устод, яқин маро амон намедоданд.

– Ин тавр нагӯй, баччем.

– Хайр, бигӯед ки чаро чун дигарон ба хориҷа фирор накардед? Бисёриҳо рафтанд…

– Баччем, дар рӯзҳои хуши Ватан будем, дар рӯзҳои бадаш ҳам ҳам буданамон зарур аст. Чаро шоир шудем? Дар воқеъ, номам Рамазон гуфтӣ. Ҳамту не?

– Бале, устод, номам Рамазон аст.

– Дар куҷо будӣ то ин дам? Чӣ машғулият доштӣ?

– Дар Душанбе будам, сонӣ ба Қурғонтеппа рафтам. Он ҷо омӯзгорӣ мекардам дар як мактаби миёна. Рӯзе ҳини иҷрои як супориш ба дасти ҳамин гуна як гурӯҳи силоҳбадастон афтодам. Сардор амр кард, ки баъди пешин бипарронанд маро.

– Баъд напарронданд? Канӣ ба тафсил нақл кун, то роҳ кӯтоҳ шавад.

– Хуб, устод…

Рамазонро дуртар аз бозори шаҳр доштанду кашон–кашон ба сӯе бурданд бо чашмони баста ва ба яккатуте расанпечаш карданд. Ӯ монду посбон. Ӯ монд бо хотираҳояшу посбон монд бо камонаш. Рамазон шод буд аз он, ки хотираҳояш ба ӯянд, танҳо намегузоранд дар танҳоӣ. Посбон низ хурсанд аз он, ки бо худ нос дорад ва ҳар гоҳе хоҳад аз он ба таги забон мепартояд. Ба вай чи ки дар тани дарахт киро бастаанд ва барои чи бастаанд. Вазифаи ӯ посбонист. Ба ивази ин амалаш шикамашро сер мекунанд, ба куҷое биравандd, ҳамроҳи худ мебарандаш. Хизмати сагона мекунад ӯ ва як чиз барои ӯ равшан аст: бояд ба соҳибаш вафо кунад.

Рамазон зери лаб табассуми дардноке кард: «чи бефаҳманд ин мардум. Ман ки дар бандаму чашмонам баста. Боз чи зарурият ба посбон. Маълум ки аз чанд дару дарвоза гузаронда, ба ин ҷо оварданд. Аз шаш сӯ ба ман роҳи наҷот нест. Афсӯс ки дар ғафлат мондаӣ, меандешид ӯ.»

Яке омаду фармуд:

– Чашмонашро кушоед.

Кушоданд чашмонашро. Дид ки дар рӯ ба рӯяш марде ришдор. Тарафи ҳамроҳош гуфт:

– Рамазон ҳамин аст?

– Ҳа,- ҷавоб доданд ба ӯ.

– Рамазон, мегӯям,–рӯ овард ришдор ба ӯ.

– Ҳа,- посух дод Рамазон, ки мижа намезад.

– Ту ҳам ба даст меафтодаӣ-дия.

– Маро бо ҳила гирифтанд.

– Мон ин гапҳоро,– даст афшонд ришдор. – Ба тарафи мо гузар.

– Ҳаргиз!

– Хайр, бигӯ, Рамазон, мо ба хотири Ватан меҷангем, ту ба хотири чи талош дорӣ?

– Ватан мегӯеду ватандоронро мекушед. Ватан мегӯеду ватанро ба вайрона табдил медиҳед!

– Бас кун!-аррос зад ришдор.

– Шумо бас кунед, ки душманеду либоси дӯстро пӯшидаед ба тан!

Ришдор, ки аз қаҳр кабуд шуда буд, ҷониби посбон гуфт:

– Ба ин одам дурусттар нигоҳ кун, ки нагурезад. Шаб адабашро худам хоҳам дод!

Ришдор бо ҳамроҳонаш ба мошинҳо нишаста, ба куҷое равон шуданд…

Офтоб аз абр ба рӯ ниқоб дошт. Атроф ба назари Рамазон тира менамуд. Зӯр кард то расанро биканад, ки посбон бетоқат шуд…

Ин дам офтоб лаҳзае чеҳра нишон дод. Рамазон қадре сарашро боло кард, то аз нурҳои фараҳбахши хуршед сер шавад. Охир ӯ ошиқи офтоб буд. Ҳар субҳ тулӯи офтобро тамошо мекард. Тулӯи офтоб барои вай нишотовар буд. Бо тулӯи офтоб зиндагии ҳаррӯзааш тулӯъ мекард. Аслан ӯ рӯшаниро мепарастид. Ба зулмот нафрат дошт. Вале ҳоло барои ӯ ҳама рангҳо бефарқ буданд. Акнун ки ӯро яқин мекушанд, рангҳо ҳеҷ аҳамияте надоранд. Баногоҳ дар само мурғаке танҳоро дид, ки беист пар мезад. Болҳояш зери амвоҷи офтоб нуқрагун метофтанд. Дур аз таҳдиду таҳлука,

озодона парвоз дошт. Оё медонад, ки сайде дар камин ҳасту қасди вай дорад чун ӯ? Не, намедонад ва дониста ҳам наметавонад, чуноне ки ӯ аз макри душман ғофил монд…

Рамазон ҳанӯзам аз бозии мурғаки танҳо чашм наканда тафаккур мекард аз он, ки ӯ ҳам чун мурғак дар баландиҳои зиндагӣ парвоз мекард. Бо Моҳонааш хушбахт буд. То дирӯз чи орзуҳое дар дил мепарвариданд. Бе ман ҳоли ӯ чи мешавад? Дар қадаш кӯдак дошт фаҳмад, ки маро асир гирифтаанду мекушанд, ӯ бе ман чӣ кор мекунад?...

Риштаи хаёлоти Рамазонро садои тир гусаст. Пиндошт ки ӯро парроданд. Вале дид, ки мурғак аз тири кадом силоҳбадасте захм хӯрдаву ба зер меояд. Бо таассуф дар дил гузаронд: «Маро низ ин қисмат дар пеш аст.»

Ин дам аз дарвоза марде дар тан ҷелаки сабз даромада омад. Аз қадамониаш аён буд, ки аз қумондонҳо аст. Ба мобайни ҳавлӣ расида истод ва як ба посбон нигаристу як ба бандии пои дарахт. Сӯи дарахт чанд қадам монд, нигоҳ кард, ҷиддан нигоҳ кард, баъд болои сари бандӣ хам шуд ва пурсид:

– Ту? Маро шинохтӣ?

Рамазон бо тааҷҷуб ба ӯ чашм дӯхт.

– Дар хотират ҳаст? Маро чанд кас таъқиб мекарданд. Ту пеши роҳи онҳо баромадӣ ва гуфтӣ: «Истед, бачаҳо, бародаркушӣ чи даркор? Гуфтанд: «Охир ин аз мухолифин аст.» Ту гуфтӣ: «Касе набошад, як тоҷики худамон аст.» Баъд онҳо рафтанд, ман ба риққат омада аз рӯят бӯсидам ва гуфтам: «Чи ном аст туро?» Гуфтӣ: «Рамазон.» Ана, ҳамон наҷотовари ман магар ту нестӣ?

– Ҳа, ман,–иқрор шуд Рамазон, ки аз ин вохӯрии ғайричашмдошт дар тааҷҷуб буд. Эҳсос мекард, ки сӯяш боди шурта мевазад.

Мардак ӯро аз банд раҳо кард ва тарафи посбон гуфт:

– Ту озод, масъали инро худам ҳал мекунам.

Ҳар ду ба пушти хона гузаштанд. Боғе буд он ҷо.

Мардак гуфт:– Бидон, ки ман тарафи ҳукуматаму ҳолиё муовини қумандон. – Ҳо, дидӣ дарчаро? Ҳамонро кушода баромад меравӣ. Ман ин ҷо то баромада рафтани ту нигоҳ

карда меистам. Тангкӯчаи пушти дарча туро то маркази шаҳр мебарад. Рамазон, шутури сафедро дидӣ? Не!

Ҳанӯз дар пушти дарча буд, ки қумондон пайдо шуда аз муовинаш пурсид:– Чи кардетон бо Рамазон?

Шунидам, ки муовин гуфт:– Сараш додем… ба бод!

– Ба ростӣ, саргузаштат шуниданӣ будааст,– гуфт Лоиқ баъди хомӯш мондани Рамазон ва ҳарфи мардакро такрор кард зери лаб: «Сараш додем… ба бод! Чӣ шоирона гуфтаст, доно будаст…»

– Ин тараф вазъ чи хел бошад?- пурсид Рамазон аз устод Лоиқ, ки чамбаракро сахт доштаву боэҳтиёт мошин меронд.

– Ин тараф водии худамон. Доранд, зуд сар медиҳанд,– бо пӯзханд гуфт Лоиқ.

* * *

Дар ҳамин вақт, дар ҳамин соат садои тир Меҳроҷу Абӯбакрро, ки рамаро дар ёни кӯҳҳои тарафи Панҷхок мечаронианд, безобита кард.

– Пеши молро касе мегардонад,–хабар дод Абӯбакр.

Меҳроҷ ба он сӯ шитофт. Дид ки чанд силоҳбадаст баробари мол истодаанд.

Яке ӯро дидан замон гуфт:

– Туӣ чӯпон?

– Ҳа,– ҷавоб дод Меҳроҷ.

– Бачаҳо гушнаанд. Ҳашт–даҳ гӯсфанд бидеҳ, барем ошдоғӣ кунанд.

– Аз ман нест. Моли чакана аст. Соҳиб дорад.

– Ба ту ҷон ширин, ё гӯсфанд?- тунд шуданд силоҳбадастон.

–Шумоён аз кадом тараф?-пурсид аз соддагӣ Меҳроҷ.

– Аз кадом тараф будани мо ба ту чӣ дахл дорад? Ба хубӣ мола ҷудо кун, барем.

– Охир…

– Чи бо думи шер бозӣ кардан мехоҳӣ?

Силоҳбадасте ки дуртар меистод, овоз баланд кард:

– Меҳроҷ, гарданшахӣ накун.

Меҳроҷ сӯи ӯ нигаристу гуфт:

– Киро мебинам? Шерӯя, ту ҳам дар ҳамин ҷо ҳастӣ?

Шерӯя гуфт:

–Дар ҳамин ҷоам, бо ҳаминҳо ҳастам. Зуд ҷудо кун чанд сар. Баъд ҳисобашро дуруст мекунӣ.

– О, ту ба ҳамроҳот фаҳмон, ки ин моли мардум аст.

Шерӯя гуфт:

– Меҳроҷ бузбозӣ накун, оқибаташ бекора мешавад. Ман қаблан ба инҳо фаҳмондам, ки чӯпонҳо худианд. Маро инҳо аз ҳалокат раҳо кардаанд, гуфтам. Мӯҷиби сахт наомаданашон ҳамин аст, вагарна одати мо пурсидан нест, беистиҳола бӯлак карда рафтан аст. Фаҳмидӣ?

Меҳроҷ аз ноилоҷӣ, гуфт:

– Хайр, ба шумоён гӯсфанд даркор аст? Аз они худамро медиҳам.

Силоҳбадастон ғанимати худро гирифта рафтанд.

Меҳроҷ дар як нуқта карахт монд. Ҳарфи рафиқи Шоҳруххон Рамазон ба хотираш омад, ки дар Душанбе чанде пеш гуфта буд: «Шерӯяро гоҳ дар майдони Озодӣ мебинеду гоҳи дигар дар майдони Шаҳидон. Намедонед кист вай? Аз афташ, аз як ҷо мебурраду ба дигар чо медӯзад.»

– Ғоратгарон!- туф кард ба замин Меҳроҷ.- Гӯсфандҳоро бурданд, сагкушиашонро чи гӯям? Ботуру Бӯгир акнун нестанд, лозим мешавад, ки аз паи ҷустуҷӯи сагҳои дигар шавем.

## БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

Аз канори маъвои дилпазир тӯдае савора асп монда, ба тали сияҳфоме боло шуданд. Ҷавони пешгард дар сари тал аспашро боздлшт. Дигарон низ пайгирона инони уловашонро тунд кашиданд. Аспҳо дар як нуқта пойкубон монданд. Ҷавон хаёле ҷониби марғзор, ки ба дуриҳо доман паҳн карда буд ва ба чашми бинанда чун қолини порсӣ хушрангу сергул менамуд, тӯри нигоҳ партофта бо як эҳтиросе гуфт:

– Зармоз, Зармоз, боғистони орзуҳо, чамани гулҳо, ҷойнамози мардони порсо…

Дар воқеъ, Зармоз барои ӯву бародараш Наср осоишҷо ва шикоргоҳи хубе буд. Беҳтарин ва хуштарин лаҳзаҳои умри ишон дар ҳамин макони биҳиштогин сипарӣ шуда. Баъди фавти қиблагоҳ ӯву дигар бародаронашро Наср аз Ахсикати Фарғона ба Самарқанд овард ва ба тарбияти худ гирифт. Чун ӯ аз машқҳои ҳарбу тадриси илм фориғ мешуд, бо як тӯда ёронаш ҷониби Зармози афсонавӣ асп метозонданд ва ҳафтаҳо он ҷо ба шикори кабку ҳилол ва бузҳои кӯҳӣ машғул мешуданд. Бештари сайди худро ба Самарқанд, барои Наср фиристода, қисми дигарро гулхан афрӯхта сихкабоб мепухтанд.

Зармоз лахте аз миҳани ӯст. Нақши дастони ӯву бародараш Наср дар ин як мушт хоки ватан ҳаст. Ӯву Наср дар ин ҷо чорбоғе бунёд карданд. Пеши ниҳолҳо ба мева расидаанд. Раставу гулгаштаҳо, сарҳавз ва кӯшки шоҳнишин, шипангҳои барҳаво чашмрабоянд. Дар ин боғ, ки басо пурмӯҳтаво аст, мурғакон дар навоянд. Ғизолон мечаманд, товусҳо мехироманд. Духтарони шаҳлочашм, камонабрӯ ва гулчеҳраву камарборик дар хидматанд…

– Ин сафар ҳам ӯву ёронаш ду рӯз дар ёнаву талҳои Зармоз хуб аспдавонӣ карданд. Шикор бобарор буд, вале… дӯш чипоре омад ва гуфт, ки ӯро амир Наср металабад. Зуд мерафтааст…

Ҷавон ҳанӯзам дар болои тал савори асп чашм аз Зармоз наканда меандешид аз он, ки мӯҷиби ӯро ба Самарқанд хондан чи бошад. Оё, воқеае рух дода? Чи боис шуда, ки ба таври оҷил даъваташ кардаанд? Баногоҳ эҳсос кард, ки Зармоз аз ӯ мегурезад ва бо Зармоз ҷумла марғзорону боғоти сабзаш, рӯдаку чашмасоронаш, сиёҳчашмакони дилошӯбаш дуртару дуртар мераванд. Таконе хӯрд ҷавон. Шамоли изтироб хаёле танашро ларзонд. Ӯро чи нигарон аст? Матои дилхушӣ ин лаҳза ба назараш беранг тофт. Он завқе ки аз тамошои Зармоз ва шикори сайд дар рӯҳу дар вуҷудаш дошт, куллӣ вайро тарк карда буд. Наход, ҳамааш пушти сар шуда? Ин замон нидое аз дур дар гӯшаш садо дод:

– То кай дар кунҷи табиат меғунчӣ? Аз худ фикр накун. Тафаккур бикун аз дигарон. Охир барои ҷомиаи инсонӣ боре

ҳам бизӣ! Эй тифли хуршед! Эй ахтаре тобнок аз Зардушт! Фурӯзон шав, фурӯзон шав, то рӯшанӣ ҳаст дар олам, пирӯзӣ аз туст! Чун барқ шабохун зан бар қалби абрҳои тира, ки осмони Миҳани туро фаро гирифта!

Садо гум шуд.

Ҷавон зери лаб бо эҳтирос пичиррос зад:

– Меҳан, эй Меҳан! Ин соат ман ба амир лозим шуда мондаам. Пас ба ҳар гуна бархӯрд омода шуданам лозим аст. Ҳамту не?

Ҳамайдун яке аз саворaҳо гуфт:

– Исмоил, амир Наср туро интизор аст.

– Дар воқеъ, ҳамин тавр аст,–лаб ҷунбонд Исмоил аз бори гарони афкор раҳо шуд ва сари аспро ҷониби Самарқанд гардонда қамчин зад. Асп чорхез гирифт. Тӯдаи саворон аз паси ӯ чиғ шуданд.

Хати борики чангу ғубор, ки аз таги суми аспон ба ҳаво хеста буд, дар ду бари роҳ доман паҳн карда, дар мижаҳои сабзаҳову буттаҳои хушк шишта, изе аз худ боқӣ монд.

* * *

Абӯабдуллоҳи Фақеҳ, мулаққаб ба Абӯҳафси Сағир чашм аз осмон канда, дари дутабақаи ғурфаро, ки тарафи боғ кушода мешуд, бо қаҳр пӯшонд ва чанд қадам монда ба сандалӣ наздик шуд. Бо дастони ларзон варақҳои паҳну парешонро ҷамъ кард, қаламро ба қаламдон гузошт, пилтаи шамъро паст карда аз поғундаҳо ба зер омад ва ба вусъати боғе, ки дар ин шаби пурасрори маҳтобӣ вазнин–вазнин нафас мегирифт, чангаки нигоҳ партофт:

– Чӣ шаби андӯҳзо!

Чӣ гуна осуда бошад ӯ? Дар пеши назараш Бухоро ба нестӣ мерасид. Дасте гулӯи Бухорояшро мефушурд, ханҷаре ба биқини Бухорояш мехалид. Оҳу нолаи музлимон фалакгир буд. Сукути Бухороро чӣ тур нодида мегирӣ? Гӯиё шаҳр дар ин шаборӯзи гарму беаёс баъди маризии тулонӣ ба хоби гарон рафтааст. Дармоне бояд ҷуст, илоҷе бояд кард. Аҳли кишвар аз ӯ нигаронӣ доранд. Аз ин рӯ, чанде қабл ба амири Самарқанд

Наср, ки аз дӯстони хонаводагиашон аст, нома ирсол кард. Дар нома зикр намуд, ки мулки падарон рӯ ба харобӣ овардааст. Ошӯб ва қатлу ғорат дар шаҳр ва атрофи он поён надорад. Дуздону шабравон дар рустоҳо бедодгарӣ мекунанд. Роҳи корвонро бастаанд. Қимативу қаҳтӣ ба мардуми авому пешвар таҳдид мекунад. Амире бифиристад, ки пеши сели бадбахтиҳоро бигирад. Қосидон нома ба Самарқанд бурданд ва ҳоло дуюм ҳафта аст, ки роҳи ононро мепояд. Оё, басаломат ба Самарқанд расида бошанд? Агар Наср номаро гирифта бошад, дархости ӯро мепазирад? Ба Наср бовар дорад. Ӯ албатта, вазъияти Бухороро мефаҳмад ва чорае судманд меандешад. Он вақт Бухорояш завлонаҳоро аз пояш гирифта, осуда нафас мекашад, осоишу оромиш меёбад. Яқин ҳамин тавр мешавад. Дил гувоҳи ҳақ аст. Хирад пирӯзӣ меёбад. Ҷаҳолат ба ҳайси як муттаҳам зону қад мекунад. Лекин кай? Баъди рӯзе, баъди ҳафтае? Баъди соле?.. Магар дер намешавад?..

Абӯабдуллоҳ ба осмон чашм дӯхт. Домони осмон сафед шуда омад. Боз як шаби бедорхобӣ бигзашт,– фикр кард ӯ.- Барои Бухорои ман рӯзҳои сафед дар пеш аст.

Абӯабдуллоҳ боғро миёнбур карда, то долон омад ва ба таҳорат кардан машғул шуд…

Намози бомдодро хонда тамом кард, ки қосидон пайдо шуданд ва номаи Насрро ба ӯ супориданд. Ба чашм молид, бӯсид ва пилтаи шамъро баланд карда, номаро кушод ва боло–болои сатрҳо чашм давонд. Баробари ҳар сатри номаро хондан кӯдакворӣ хурсандӣ мекард ва ашки шодӣ мерехт.

Абӯабдуллоҳ лаҳзае пас ҷелакашро ба тан карда, тарафи майдони Идгоҳи шаҳр батаъҷил равон шуд. Мехост ҳар чи зудтар аҳли Бухороро аз омад–омади амири нав мужда бидиҳад.

* * *

Исмоил ва ҳамроҳонаш дар як соати нек аз куҳандизи Самарқанд баромада, ҷониби Бухоро асп ронданд. Роҳрав Исмоил аз он фикр мекард, ки оё Бухоро ӯро хуш истиқбол мегирифта бошад? Ва ё рӯи хуш намедиҳанд ба ӯ? Агар ито-

ат накунанд, чи мекунад вай? Оқибати сарпечиҳои ишон баъд ба чи оварда мерасонад? Магар нерӯи ӯ барои идора кардани аморати Бухоро басандагӣ мекунад? Оё вақти ҳукм рондани ӯ фаро расида ё ҳанӯзам барвақт аст? Оё, дар қазияи вайро ба Бухоро фиристодан Наср хато накардааст? Ӯро ба ҷое фиристоданд, ки мардумаш бегонаанд. Урфу одат, расму русумашон дигаргуна аст. Оё бо ишон ба мувофиқа омада метавонад? Рузи нахусти ба тахт нишастанаш корро аз чи оғоз бикунад?..

* * *

Тулӯи хуршеди маснади Бухороро мардум хуб пазируфтанд. Бо амри Абӯабдуллоҳ, писари Хоҷа Абуҳафси Кабир шаҳрро оинабанд намуданд. Худи Абӯабдуллоҳ бо ҷумла акобирони шаҳр то Кармина омад. Амир Исмоил аз ин амали Абӯабдуллоҳ хушдил шуд.

Рӯзи душанбеи моҳи июли соли 874 милодӣ, баробар ба соли 260 ҳиҷрии қамарӣ Исмоили Сомонӣ вориди Бухоро гардид. Бухориён аз вуруди амири ҷадид мамнун гашта, бар сари ӯ симу зар афшонданд. Баъди маросими тоҷгузорӣ Исмоил бо бузургони Бухоро машварат доир карда, эълон кард:

– Мо ба халоиқ адл мекунем. Аммо ба дуздони рустоӣ амон нест. Набояд байни қавмҳо ҷудоиандозӣ бошад. Ҳар кӣ маскуни вилояти Бухоро аст, пеши мо як аст, тафриқа намегузорем. Ҷиҳати мазҳабу дин ҳамчунин. Каналҳо мекобем, корезҳо мекушоем. Кори тиҷоратро бо мамолики дунё ба роҳ мемонем.

Ба қавли муаррихон «шаҳр қарор гирифт. Мардум аз ранҷ берун омаданд ва ба роҳат пайвастанд.»

Исмоил баъдтар, чун ба таъмири девори Бухоро, ки тороҷгарон вайрон карда буданд, эътибор надод, сабаб пурсиданд, гуфт:

– То ман зинда бошам, барои Бухоро ман бошам!

… Чанд деҳкада ва мавзеъҳои Бухороро харида, вақфи дарвешону камбизоатон кард, ба соҳибилмон дод…

Исмоил рӯзе аз ҳисори Бухоро ба ҷӯи калони обшор на-

зар карда меистод. Чун ходими падараш дар паҳлӯяш пайдо шуд, тарафи ӯ гуфт:

– Намебинӣ, чи қадар ин мавзеъ хубу дилпазир аст?! Дил мехоҳад, ки ба шумоён–мавлоиён ин ҷоро бихарам.

Сонӣ ин макон Ҷӯи Мӯлиён ном гирифт ва машҳур шуд…

Ин ҳикояти мо аз рӯзгори пешин буд, вале ҳоло…

Вале ҳоло, баъди расо 1100 сол абармарде дигар, ки худ тоҷик буду хуни ориёӣ дошт ва симояш низ тоҷикӣ буду фикраш тоҷикӣ буд, аз ҷое баланд сӯи пойтахти тоҷикон–шаҳри Душанбе нигоҳ мекард.

Душанбе дар ин субҳгоҳон ҷон мегирифт. Мардум ҷониби бозор равон буданд савори мошинҳо. Иддае пиёда, тӯда–тӯда мегузаштанд аз ҷодаву хиёбон бо хотираҳои болида. Як эҳсосе ширин тамоми аъсоби ӯро фаро гирифт. Охир дар пеши назари вай Душанбе тағйир меёбад. Ҳусни тоза мегирад. То ба сари ҳокимият омадани ӯ магар Душанбе чунин намуд дошт? На! Ҳаросе, изтиробе мардумро думболагир буд он рӯзҳои рафта. Ҳамкӯча аз ҳамкӯча мегурехт, ҳамшаҳрӣ аз ҳамшарӣ. Нирӯи аз хонаҳо баромадан, ба рӯи якдигар нигоҳ кардан, ҳатто лабханд заданро аз даст дода буданд. Вале имрӯз дилҳо барқарор, чеҳраҳо арвуғонӣ, нигоҳҳо гарм… Мардум дирӯз бар он буд, ки мулк бесарвар аст. Аз ин рӯ, наметавон ба касе эътимод баст, ба касе бовар кард. Имрӯз фаҳмиданд, ки мулкашон соҳиб ёфт. Акнун саробони худро доранд…

Ба қарибӣ ба аёдати модар рафта буд. Модарро рӯи кати чӯбин нишаста ёфт. Бо тавозӯъ сар хам кард пеши ӯ, ки зоти бузург, як муҷассамаи муҳаббат ва зебоӣ, як ҳайкали хирад ва фурӯтанӣ буд, бешубҳа, модар!

Бо ишораи модар дар як гӯшаи кат амонат нишаст. Бо як даст сари кӯдакро сила кардаву чашм сӯи модар дӯхт, то аз ӯ фотиҳаи сафед бигирад. Барои равнақи кораш аз фотиҳаи модар беҳтар чизе магар ҳаст. На!

Модар, ки дар дарозии умр дар кӯраи зиндагӣ пухтаву ба душвориҳои зиндагӣ сар хам накарда буд, чашм аз фарзанди азизаш намеканд.

Модар гуфт:

– Ман модарам, ман офаридгорам, офаридгори инсонҳо! Маро бишунавед, ки чи мегӯям, эй мардуми худогоҳи кишварам–Тоҷикистон! Дигар аз худро куштан даст кӯтоҳ кунед! Ман фарзандам Эмомалиҷонро ба шумо ва шуморо ба худо супоридам. Акнун ин фарзанди ман фарзанди шумост. Ба ӯ бовар кунед! Касе ки фотиҳаи модар гирифтааст, кораш пешрав мешавад. Намебинед, дастонаш дар сари кӯдаку чашмонаш сӯи модар? Он кас ки ба модар арҷ мегузорад, Худо ӯро ба баландиҳои саодат мебарорад. Ман ба ӯ шир додаам, аз ин рӯ аз ҳар кас бештар медонам, ки дар хилқати Эмомалии ман чист? Барои ҳамин ба ӯ бовар кунед! Такя ба ӯ кунед. Ба дилҳои озурдаи шумо роҳате расонда метавонад!

Пасон фотиҳааш дод:

– Роҳат сафед ва бехатар бод! Бирав, ки халқ нигарон аст туро!

Мард фотиҳаи модарро гирифта, аз рухсораҳои кӯдак бӯсиду калон–калон гом бардошт. Гӯиё аз шарофати фотиҳаи модар нирӯ гирифта, дар ҳаво парвоз мекард. Аз кӯҳу пушта мегузашт, рӯдҳоро убур менамуд, водиҳоро ба қафо гузошта мерафт ба сӯи баландиҳо ва ин вожаҳо вирди забонаш буд:

– Чи коре бикунаму миллатамро аз нав ба оламиён муаррифӣ бинамоям. Тоҷикистонамро аз бунбасти иқтисодӣ раҳо созам. Аз паи пиёда гардондани ормонҳои сабзи мардумам бишавам. Лекин пеш аз ҳама ҷонам равад ҳам сулҳ меоварам ба ишон. Сулҳу салоҳ бошад, дигар ҳама масъалаҳо ҳалли худро меёбад.

# БОБИ СЕНЗДАҲУМ

Соли 1998 буд… Марде қоматбаланду хароба, ришаш расида, чашмонаш калон–калон як рӯзи тирамоҳ, ки офтобӣ буд, дар чойхонаи «Гули Сурх» пайдо шуд. Касеро меҷуст, ки ба ҳар сӯ менигарист. Ахиран, ба назди се ронандаи КАМАЗ, ки дар гӯшае гарми суҳбат буданд, рафт яке аз ӯ суол кард:

– Магар боре дорӣ?

– Ҳа,– гуфт мардак,– барои ман се мошин даркор.

– Мана мо–дия. Борат чи аст?-гуфт ронандаи калонсол.

– Фарқаш чи, ки чи бор аст? Пули калон медиҳам,–гуфт мардак ва илова кард.- Ба ҳар мошин 200 доллари амрикоӣ.

– Гап нест. Мо ҳар се тайёрем,–гуфт аз номи рафиқонаш боз ҳамон ронандаи кӯҳнасол.

– Бурафтем набошад,–гуфт мардак.

– Чи хел? Борро аз куҷо мегирем?- пурсиданд ронандаҳо.

– Бор дар Айнӣ аст. Аз ин тараф холӣ меравед,– фаҳмонд мардак ва ба мошини аввал нишаст. Мошинҳо ба роҳ даромаданд. Чун ба нисфи ағбаи Шаҳристон баромаданд, мардак ба ронанда супориш кард:

– Дар ҳамин ҷо мошинро ба қафо гардонда боздор.

Худ аз кабина фаромада ду мошини дигарро низ нигоҳ дошт.

Шом кӯр нашуда буд ҳанӯз, ки онҳо дар қади роҳ истода буданд. Аз боло касе ба мурғе тақлид карда овоз дод. Аз поён мардаке, ки мошинҳоро оварда буд, бо се ҳушток ҷавоб гардонд. Баъди чанде гурӯҳи калони силоҳбадастон аз кӯҳ фаромадан гирифтанд.

Саркардаи ишон тарафи мардак гуфт:

– Канӣ, арз кун, вазъият чи хел аст?

Мардак гуфт:

–Нуқтаҳои посбонӣ холӣ. То Хуҷанд роҳ ба мо кушода аст.

– Мардуми шаҳр чи фикр доранд?

– Ҳама тайёр ҳастанд, ки баробари ба шаҳр даромадани мо бо мо бошанд.

– Бисёр хуб, меравем.

Силоҳбадастонро ба Камаз-ҳо шинонданд. Ҳамчунин мошинҳои сабукравро, ки аз ҷониби Айнӣ меомаданд, боздошта ронанда ва мусофиронро фаровварда, ба ҷои онҳо худашон нишастанд. Яке аз ронадаҳо, ки «жигули» дошт, гуфт:

– Мо чи кор мекунем?

Саркарда гуфт:

– Бо ягон мошини дигар меравӣ. Мошинат даркор бошад, дар шаҳри Хуҷанд мегирӣ аз мо. Дигар гапи беҳуда нашавад…

Мошинҳо пешу қафо ба ҳаракат даромаданд.

Дар нуқтаи посбонии Қарооқсақол нозирони роҳ мошинҳоро боздоштанӣ шуданд. Тирпрронӣ карданд. Нозирон ба ҳалокат расиданд…

Бе ягон монеа қофилаи мошинҳо аз Уротеппа гузаштанд, Новро убур карда ба Хуҷанд даромаданд. Ҳамон шаб ба қалъаи Хуҷанд ҳуҷум карданд. Як қисмашон ҷониби Чкалов роҳ пеш гирифтанд.

Раиси вилояти Суғд Назирхон чун аз ҳуҷуми дастаи Маҳмуд иттилоъ ёфт, ҳамзамон ба бинои Ҳукумат омад ва аз ҳисоби ҷавонони ҷасури шаҳр як дастаи муборизон ташкил кард. Ағёр аллакай да фикри ишғол кардани бинои Ҳукумат буд. Вале мардони ғаюри шаҳр бо роҳбарии Назирхон муқовимати сахт нишон дода, сафи душманро шикастанд.

Назирхон ҳар замон бо президент дар тамос буд. Аз пойтахт мегуфтанд, ки кӯмак мекунем.

Дар шаҳри Чкалов вазъият муташанниҷ шуд. Маҳмуд аз раиси шаҳр ҳар гуна талабҳо мекард, метарсонд ӯро, Назирхон ба воситаи телефон ба раиси шаҳри Чкалов дастур дод, ки илоҷе карда гирди мизи гуфтушунид шинанд ҳар ду тараф. Дар ин лаҳзаҳои ҳассос шитобкорӣ амрест нохуб. Ба таъхир андозед корро, гуфт.

Дастаи Маҳмуд роҳи ағбаи Шаҳристонро дар даст нигоҳ

медоштанд.

Аз ин рӯ кӯмаки ҳарбӣ аз ҷониби шарқии вилоят расид. Аз чархболҳо нирӯи ҳукуматӣ фаромада, бо мошинҳои сабукрав ба Хуҷанду Чкалов даромаданд. Маҳмуд дар мошини сабукраве нишаста гурехт. Боқимонда аскаронаш талафоти ҷонӣ доданд. Иддае дар маҳаллаи чоршанбеи назди қалъа ақибнишинӣ карда, ба хонаҳои мардум даромада аз он ҷо бо либосҳои занона бадар рафтанд.

Чанде асир афтод.

Дар ноҳияи Айнӣ ҳам ҷанг мерафт…

Хабар доданд, ки армияи генерал Сӯҳроб аз тариқи ағбаи Анзоб меояд.

Ортуқов зердастонро ҷамъ карда гуфт:

–Ки ба ағбаи Анзоб меравад, то армияи ҳукуматиро роҳбаладӣ бикунад то Сари Дуоба?

Ҳама хомӯш буданд. Холиқбердии Такфонӣ гуфт:

-– Ман меравам, сардор.

Холиқбердӣ рафт. Ӯро сардори штаб қабул кард ва гуфт:

– Рафиқ Ноёбов, роҳ чи хел аст?

Холиқбердӣ арз кард:

-– Дар шаш ҷой мина гузоштаанд то Сари Дуоба.

– Душманро аз байн бардорем, мо хизмати туро қадр мекунем. Дар роҳ мина хобонданашонро намедонистем. Ба ту ташаккур, ки хабар додӣ.

-–Барои ватан хизмат мекунам! – Даст ба чакка бурд капитан Холиқбердӣ.

Дар Айнӣ намояндаи президент маслиҳат дод, ки «долон» кушода шавад, то дастаи боқимонда Маҳмуд баромада раванд. Хун рехтан ба манфиати ягон тараф нест. Унҳое, ки гурехта мехостанд аз пушти кӯҳҳои Мадм гузашта тарафи Бойсуну Сари Осиё бираванд, дар роҳ ҳалок шуданд. Ду нафарашон роҳро гум карда, шабҳангом аз чӯпонҳо нон талбида аз кӯпруки дарёи Зарафшон гузашта, ба кӯҳ паноҳ burданд. Маълум шуд, ки бечораҳоро фиреб карда овардаанд. Гуфтаанд, ки ягон ҷанге намешавад. Медароему мегирем вилояти Суғд, шимоли Точикистонро. Фикр накарда буданд,

ки давлат соҳиб дорад. Мушт ба дарафш рост намояд. Ё бар он буданд, ки мушти онҳо зӯртар аз дарафш аст? Қисмат карданӣ буданд, аз афташ, Тоҷикистонро. Беҳуда нагуфтаанд, ки ба кӯрпаат нигоҳ карда пой дароз кун. Хандаовар мебуд агар поят аз кӯрпа берун бошад. Фаромӯш карда буданд, ки имрӯз ворисони Восеъу Темурмалик дар сари ҳокимиятанд. Иддае дар хилват гӯсфанд кушта нигарони «ғолибон» буданд, вале на ишон монданду на нирӯи маҳмудӣ.

Баъди саркӯб шудани Маҳмуду дастааш ба ӯ рутбаи майорӣ доданд.

Холиқбердӣ оиди воқеаҳои гузашта андеша дар сар қадқади Искодаркӯҳ, ки дар ин субҳгоҳон ба зебоӣ, ба салқини дилро ба хурӯш меовард, қадамзанон равон буд ҷониби хаймаҳо. Ҳар ҷо- ҳар ҷо хоричиён дам мегирифтанд, фароғат доштанд.

Чанд вақт боз Холқбердӣ дар ин минтақаи зебои афсонавӣ ба ҳайси нозир хидмат мекард. Ҳоло мехост аз меҳмонони хориҷӣ хабар бигирад. Дар лаби кӯл хонуме истироҳат дошт. Чун хонум ӯро дид, аз ҷой хест ва ба ӯ гуфт:

– Полис, хаста набошӣ.

– Саломат бош, - ҷавоб дод бо чеҳраи хандон Холиқбердӣ ва баъд пурсид:

– Хонум, шумо аз куҷо ҳастед?

Хонум гуфт:

– Аз Фаронса ҳастам.

Холиқбердӣ тафаккур кард: «Чи хел ба тоҷикӣ ширин гап мезанад.»

Баъд бо тааҷҷуб пурсид:

-– Кай омӯхтед забони моро?

Хонум гуфт:

– Дар донишгоҳи шарқшиносӣ омӯхтаам. Чи забони ширин аст забони точикӣ!

Холиқбердӣ дар дил аз тоҷик будан ифтихор дошт.

Тоҷик миллати қадима буда намояндаи шарқи бузург аст.

Соф орёист. Дар интишори ислом гузаштагонамон ба мисли Салмони Форсӣ, имом-ал- Бухорӣ чи хидмати ҳангуфте кардаанд. Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Хуҷанд, Кӯлоб, Панҷакент гаҳвораи тамаддуни орёианд. Забони нобаш, ки забони ашъори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Камол, Мавлавию Низомӣ, Ҷомиву Бедил аст, шуҳраи олам шуда. Бубинед, аз Фаронса асту бо забони тоҷикӣ гап мезанад.

Холикбердӣ суол кард:

– Оё ягон хидмате аз ҷониби камина лозим аст?

–Не, ҳамааш хуб аст,-гуфт бо мамнуният хонум ва афзуд. – Муҳит созгор, табиат дилкаш, ҳаво хуш, рӯз офтобӣ. Аз ин рӯ, ягон чиз барои истироҳати мо монеа эҷод намекунад. Меҳмоннавозии шумоён касро муассир мекунад. Муташаккирам!

Холиқбердӣ дар оилаи одамони саховатманд ва дастархондор ба дунё омадааст. Падараш Махсуми Ноёб, модараш Бибихон аз аҳли илм буданд. Хонаи онҳо дар сари роҳи калон воқеъ аст. Бузургоне чун Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода, Ҷаббор Расулову Зарифов, Ҳувайдуллоев, Сафаралӣ Кенҷаев меҳмони азизи ин хонадон будаанд.

Ҳоло ҳам дари ин даргоҳ ба рӯи меҳмонони дуру наздик кушода аст.Ҳатто ҷӯгиҳо дар ин барои худ сарпаноҳ меёбанд.

Холиқбердӣ мегӯяд: «Мебинам, ки ҳамкоронам ба роҳҳои каҷ мераванд ва ба даст ҳам меафтанд. Маводи муқадрир, порагирӣ, дуздӣ... Бо ин роҳ, ки рафтӣ, хоҳу нохоҳ ҷонат, вазифаат, обрӯят аз даст меравад. Падару модар ки ҳалол буданд, моро низ дар ҳамин рӯҳия тарбия кардаанд. Ҳалол кор мекунем, ҳалол мехӯрем. Бародарам Махсумов Пӯлод муовини сардори раёсати корҳои дохилии вилояти Воскресенскийи Москва аст. Бо покиву тоза буданаш лақаби «Тигр»-ро гирифтааст.

## БОБИ ЧОРДАҲУМ

Ҳини ба Хуҷанд сафар кардан Рамазон бо марди ҳисорӣ шинос шуд. Ронандаи мошини КАМАЗ будааст. Даст боло кард. «Нива», ки андарунаш, дар паҳлӯи ронанда ӯ нишаста буд, истод. Мардакро савор карданд. Мошин ба роҳ даромад.

Мусофири нав гуфт:

– Дар нимароҳ мондам. Барои қисми эҳтиётӣ ба Истаравшан меравам.

Рамазон, ки сараш ба боми мошин сахт бархӯрда буд, каме ба пеш хам шуда гуфт:

– Гумон мекунед, ки рӯ-рӯи роҳ шутурҳои бисёре хоб кардаанду мошин боло-болои онҳо меравад.

–Хуб гуфтед, -ба ваҷд омад аз суханҳои Рамазон ронандаи КАМАЗ,- дар воқеъ, роҳ кӯҳони уштурро мемонад. Сеюм рӯз аст, ки аз Ҳисор баромадаву ҳеҷ не ки ба Хуҷанд бирасам.

– Аз Истаравшан қисмҳои даркорӣ оварда шинонед, аз ағба ун тараф як қадам роҳ,- гуфт ронандаи «Нива».

– Кош меёфтам,- гуфт ронандаи КАМАЗ.

– Меёбед, албатта, - гуфт Рамазон, - дар бозори Истаравшан қисмҳои эҳтиётии ҳама гуна мошинҳо ҳаст. Дилпур бошед.

Чун аз ағба гузаштанд, марди ҳисорӣ тарафи Рамазон гуфт:

Барои чӣ дар бораи президентамон наменависем? Тамоми оламиён аз ӯ мегӯянду менависанд. Ин мардак бехислат нест. Овардаанд, ки рӯзе ақл, дин ва ҳаё назди ҳазрати Одам ташриф меоранд. Чун ҳазрати одам ақлро пазируфт, Ҷабраил ба дин ва ҳаё гуфт:

– Биравед шумо.

Дин ва ҳаё гуфтанд:

–Ҳар ҷо, ки ақл ҳаст, мо он ҷоем.

Президентамонро худо ин се ҷавҳар додааст, гӯям бовар кунед. Аз ҳаво гирифта гап намезанам. Гӯш кунед бодиққат:

Дар рӯзҳои барои мардумон ҳассос ба ҳайси як раиси тоза-интихоби кишвар дар иҷлосияи XVI дар Хуҷанд гуфт: « Ман барои шумо сулҳ меорам.» Иддае бовар накарда китф дарҳам кашиданд ба ин маънӣ, ки :

«Ин мардак чи мегӯяд? Даргириҳо ва кушокушиҳоро дар гӯшаҳои мамлакат магар намебинад, ки ин тур мегӯяд? Дар он ҷое ки ҷанг ба қиём омада аст, сулҳ дар куҷост?» Вале гуфтаҳои президент асос дошт, маншаъ мегирифт аз худи ӯ. Омода буд ба он, ки ҷони худро бидиҳаду ба ивазаш ба мардум аз ҷанг хасташудаи кишвараш сулҳ биёрад. Яқин медонист, ки ҷонибҳои мухолиф ба масал чун обу оташанд, муросо карданашон мушкил аст. «Шукр, ки ба ҳамин рӯз ҳам мерасидаем. Мусолиҳа чӣ меваест ширин ва шаҳдбор!»

Чашми мардуми Сайёра во монд, аз ин рӯйдоди матлуб. Гуфтанд мардуми худогоҳ: «Аз таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон омӯхтан бояд. Метавон аз он дар он ҷоҳое, ки ҷанг меравад, истифода кард.» Онҳое, ки намехостанд ҳеҷ гоҳ дар Тоҷикистон сулҳ бошад, ин падидаро бо гардани каҷу чашмони баста « истиқбол» гирифтанд.

Мазмун, сулҳ меорам, гуфт ин абармард, овард. Дигар кори бузурги ин кас он буд, ки ба қавле «бабрхӯён»-ро ба по занҷир баст. Силоҳбадастонро қадам ба қадам рӯ ба рӯ мешудед. Онҳо дӯст буданд, ё душман фарқ намекардед. Мехостанд ҳамзамон мепарронданд. Гурӯҳе писари раиси суди сари Хосорро паррондаву боз ба падараш телефон карданд, ки нашъи фарзандат дар фалон ҷо, фалон қадар пул биёру бибар. Гуфтем, ки сулҳ овард, ин як. Силоҳбадастонро аз байн бардошт, ин ду. Боз ҷасораташро намегӯёд? Дар тарафҳои Помир ҳангоми сафари кориаш силоҳбадастоне бо мақсади нопок пеши роҳаш мебароянд. Мошинро боздошта ба ҳамроҳонаш мегӯяд, ки бистанд. Худ танҳо тарафи ишон меравад. Ҷасорати ӯ силоҳбадастонро маҷбур мекунад, ки мили мусалаҳояшонро поён кунанд. Хусумат аз байн рафт. Президент бо ишон дар суҳбат шуд… Дигар, дар дохили кишвар ободкориҳоро бинед! Иншоотҳои бузург ба мисли нирӯгоҳҳои барқӣ- обии Роғун, Сангтуда-1, Сангтӯда-2, По-

мир, роҳи оҳани Қурғонтеппа- Кӯлоб, шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб- Қалъаи Хумб-Хоруғ, нақби Уштур, боз садҳои дигар. Ба афтодагон мурувват кардан ин худ як дунёи дигар аст. Муҳит, ки созгор омад, мамолики хориҷӣ ҳаддал имкон мехоҳанд бо мо ҳамкорӣ кунанд. Маблағҳои зиёд интиқол медиҳанд. Ҳамаи ин туфайли сиёсати хирадмандонаи сардори давлатамон аст. Бо рою тадбир, бо андешаву таклифҳои барои тамоми Сайёра муфидаш ҷаҳон ӯро шинохт. Ҳа, суханрониашро дар Москваю Париж шунидед? Дар мулки араб – чӣ? Ба унҳое ки исломро бо терроризм тавъам медонистанд, ошкоро гуфт: « террорист дар асли худ миллат ва мазҳаб надорад, аз ин рӯ, ислом бо аъмоли номатлубе чун терроризм, ифротгароӣ ва хушунату зӯроварӣ наметавонад ҳеҷ иртиботе дошта бошад! Чизе гуфт, ки каси дигар гуфта натавониста буд. Дунболи ин суханронӣ сарони кишварҳои мусалмон ҳар чи мехостанд бештар бо ӯ мулоқоти ба ҳар ду тараф пурарзиш анчом бидиҳанд…

Чун мошин ба Бӯраген расид, аз пеш қатори мошинҳо омадан гирифт, ки шиорашон ин сатрҳо буданд.

«Нақби уштур аз Зафаробод», аз Истарафшан… аз Нов…

Марди ҳисорӣ дар ҳамин ҷо нақлашро тамом карда ба қатори мошинҳо нигарист ва гуфт:

-— Ана, инро дилҷӯӣ мегӯянд, дастгирӣ мегӯянд. Қанд занед мардуми бостонии суғдзамин!

–Дар тарафи шумоён чи хел? – пурсид Рамазон.

– Аз мо ҳам мебиёранд, лекин ба тарафи дигари нақб, - гуфт ҳисорӣ.

– Ҳамин гуна кӯмакҳо бисёр бошанд, нақбсозонро руҳбаланд мекунад. Даҳчанд заҳмат мекашанд. Ҷиҳати таъминот камчиниро эҳсос наменамоянд, - гуфт ронандаи «Нива», ки то ҳол хомӯш буд.

–Ташаббуси раиси вилоятамон Назирхон аст ин ҳама. Худаш чанд бор дар нақб буд. Муовинаш ҳама вақт дар он чо, дар паҳлӯи раиси ноҳия Мавҷудабону. Ҳамин ки проблема баромад, ҳамон замон дар ҷояш ҳал мекунанд, - гуфт Рамазон.

–Дар сурати кушода шудани нақби Уштур медонед кори

мо, ронандаҳо, чи қадар осон мешавад? – гуфт ҳисорӣ, - тамоми сол бемамонията омада меравем.

–Бале, - тасдиқ кард гуфтаҳои ҳисориро ронандаи «Нива» -Бино ба гуфтаи муҳандис Саид Каримов байни Душанбею Хуҷанд, – роҳ то 35 км. кӯтоҳ мешавад. Аз азоби буро – фурои ағбаи Анзоб халос мешавем. Бемалол равуо мекунем тарафи Душанбе. Дигар ба мо ҳоҷати роҳи Самарқанд намемонад. Фикр мекунам, ки президентамон бештар ғами мо, кӯҳистониёнро мехӯранд.

–Дуруст мегӯед, - гуфт Рамазон. – охир қисми зиёди Тоҷикистон кӯҳсор асту мардум дар байни кӯҳҳо зиндагӣ мекунанд. Мушкилоти зиёде пешорӯи онҳост. Сарвари давлат, ки худ фарзанди кӯҳистон аст, дар қазияи пиёда шудани проблемаҳои кӯҳистониён талош дорад-дия!

–Аз оинаи нилгун тамошо кардагистед? дар Помир, дар вақти ба истифода додани роҳи мошинагард мӯйсафед чӣ гуфт? Гуфт, ки дар даврони шӯравӣ даҳҳо бор омаданду даҳҳо бор тарҳрезӣ карданду рафтанд. Роҳ носохта монд. Бинед, ки дар як муддати кӯтоҳ бо эҳтимом ва кӯшиши президентамон ин муаммо ҳал шуд. Як мижа мезанед, ки нақби Уштур тамом шудааст. Дар нақби Шаҳристон корҳо низ оғоз ёфтанд. Ана, баъд олам гулистон гуфтан гиред, – гуфт ҳисорӣ ва дар истгоҳи Гули Сурхи Истаравшан дар тараддуди фаромадан шуд.

Мошин истод. Рамазон аз ҳисорӣ, ки аллакай худро аз мошин берун гирифта буд чашм наканда фикр кард: Марди бофарҳанг будааст. Мулоҳизаҳояш қобили қабул ва баъд гуфт:

-– Ако, мебахшед, номатонро мегуфтед?

Ҳисорӣ бо лабханд гуфт:

-– Аз номамро гуфтан худдорӣ мекунам, лекин аз Ҳисор буданамро гуфтам. Ва рафт.

Мошин ба роҳ даромад…

* * *

Бегоҳ ба Хуҷанд расиданд. Рамазон дар меҳмонхонаи

«Шарқ» чой гирифт. Хост каме осояд, аз ин рӯ, ба рӯи кат ёзид. Дар кати шафат ҷавоне гандумгун нишаста буд ва сигор мекашид.

Ин дам дари хона кушода шуду марде мӯйсараш мошу биринҷ даромад. Рамазон аз ҷой хест.

Ҳар се баъди шиносоӣ гирди миз нишастанд.

Марди мӯи сараш мошубиринҷ аз Душанбе будааст. Чун донист ки ҷавони гандумгун аз Кӯлоб аст, тарафаш гуфт:

– Сардори давлат фақат ба шумоён эътибор медиҳад. Ба мо бо чашми дигар нигоҳ мекунад.

– Эй, мардак, шумо ноҳақ гап назанед,– гуфт кӯлобӣ аз қаҳр ларзида.

– Ман сухани ҳақро мегӯям, – гуфт душанбегӣ, ки каме сархуш буд.

Кӯлобӣ гуфт:

– Зиндагие, ки шумоён мардуми пойтахт доред, дар мо нест. Ман худам дар рӯзҳои даргирӣ қумондон будам. Дар қатори ҳазорҳо кӯлобиҳо ба даст ярoқ гирифта, ба ҳимояи Ҳукумати конститутсионӣ бархестам.

Медонед бародар, дар пеши чашмони худам даҳҳо деҳаро хароб карданд, мардуми бегуноҳро куштанд. Шумо фикр мекунед, ки ман имрӯз сер ҳастам, ҷои кор дорам? На! Ман барин садҳо ҳамшаҳриҳои ман бехонаву дар монданд. Аз фарзандҳо маҳрум шуданд, бародарону хоҳаронро аз даст доданд. Аз оилаамон як ман мондам, дигаронро куштанд. Имрӯз маро бекорӣ, нодорӣ ба Хуҷанд овард, фаҳмидед? Донистам, ки як ошноям дар қисми ҳарбии қалъаи Темурмалик соҳиби вазифае будааст. Ӯро гуфта омадам, то коре ёфта диҳад. Агар ба коре нагиранд, он вақт маро лозим мешавад, ки ё мардикорӣ кунам, ё ба Руссия ба муҳоҷирати меҳнатӣ биравам. Ана, асли воқеа дар куҷост? Аммо Шумо чун бехабарон ҳарф мезанед!

Душанбегӣ аз ҷавони кӯлобӣ, ки бо дард сухан гуфт, узр хост:

– Дар воқеъ, мо бисёр чизҳоро намедонем.

Рамазон, ки суҳбати ишон бароямш мароқовар буд, гуфт:

– Фикр мекунам, ки баъди ошкор шудани асли қазия

қудурати байни шумо аз миён рафт. Акнун метавонем баҳузур дар фазои соф, дар як муҳити поку беолоиш аз ҳама чиз дари дилҳоро бикшоем, то ба ҳам ошнотару наздиктар ва қаринтар гардем. Албатта, кафшери гап чойи кабуд мешавад, ки ҳоло ташкил мекунем…

Рӯзи дигар Рамазон дар қарибии истгоҳи майдони варзишии шаҳр бо шиноси солҳои донишҷӯиаш Кароматбону вохӯрд. Баъди пурсупос Кароматхон бо ханда гуфт:

– Рамазон, маро табрик намекунед- чӣ?

– Ба кадом муносибат? – пурсид Рамазон.

– Наберадор шудам.

– Чи хел? То он ҷое ки иттилоъ доштам, шумо фарзанд…

Дуруст мегӯед, лекин ман бачаеро аз сағирхона гирифта, калон карда будам. Ӯ болиғ шуд, соли гузашта шодии арӯсиашро гузарондем.

– Чи кори хайре кардед. Хайр, муборак шавад тифлаки нав ба шумо!

– Раҳмат, муташаккирам! Лекин ин табрики шумо ҳисоб не. Хонаро медонед– ку! Рақами телефонамонро ҳам дода будам, ба хона биёед-а!

– Албатта, меравам.

Ҳарду хайрухуш карданд.

Рамазон қадамзанон андешид: «Бузургии занҳоро интиҳо нест. Дунёи бекарона доранд дар хеш. Дирӯз Каромат аз бефарзандӣ хун мегирист. Имрӯз фарзанди дигареро ба парсторӣ гирифта, калон кардаву хонадор намудааст ва шод аст, ки бибӣ шудааст. Оҳ, дунёии буқаламун! Инсонҳоро «бозӣ»-дошта шарм намекунӣ? Худ бехабар, аз таъсири чи бошад, ки ашке аз гӯшаи чашмонаш ба замин рехт. Ҳайрон шуд, ки ин чӣ ашке буд!..

## БОБИ ПОНЗДАҲУМ

Нахуст Худои мутаол Одамро аз гили сара халқ кард ва дар паҳлӯяш Ҳавворо офарид, то ба ҳам унс гиранд ва аз ишон тухми инсон биафзояд. Баъдтар, Оллоҳ офаридгорӣ ба Зан Модар дод…

Оҳ, модар, чи бузургиву лек зор. Бимирам ба номат, модар! Бигӯ, ки чаро баъзе фарзандҳоят гургзодаанд?

Модар! Биёву инқолиб кун дар ниҳоди фарзандҳот. Тавоне деҳ рӯҳи онҳоро, ақл шав ишонро, то туро боре дуруст бифаҳманд.

Мефаҳмӣ, модар, туро баъзан азоб медиҳанд… Бо кӯдаконат партофта мераванд… гирди зулфи дигаре мегарданд… Ҳамаи ин барои чӣ?

Дар кадом китобе овардаанд, ки дар аҳди қадим инсонҳо, яъне фарзандҳои ту бо модагург алоқаи ҷинсӣ доштаанд. Аз инсону гург насле ба дунё омадааст, ки сиришти гургӣ доштаасту сурати одамӣ. Маълум нест ки то кадом андоза ин ривоят ҳақиқат аст ё дурӯғ.

Ба ҳар навъ гургбозиҳо доранд фарзандҳот. Ҳамту не?..

Як рӯзи боронӣ, ки аз мижаҳои абри гардун ба домани замин дона-дона ашкҳо фурӯ мерехтанд, ӯ тани танҳо дар паси тиреза истодаву ба берун, ба тӯри боронӣ менигарист. Осмони пурабр ба қалби бе ин ҳам ҳазину пур аз ғубораш сиёҳӣ ворид мекард. Хун мегирист, нола дошт, лоба дошт аз сӯзу дард. Чандин бор азми худкушӣ кард, вале се кӯдакаш пеши чашми ӯро гирифтанд…

Дар ин лаҳзаҳо, ки борон дар рӯи боми шиферпӯш нақора менавохтёд аз рӯзҳои рафта мекунад. Хотираҳояш шабеҳи мурғаконанд, ки гоҳе бо парафшониҳо шодаш мекунанду гоҳи дигар бо болҳои шикастаашон дилхунаш. Охир чаҳордаҳ сол мешавад, ки шавҳараш ӯву кӯдаконашро партофта рафтааст. Он вақт дар қадаш якмоҳа тифлак дошт. Чун нӯҳ моҳ аз байн гузашт, ӯро дарди зоидан гирифт. Ба таваллудхона бурданд. Писаре ба дунё овард. Аз ин пеши ду дух-

тар дошт: Лайлову Шаҳло. Ба писар Зиёратшоҳ ном гузошт. Шавҳараш рӯзе аз писардор шуданаш иттилоъ ёфта ба Зафаробод омад. Ба ҷои он ки ӯро ба тавлиди кӯдак табрик кунад, таънаборон кард. Баъди як ҳафта онҳоро аз таваллудхона ҷавоб доданд. Шавҳараш мӯйсафедонро ҷамъ карда, ба ифтихори меҳмони нави хонадон зиёфат орост ва чун ҳамаро гусел кард, ба занаш гуфт:

*– Ман зан дорам. Ту doниву бачаҳот.*

Рӯзи дигар рахти сафар баст.

Омад ба сараш, аз он чи метарсид. Ӯ монду се фарзандаш. Гоҳе пӯшокӣ намеёфт барои фарзандҳошу гоҳ аз нон танқисӣ мекашид.

Чун писараш нуҳмоҳа шуд, духтари калониашро дар хонаи ҳамсоя монда, як духтару писарашро гирифта миёнаҳои феврал ба Исфара рафт. Баъди се шаборӯзи пур аз сарсониҳо гушнаву ташна ба Исфара омад. Дар ҷода занеро дида гуфт:

– Хонаи Соҷидахон дар куҷост?

Занаки солеҳа будааст, хонаи Соҷидахонро нишон дод.

Соҷидахон онҳоро қабул кард. Мардаки хона омад.

Дид, ки шавҳараш аст. Кор ба ҷанҷол расид. Ӯву Соҷидахон-ду палонҷ даст ба гиребон шуда, рӯканию мӯкашӣ карданд. Шавҳараш Зиёратшоҳро аз дасташ чанг зада гирифту гуфт:

– Ин писарчаи ман аст, на аз ту!

Ғиреву зан ба осмон дакка хӯрд. Гиристу гиристу гирист…

Посе аз шаб гузашта буд, ки ӯву ду кӯдакашро сагворӣ аз дар берун карданд. Дар кӯчаи шаҳр ҳайрону музтар монд. Намедонист дар ин бевақти сарашро ба куҷо занад. Сардӣ аз як тараф, хориву зорӣ аз ҷониби дигар азияташ медод. Қариби субҳ марде ки ронандаи мошини кирокаш будаст, ба онҳо раҳмаш омад, ки ба хонааш бурд. Шодии онҳо дер давом накард. Шавҳараш аз куҷое бохабар шуда омад, чун хунуки зимистон ва бо зарда гуфт:

– Дафъ шав аз ин ҷо, ки ин макон ҷои ту нест, аблаҳ!

То бегоҳ дар истгоҳи Исфара монданд. Қариби шом ба мошине нишаста то Хуҷанд омаданд. Рӯзи дигар бо утобуси сайрхати Хуҷанд- Панҷакент нишастанд. Ронанда пул талаб кард. Надошт, ки бидиҳад. Гирён кард. Мусофирон тарафашро гирифтанд, дигар ронанда кордор нашуд. Сонӣ, омаданд ба манзилашон Сари Дуоба…

Ахиран, дид ки нашуд, бачаҳоро дар хонда монда, ба Руссия рафт. Танфурӯшӣ накард, гадоӣ накард, дар қатори мардбаччаҳои тоҷик дар шаҳри Свердловск либоси корӣ ба бар карда, сохтмончӣ шуд. Семент шӯрид, хишт дод, бино сохт ва бо маблағе ба ватан баргашт. Пули хонаву барқро пардохт ба бачаҳо либос овард, рӯзгорро тинҷ кард. Акнун охирин рублҳои русиро тамом карду намедонад дар оянда чи кор кунад?

Офоқ банди андешаҳои гарон чи сон аз ҷӯйбори дидагонаш афтидани чанд қатра сиришки талхро нафаҳмида монд. Хаёле аз ҷояш ҷунбиду боз ба тӯри боронӣ нигарист ва пичиррос зад беихтиёр: «Ман мегиряму абр, абр мегиряду ман. Чи мувофиқатие, чи мутаносибие!»

Ин дам бо шавқун Лайлову Шаҳло ва Зиёратшоҳаш, ки барои нон ба мағозаи нонфурӯшӣ рафта буданд, пайдо шуданд.

Офоқ оғӯш кушода ҷигарбандҳояшро, ки борон саропо тар карда будашон, бо навбат ба канор гирифт ва аз рӯю мӯяшон бӯсид.

Баробари ба хона ворид шудан бачаҳо барои модарашон шодӣ оварданд. Акнун ӯ аз борон, аз ғаму ғӯссаҳои худ фаромӯш карда буд, механдид, мезавқид.

Офоқ тарафи баччаҳош гуфт:

– Бигӯед, баррекои очеш, шумо, ки ҷони манед, ҷаҳони манед, чи мехоҳед дар ин рӯзи боронӣ? Қанду ангубин, ё ҳарфи ширин?

– Ба ман қанд!- нидо кард Лайло кафзанон.

– Ба ман ангубин!- гуфт Шаҳло рақскунон.

– Ба ту чӣ, Зиёратҷон? Чаро хап истодаӣ, бигӯ охир?- пурсид бо мамнуният модар.

– Ба ман ҳарфи ширин!-гуфт бо як шармгине Зиёратшоҳ.

– Ба мо ҳам!- Талаби додарашонро ҷонибдорӣ карданд. Лайливу Шаҳло.

– Лекин ба як шарт,– таъкид кард модар.

– Ба кадом шарт?- чашм суол дӯхтанд ҷониби модар ҳама.

– Аввал либосҳоятонро иваз мекунед. Сонӣ, ягон дами гарм пухта мехӯрем, баъд афсона мешунавед?. Хуб?

– Майлаш,– розӣ шуданд бачаҳо.

Офоқро, ки ҳолат тағйир ёфта буд, ба қади бачаҳо нигариста бино мекард, ки калонак шудаанду дастёри беминнатанд ба ӯ…

Офоқ, баъди он ки ҳама корро саранҷом карданд духтарҳо, ба афсона оғоз кард:

– Афсонаву сесона, се мурғи дари хона. Се мурғаки пӯпакдор, пӯпак неву тоҷакдор. Буд, набуд, будгор буд, замин набуд, шудгор буд. Як замоне дар як макон як зану шавҳар буданд. Худо ба онҳо ду духтару як писар дод. Баъди таваллуди писар падар, ки баромада рафта буд аз қафои зани дигар, бозомад ва тарафи зани аввалааш гуфт:

– Ту дигар зани ман нестӣ. Ман зани дигар дорам.

Ва ғайб зад.

Зану бачаҳош чанд сол уммедвор шуданд, наомад марди хона.

Рӯзе фарзанди хурдӣ гуфт:

– Очаҷон, падарам канӣ? Маро бачаҳо бепадар мегӯянд, сағира мегӯянд. Оё таънаи баччаҳо дуруст аст? Магар ман бепадарам? Ҳақиқатро ба ман ифшо кун!

Модар обчашмакон шуду гуфт:

– Магар бепадар фарзанд ба дунё меояд? Падар дорӣ, лекин ӯ дар ин атрофҳо нест. Ба ҷое рафтааст. Деви ноодамӣ ӯро бероҳа кардааст ва ӯ дар қайди мурдобҳои ҳавасҳои хеш афтодаву дар уфуқи номеҳрубониҳои тақдир сӯхтааст, ки дигар намеояд.

Вале бачаҳо, ба вижа писар ба ин ҳарфи модар бовар накарда, бар он буданд, ки меояд рӯзе падарашон. Ҳеҷ мумкин нест, ки ба назди бачаҳош наояд. Аммо ҳеҷ намеомад падари бемурувват!

Рузе фарзанди калонӣ, ки духтар буд, гуфт:

– Ман рафта падарамро ёфта мебиёрам!

Духтар либосҳои мардона ба бар карда, ба сафар баромад. Гирди дунёро гашт, рӯдҳоро убур кард, аз ҷангалистонҳо гузашт. Асояш сӯзан, мӯкиаш ғалбер шуду наёфт падарашро ва ноумед баргашта ҷониби модару хоҳару додараш гуфт:

– Наёфтам дадема!

Дуввумӣ ки низ духтар буд, тарафи модараш гуфт:

– Апаам аз падар дарак наовард, акнун ман меравам ба ҷустуҷӯяш.

Рафт, рафт, дунёро гашт, рӯдҳоро убур кард, ҷангалистонҳоро тай намуд. Асояш сӯзан, мӯкиаш ғалбер шуду наёфт падарашро ва ноумед баргашт.

Фарзанди саввумӣ, писар ҳам рафту падарро наёфта омад.

Оқибат ҳар се ба неву нестони модар гӯш накарда ба ҷустуҷӯи падарашон баромаданд ва ахиран ёфтандаш. Лекин ҳеҷ наметавонистанд, ки ба ӯ расида гиранд. Дастнорас буд падар барои онҳо. Гӯиё ишон дар ду соҳил қарор доштанд ва аз байн рӯде мегузашт, ки онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад. Аз ин бозии сарнавишт бехуд мегаштанд бачаҳову тарафи падарашон, ки пешорӯ бо сари хам, бо гӯши кар қадам мезад, фарёд мекарданд:

– Додо! э додо!

– Додо, э додо–о–о!- акси садо медоданд кӯҳҳо.

– Додо, э додо–о–о!- такрор мекарданд шохсорон бо сарҳои хаму китфҳои шикаста.

– Додо, э додо–о–о!- ашки гулӯсӯз мерехтанд обшорон.

Садоҳоро бод мебурд, ки ҳеҷ ба гӯши падар намерасид, намешунид бачаҳошро. Оё кар буд ӯ? Ба ё масофа тулонӣ буду овозрас набуд? Гӯиё падар дар ҳамин наздикиҳост, дар ҳамин қарибиҳост, мебинад онҳоро. Пас чаро посухе аз ӯ нест? Ба ӯ чи шуда?

Бачаҳо ҳаросон овоз баланд мекунанд:

– Додо, аз мо мегурезӣ?

– Наход?

– Чиба?

– Ба чӣ ваҷҳ?

– Кадом аҷина асарат карда?

– Худоё! Ин чи мазҳака? Падар аз фарзанд мегурезад! Пас чаро осмон фурӯ намеравад? Ба чӣ зилзила пайдо намешавад? Чаро замин намечӯкад? Ҳеҷ мумкин нест, ки…

Марде хамидақомат пеши роҳи падарро мегирад ва мегӯяд?

– Эй одам, магар дар сина санг дорӣ? Ба бачаҳот раҳм кун! Нисфи умрашон дар интизории ту гузашт. Акнун ки туро ёфтаанд, чаро рӯи хуш намедиҳиву пушт гардондаӣ ба онҳо?

Падар сухани пирро ҳам нашунид. Пир дар ҷояш нишаста, оҳ аз ҷигар кашидаву бо таассуф гуфт:

– Мани ба нохуни фарзанд зор ҳама умрамро зоеъ гузарондаму ин мардакро бинед, ки аз бачаҳои худаш мегурезад. Худоё, ин чи асрорест, ки ба умқаш ҳеҷ нарасидам!

Ин лаҳза чанд суроб пайдо шуданду аз китфони падар гирифтанд, то тезтар ба ҷое дигар бибарандаш. Фарзандҳо монданд дар нимароҳ, беҳолу карахт ва паршикаста…

Модарашон омад ва унҳоро гарм ба канор кашид. Дар ҳамон лаби дарё, рӯи рег ғанабашон бурд. Чи хоби ширин, чи хоби нӯшин буд он хоб…

– Ин афсонаи мо буд, ки гуфтед, очаҷон!- тарафи модар бо ҳаяҷон гуфт Лайло.

– Ҳа, ҳа, афсонаи мо буд,–такрор карданд дигар баччаҳо.

– Ёфтетон,– иқрор шуд модар,– акнун хоб мекунем…

## БОБИ ШОНЗДАҲУМ

Овозаи «шахсан худи президент дар тантанаи ифтитоҳи сохтмони нақби Уштур иштирок мекунад» барқсон ба гирду атроф паҳн шуд. Ҳама хурду калон, роҳбарону мардуми таҳҷоиии ноҳияи Айнӣ омодагӣ медиданд, то ин маъракаи муҳими аҳамияти стратегӣ дошт хуш ва хотирмон гузарад. Ҳатто аз вилояти Суғд як гурӯҳи калон бо роҳбарии раиси вилоят. Назирхон ду рӯз пеш омаданд…

Масъулияти бештари меҳмонқабулкуниву меҳмондорӣ ба дӯши мардуми ноҳия буд. Раиси ноҳия Мавҷудабону супориш кард, ки дар ҷой тайёр кардан ҳама роҳбарони муассисаву корхонаҳо, раисони хоҷагӣ ҳисса гузоранд. Барои таъмини бехатарӣ аз вилоят, аз шаҳри Панҷакенту худи ноҳия милитсионерону ҳарбиён ба Зимарғ оварда шуданд. Гурӯҳи ҳофизон ва раққосон ҳам омаданд, то табъи мардумро бо суруду рақсҳои шӯрангези худ шод намоянд. Ба вижа мардуми дараи Фон серкортар буданд. Катҳо рост мекарданду гилем партофта, гирдогирд кӯрпачаҳо густурдаву болиштҳо мемонданд. Дастархони пур аз нозу неъмат мекушоданд. Охир ба қадри меҳмон расидан даркор аст!

Ҳама аҳамияти нақбро бо хубӣ эҳсос мекард. Мефаҳмид, ки дар сурати кушода шудани нақб мушкилиҳои роҳи ағбаи Анзоб паси сар шуда, роҳи байни пойтахту шимоли кишвар наздик мегардад. Проблемаи мавсимӣ будани роҳ аз байн меравад. Равуо бемалол мешавад. Эҳёи ин нақб барои кӯҳистониён эҳёи зиндагии тоза хоҳад буд. Дар саҳифаи таърих сабт меёбад ин воқиа муҳим бо хатҳои заррин…

Уқобе ҳайратзада атрофи ағбаи Ушткр парвоз карда чашм аз Зимарғ намеканад. «Аҷабо! Кай ин ҷо ба мисли имрӯз серодам буд?- меандешид уқоб. – Гирдогирд низомиён дар ёнаву теппаҳои атроф истода, ҳушёру огоҳ, гӯиё камарбандро ба хотир меоранд. Дар ҳамвории поён-чӣ? Садои наю дафу чанг… ҳофизон дар хондану раққосагон дар саҳна мавзун-мавзун давр мезаданд. Чи рақсҳои зебо чи сурудҳои шево. Қашанганд духтарон…»

Чашми уқоб ба он ҷое афтод, ки дегҳои калон мондаву барои меҳмонон кабобу оши палов мепухтанд. Уқоб, ки бӯи хуши хӯрокҳо ба машомаш расида буд, гаранг шуд, ки аз паи тӯъмае паси кӯҳ хам хӯрд…

Инак, чархбол дар осмони Фонтоғ пайдо шуд. Ҳама меҳмону мизбон чашм ба сӯи чархбол дӯхтанд. Дидаҳо шӯъларезу табъҳо хуш, лабҳо пичиррос мезаданд: «Президент меояд!»

Чархбол чарх заду ба ҷои қаблан муқарраршуда нишаст.

Назирхон-раиси вилояти Суғд, дигар роҳбарони воломақом ба истиқболи президент ва ҳамроҳонаш рафтанд.

Чун президент намоён шуд, мавҷи кафкӯбӣ баланд гардид…

Вохӯрӣ бо президент муассир буд. Ӯ пеши ҳозирин нутқ карда, аз ҷумла гуфт:

– Сохтмони нақби Уштур, ки яке аз иншоотҳои бузурги аср маҳсуб мешавад, аҳамияти калони стратегӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ дорад. Дар сурати сохтану ба истифода додани нақб тамоми сол пойтахт бо шимоли кишварамон пайваст мегардад. Ин корро мекунем. Ҷояш ояд, бо нохун кӯҳро кандаву роҳ мекушоем. Бояд таъкид кунам, ки дар сохтмони ин нақби тақдирсоз ягон мутахассиси ватанӣ набояд дар канор монад. Ин иншоот ба ягон маҳал, ба ягон минтақа мансуб набуда, умумиҷумҳуриявӣ аст, ки таҳти назорати президент меистад…

Рӯзи дигар даҳҳо техникаи пуриқтидор дар поёни ағбаи Уштур ҷамъ шуда ба кор сар карданд. Садои осмонраси техника пинаки ағбаи Уштурро вайрон кард, ки хаёле дасту гарданашро ларзонда хамёза кашид…

Чанд суғурак, ки дар қарибии коргоҳи нақбсозон хона доштанд, сар аз сӯрохиҳо баровварда, ба атроф нигаристанд ва ҳамоно бо талвосае тани худро ба дарун кашида пинҳон шуданд. Имрӯз чун пешина баромада, дар офтобрӯи ёна дароз кашидан барои онҳо номумкин буд. Хатар таҳдидашон мекард…

Як ҷуфт гурги хокиранг рӯз нашуда аз чизе пай бурдагӣ барин, лонаи худро тарк карда, ба пушти ағбаи Уштур гузашта, тарафи ҷануб роҳ пеш гирифта буданд…

Аз ду ҷониб нақбсозон ба кор оғоз намуданд. Техникаи куҳбӯр баъд аз он ки майдон тайёр шуд, ба ҳаракат даромад. Аз рӯзҳои аввал Малик Ҷумъаеву Алиқул Холови такфонӣ бо дигар мутахассисон ихтиёрӣ ба нақб ба кор омаданд. Байни онҳо мутахассисони данғарагӣ зиёд буданд…

Дере нагузашта нақби Уштур ба арсаи шуҷоат ва мардонагӣ табдил ёфт…

* * *

Мардуми Фондарёву Масчоҳ ва Фалғарзамин дар кӯҳ кандану нақб сохтан собиқаи корӣ доранд. Аз кӯҳистон, ки ҳастанд, хоҳу нохоҳ корашон ба кон ва нақб вобастагӣ дорад. Дигар илоҷ надоранд.

Эҳе, садсолаҳо пеш Абдуҷалил ном бо мӯйсафедони деҳааш синаи кӯҳро шикофта, аз тагоби Путхин ба Дашти Боло об оварда будааст. Дар Зосун–чӣ? Бо зоғнулу мисрон чор нақб кандаанд, корезҳо кушодаанд…

Аввал артели «Заметалл» ташкил карда, дар Симичи Такфон маъданро аз кӯҳ фароварда дастӣ мешустаанд.

Комбинати Такфон соли 1948 бунёд гардида, баъдан, комбинати Ҷиҷикрӯд ном мегирад.

Соли 1956 нахустин кадрҳои маҳаллӣ аз тарафи комбинат ба шаҳри Свердловск ба курси шашмоҳа фиристода шуданд. Ниёзов Насрулло ҳамчун мутахассис дар соҳаи маъдантозакунӣ ва Давлатов Ҳомид бо тахассуси устои кони маъдан курсҳоро хатм карда, ба Точикистон баргаштанд. Ниёзов Насрулло сардори фабрикаи маъдантозакунӣ таъин гардиду Давлатов Ҳомид ба ҳайси сардори кони маъдан ифои вазифа намуд. Бародараш Шодӣ низ дар шахта кор кардааст…

Абдуҷалили зосунӣ аз Фалғар омада, дар артели «Заметалл» кор карда буд. Зани урус дошт. Катя либоси тоҷикӣ мепӯшид, расму русуми тоҷикро ёд гирифта буд. Ба тоҷикӣ ҳарф мезад. Мусалмон шуда буд.

Бибиистам Наврузова, Ниёзбибӣ Худойдодова, аз Анзоб Бибии вешабӣ дар фабрикаи маъдантозакунӣ осиёбон буданд…

Маҳмадшариф Гиёев, Эшов…

Маҳмадшариф Гиёев ба қарибӣ аз беморхона баромада буд. Аз он рӯзе ки худро шинохтааст, дар шахта, дар таги замин кор кардааст. Ордени Ленин дорад. Қаҳрамон. Ду навбат депутати Шӯрои Олӣ…

Шоҳруххон ба аёдаташ рафт. Хеле суҳбат карда шиштанд.

Маҳмадшариф мегуфт:

– Бачаҳо дар шаҳр хона доранд. Дар боло, дар Ремон ҳам ҳавлиамон ҳаст. Лекин ба ман ин ҷо-Сари Дуоба маъқул аст. Боду ҳавояш мувофиқ. Намебинӣ, тирезаи хона тарафи дарёи Пасрӯд кушода мешавад. Ҳарзамон аз дарё шамоли серун мевазад ва рӯҳи касро болида мегардонад.

Шоҳруххон матлабаи омаданашро шарҳ дода, чунин гуфт:

– Аз экспедитсяи ҷустуҷӯии Моғиён ҳисобӣ кардам. Мехоҳам дар нақби Уштур кор кунам.

– Хеле хуб,–хушнудӣ кард Маҳмадшарифи ремонӣ.- Дар воқеъ, сохтмони нақби Уштур барои тамоми мардуми кишварамон, ба вижа барои ману туву дигар фонгиҳо воқиаи нодир аст. Мефаҳмӣ, ба ростӣ ба фаросати президентамон қоил нашуда наметавонӣ. Дили касро мефаҳмад, табъи дили кас кор мекунад. Руҷӯи нақб ва идомаи сохтмон дар он руҷӯи корномаҳои беназир аст. Заҳмати мардакро қадр кардан даркор аст. Корҳоеро оғоз мебахшад, ки ақли одам намегирад.

Баъд пурсид:

– Хайр, дар кадом вазифа кор карданӣ ҳастӣ дар нақб?

Шоҳруххон, ки аз суханҳои ин пири кор ба ҳаяҷон омада буд, гуфт:

– Аслан касби ман пармагарӣ аст. Лекин таркишгар будан орзуи ман буд. Аз ин рӯ, ба қарибӣ курси семоҳаи таркишгариро хонда тамом кардам. Бо ихтисоси таркишгар мехоҳам дар нақб кор кунам, албатта, агар қабул кунанд.

– Чаро қабул намекардаанд? Ҷон–ҷон гуфта мегиранд.

– Хайр, акнун ба ман рухсат,–аз ҷой хест Шоҳруххон.

– Раҳмат, Шоҳруххон ки қадам ранҷа карда омадаӣ. Ба қавли шоире «Эй, вақти ту хуш, ки вақти мо хуш кардӣ!»- гӯён то кӯча аз паси Шоҳруххон, баромад Маҳмадшариф ва вақти хайрухуш таъқид кард.- Боз омада исто.

– Албатта, боз меоям,–бо хуррамӣ гуфт Шоҳруххон.

# БОБИ ҲАБДАҲУМ

Саманди зарринёл дар сари кӯҳи ғарбии шаҳрак сум кӯфтаву гӯё лаҳзае бозистод ва баъд ба уфуқ фурӯ омад. Насими хушнафас рӯҳро сила мекард.

Рамазон қад–қади хиёбони сабз гом бардошта ба он сӯе мерафт, ки қалъа домони куртаи чиғда–чиғдаашро ҷамъ карда, байни зонувон гузошта буду аз шаҳраки зери пояш, ки ба тозагӣ пироҳани сабз пӯшидаву рӯймоли нилобӣ ба сар карда буд, чашм намеканд. Биноҳои бисёртабақаи замонавӣ, гулгаштҳову майдони ба номи собиқ директори генералии комбинати маъдатозакунии Анзоб– И.Б. Глазунов, муҷассамаи шаҳидони ҷанг, майдони варзишӣ, боғоти дарахтони мевадору сояафкан, бозори ниммобод, бинои мактаб ба муқобили ин қалъа, ки рӯ ба вайронӣ оварда буд, зинда метофтанд ва аз ободиву сарсабзии худ ба оламиён хабар медоданд ва гуфтанӣ буданд: «Дасти инсон гул аст. Бинед, ки ин як каф ҳамвории байни ду обро, ки дар гузашта роҳи бод, буд чи хел инсонҳо ба гулистон табдил додаанд.»

Рамазон баъди сайре кӯтоҳ баргашта ва дар назди кӯпруки шаҳрак, ки дар ҳолати нимвайрона қарор дошт, каме истод ва андешид: «Чаро касе аз паи барқарор кардани кӯпрук нест? Гузаштани мошинҳоро манъ карда бошанд ҳам, одамон мегузаранду мегузаранд, лек қазияи кӯпрук ҳеҷ касро ба ташвиш намеорад.» Аз кунҷи афкораш ин вожаҳо рӯ заданд: «Ба ту чӣ? Бояд мутасаддиёни сохтмони кӯпрук ё роҳбарони шаҳрак сарашонро дард кунонанд, на ту.» «Не, ин тавр нест,–рад мекард ӯ–е дигар пиндошти фавқро.- Бетарафӣ на ба нафъи кор аст. Айб аст, ки кӯпрук дар ҳолати фаношавӣ бошад. Бояд ин масъаларо бардошт!»

Рӯзи дигар, чун ба истгоҳи мошинҳои Сари Дуоба гузашт, ҳарфи ронандаеро шунид, ки мегуфт:

– Эй, мардум, ин чи бемаззагӣ аст, ки дирӯз аз Душанбе меҳмони австралиягиро бо ҳамсараш овардам. Дар таги ағба моро панҷ соат нигоҳ доштанд. Меҳмон сахт хафа

шуда гуфт бо лаҳни тоҷикӣ, ки: «Мардуми шумо камбизоат муаррифӣ шудаанд дар берун аз марз. Боз ба кадом хотир нозирони роҳ аз шумо пул мегиранд? Ҳатто, моро, ки хориҷӣ ҳастем, нодида гирифтанд. Ҳеҷ нафаҳмидем!» Лекин гап заданашро медидед бо забони тоҷикӣ, кайф мекардед. Ман вай барин гап зада наметавонам тоҷик шуда! Э аҷиб, аҷиб…

Рамазон, ки дар қарибӣ истода буд, ба ронанда рӯ оварда пурсид:

–Онҳо ба куҷо рафтагор буданд?

– Ҳадафи ишон дидани кӯли Аловиддини худамон будааст. Бурдамашон.

– Касе ҳаст, ки иззати меҳмонҳоро ба ҷо орад?- боз суол кард Рамазон.

– Чаро набошад?- гуфт ронанда.- Пире ҳаст, ки Раҳматулло гӯяндаш. Марде меҳмоннавоз аст. Худ меҳмонро қабул мекунад ва худ хидматашонро ба ҷо меорад. Ин мардак то биёбони Гулзӯр роҳи мошингард баровардааст. Сайёҳон бо ин роҳ то кӯли Аловиддин меравáнд. Акои Раҳматулло хоҷагии инфиродӣ ташкил кардааст. Аз санг хонаи дутабақа пӯшондааст он ҷо. Ҳар кӣ аз хориҷиён он сӯ меравад, дар хонаи ӯ дам мегирад, мехобад. Наберааш Сайёд ба ӯ дастёрӣ мекунад.

– Марди наҷиб будааст,–гуфта монд Рамазон.

– Ҳа, дурурст гуфтед. Ӯ аслан шӯрмашакӣ аст. Ягон фонӣ маъракаашро бе иштироки вай намегузаронад. Одами баобрӯ буда, сидқаш соф аст. Бадавлат аст, бачаҳош дар ҷойҳои калон кор мекунанд.

Ин замон чашми Рамазон ба Шоҳруххон афтод, ки аз мошин мефаромад. Шоҳруххон ҳам ӯро дида, бағал кушод.

Ҳар ду мулоқот карданд. Шоҳруххон гуфт:

– Канӣ, бигӯ, шамоли куҷо парронда ин тараф овард?

– Шамоли дидор, ҳавои кор,– гуфт Рамазон чашм аз ҷӯрааш наканда.

– Бешӯхӣ мегӯӣ?

– Ҷиддӣ, бародар, азмам. Муаллимӣ нашуд. Музд кам,

боз онро кашол дода, баъд мепардозанд. Дар Руссия дар муҳоҷироти меҳнатӣ ҳам будам чанд сол. Рафтуомад азоб. Лекин забон ёд гирифтам, урфу расми урусҳоро омӯхтам, бо фарҳангашон аз наздиктар шинос шудам. Муҳимтар он аст, ки мутахассис шуда омадам.

– Дар кадом ришта?

– Дар риштаи битонгарӣ.

– О, дар нақб айнан ҳамин касб зарур. Рафтан замон қабулат мекунанд. Ун ҷо, дар Зимарғ қароргоҳ ҳаст. Бо хобгоҳ таъмин менамоянд. Ман ҳам дар ҳамон ҷо таркишгар ҳастам.

– Магар битонгар набудӣ?

– Гуфта будам–ку. Пармагар ихтисосам, аммо таркишгарӣ маъқулам аст. Баъд дар экспедитсяи геологии Панҷакент курси семоҳаро тамом кардам, дар Нақб таркишгарам. Ҳоло ба маркази ноҳия рафта истодаам. Хайр, чи хел навигарӣ? Аз шиносҳои кӯҳна киро дидӣ?

– Навигариҳо дар пешу… медонӣ, дар Хуҷанд киро дидам?

– Киро?

– Шерӯяро.

Кай?

Моҳе пеш. Гуфт ки дар идораи молия кор мекунам.

– Хайр, нақл кун. Чи гуфтиву чӣ шунидӣ?- мароқ зоҳир кард Шоҳруххон.

Рамазон гуфт:

– Дар кӯчаи Панҷшанбе дидамаш. Гуфтам: « Маро шинохтӣ, Шерӯя?.» Китф дарҳам кашид: «На. Лекин номи маро ту аз куҷо медонӣ?- пурсид ҳамзамон. Гуфтам:» «Туро намедонистагӣ одам нест.» Хурсанд шуд. Пурсидам: «Канӣ, аз кучо меоянд?» Ҷавоб дод: «Аз фурудгоҳ.» Суол кардам боз: «Корат буд магар?» Гуфт: «Шаб амакбаччаҳо аз Руссия омаданд, ҳамунҳоро гусел кардам.» Гуфтам: «Охир ҳеч чиз монд?» Гуфт: «Намонад мерафтам?» Гуфтам: «Балоӣ. Бигӯ ки соати корӣ дорӣ?» Гуфт: «Муассисаи давлатӣ бе соати корӣ намешавад.» Гуфтам: «Ҳозир соат чанд аст?» Сурх шу-

ду гуфт: «Саҳар як худро нишон дода омада будам.» Гуфтам: «Мабодо калон кам кунанд–чӣ?» Гуфт: «Бо калон улфатӣ дорам.» Гуфтам: «Ба назарам, куҷое шитоб дорӣ?» Гуфт: «Ҳа, нисфирӯзӣ дар чойхонаи лаби дарё ош ҳаст.» Гуфтам: «Хабарии ё…» Гуфт: «Шукр, тамоми шаҳр мешиносад. Ҳамин ки чойхоначиҳо диданд, мегӯянд:» «Шерӯя, марҳамат! Баъд мешинему мекӯбем ошро.» Гуфтам: «Бегоҳ вақт дорӣ, каме шинем?» Гуфт: «Не, ба қишлоқ як мошин орд фиристоданам даркор… Фойдеш калон.» Гуфтам: «Э, намур ту Шерӯя, чи доно ҳастӣ.» Гуфт: «Дар ин замон калларо кор фармудан лозим аст.» Гуфтам: «Ҳеҷ насабзидӣ–дия.» Гуфт: «Дар шаҳр калон бошед, зуд мерӯбандатон. Коргари қаторӣ буданам беҳтар. » Гуфтам: «Туро дар ҳама маъракаҳо сари як пиёла чой корбудкун гуфта, каламдод мекунанд. Мегӯянд, ки муҳимбарор баччек. Оё сирре ҳаст?» Гуфт бо ханда: «Аз ин ҷо бигиру ба он ҷо бизан ман. Хайр, дер нашавад, ман меравам.»

– Рамазоне, Рамазоне, ин хел суҳбатҳо кам воқеъ мешавад. Хуб гуфтаву шунидаетон. Лекин мегӯм ба маъниҳои гапи ту борик рафта бошад?- Гуфт Шоҳруххон, ки аз нақли Рамазон ба ваҷд омада буд.

– Фаҳмид, ки зуд гурехт, вагарна боз гаранг мекардамаша. Аз чашмонаш маълум буд, ки туфайлихӯр аст ӯ.

– Ҳамин тавр мегӯянд ҳамқишлоқиҳо. Бисёриҳо аз ӯ фанд хӯрдаанд. Ин зот фанд дода, худ қанд мехӯрад.

– Ҳақасту рост,– гуфт Рамазон ва илова кард.- Ман рафтам.

Ҳо, дидӣ, мошини роҳсозон омада аст ба рафтан.

Шоҳруххон гуфт:

– Ба қароргоҳи нақбсозон рафтӣ, Рақибшоҳро ёб. Он кас кӯмак мекунад дар қабул шудан ба кор. Бегоҳ боз бо ҳамин мошин фаро, ман дар Такфон нигарон мешавам.

– Майлаш,–гуфт Рамазон ва ба сӯи мошин рафт.

Шоҳруххон низ ба мошини сабукраве нишаст, ки ҷониби маркази ноҳия равон буд.

Шоҳруххон бо ронанда шинос баромад. Корманди идораи муҳити зист Муҳаммадҷонро медонист. Ӯ солиёни дароз дар

комбинат раиси иттифоқи касба буд. Дар Сари Дуоба хона дошт. Бо мошинаш мунтазам равуо мекард байни шаҳраку маркази ноҳия. Аз ҳар хусус гапзанон карда рафтан гирифтанд. Чун аз кӯпруки Чоре гузаштанд, баъд ба ҷои васеи дара расидан дидан, ки мошине истодаасту дуртар аз роҳ ду тан камин гирифтаанд, ҷониби кӯҳи муқобил камонҳоро рост карда.

Дили Муҳаммадҷон раг зад. Медонист, ки дар ин кӯҳҳо галаи оҳувон мегарданд. Яқин инҳо шикор омадаанд. Мошинро дошта фаромад ва бо ишораи даст онҳоро ба назди худ даъват кард.

Шикорчиён дилу бедилон фаромада омаданд. Ҳамроҳи дигарашон, ки дар он тарафи соҳил буд, дар ҷояш, хами як буттае нишаста монд.

Муҳаммадҷон бо шикорчиён сардакак вохӯрдӣ карда гуфт:

– Чи кор мекунед ин ҷо? Намедонед, ки ин атроф мамнӯъгоҳ аст. Шикор мумкин нест. Канӣ, қафои мошинро кушоед.

– Ҳеҷ чиз нест. Мо ҳамту тамошо омадем,–гуфт яке.

–Барои бо худ гирифтани силоҳ ҳуҷҷат доред?

– Дорем,–даст ба ҷайбҳо бурданд ҳар ду.

– Дигар такрор нашавад,– таъқид кард Муҳаммадҷон ва омада ба сари чамбарак нишаст ва интизор шуд, ки аввал мошини шикорчиён ба роҳ дарояд.

– Ягон чи сайд кардаанд?- Пурсид Шоҳруххон.

– Намебудем, яқин мепарронданд оҳуеро. Инҳо инсоф надоранд,– гуфт Муҳаммадҷон ва мошинро ба ҳаракат даровард.

*Дигар, то хеле роҳ хомӯш монданд ҳар ду.*

* * *

*Рамазонро дар кабинаи мошин шинонданд.*

Рonанда, ки ҷавони зиндадиле будааст, чашм аз роҳ наканда ба саволи Рамазон: «Маош медиҳанд?» гуфт:

– Ҳанӯз надодаанд қарз дар нӯли зоғу зоғ зинда бошад,

гуфтаанд. Шахсан ман барои маблағ кор намекунам. Касе маро таклиф накардааст. Бо ихтиёри худ омадаам. Чанд моҳ аст, ки роҳсозонро бо ҳамин мошин мекашонам. Аз ҳамин дара бошаму худро ба канор гирам, намешавад–дия. Дар айёми Шуравӣ ба БАМ рафта кор карданд ҷавонони мову... ин ҷо хоки сиёҳро нигоҳ карда шинем, айб нест оё? Ҳақ надиҳанд, зинда бошанд!

Мошин минтақаи саноатӣ- фабрикаи маъдантозакунии Анзобро гузашта, хеле ба тарафи шарқ ҳаракат карда, баъд ба рост тоб хӯрд. Дар ин ҷо техникаи пуриқтидори хокбардор кафшашро аз регу хок пур карда ба болои кразҳо мерехт. Яке мерафту дигаре меомад.

Мошин дар гӯшаи роҳ, болотар аз он ҷое ки кразҳо хоку рег мекашонданд, қарор гирифт. Корфармо фаҳмонд, ки булдозерчиҳову кӯҳбӯрҳо сӯзишворӣ мегиранд барои ду рӯз.

Рамазон аз мошин фаромад ва дар лаби роҳ андак истод. Аз ин баландӣ хеле ҷойро тамошо кардан мумкин буд. Чашм аз кӯҳҳои атроф наканда андешид: «Дар ҳақиқат дараи фон, ки порае аз миҳани азизам Тоҷикистон аст, бо табиати зебояш мафтункунанда аст. «Беихтиёр ҳарфи президентро, ки дар мулоқот бо ҷавонон ҷавобан ба як суоли духтаре, ки мехост ба хориҷи кишвар барои таҳсил равад, гуфта буд, ба ёд овард»: Агар як рӯз аз Тоҷикистон дур бошам, пазмон мешавам ва мехоҳам ҳар чи зудтар ба Ватан баргардам.» Дӯст доштани миҳан аз ифтихори миллӣ доштан манша мегирад!- пичиррос зад ӯ.- Касе ки аз чунин кишвар ношукрӣ мекунад, кӯр мешавад. Худои мутаол барои мо, тоҷикону тоҷикистониён обҳои ширин, боду ҳавои хуш, табиати зебо, махзани лаълу дигар сангҳои қиматбаҳо, кӯҳҳои сар ба гардунсудаи пур аз маъданро ҳадя кардааст. Пас, ба мо чи лозим?! Имрӯз миллионҳо мардуми сайёра аз оби ошомиданӣ танқисӣ мешаванд. Аз гармӣ нафасгир мешаванд. Аз сардӣ меларзанд. Мо ба қадри он чизе, ки насибамон гаштааст, бояд бирасем. Дуруст бояд онро истифода бурд. Чун гавҳараки чашм эҳтиёт бояд кард, то ба берун набарояд, то беҳуда талаф нашавад...

Аз чӣ бошад, ки Рамазонро тафаккур ба гузаштаҳои дур бурд. Ба ин дара пои хитоиҳову арабҳо расидааст. Баъдтар русҳо омадаанд. Ишон аз дилли кӯҳҳо симоб истихроҷ мекардаанд. Киновари саркардашуда мегирифтаанд. Пӯлод истеҳсол менамудаанд. Мардуми ин дара аз қадим нақбкан будаанд. Имрӯз ҳам маъдану ангишт мегиранд, роҳҳо мекушоянд, нақб месозанд…

Риштаи андешаҳои Рамазонро садои рონанда гусаст, ки мегуфт:

– Ба мошин шин, то Шахи Зиёрат мебарем, он тараф боз ягон илоҷ мекунӣ.

Дар таги Шахи Зиёрат, канори ду булдозер ҳама аз мошин фаромаданд. Булдозерчӣ Авезов бо ангуштон роҳи борикро, ки як мошин базӯр мегузашт, нишон дода гуфт:

– Қитъаи вазнини роҳро ба мо додаанд. Агар техника «инҷиқӣ» накунаду ҳамин хел бо сӯзишворӣ таъмин карда истанд, якнавъ, вагарна ӯҳдадориамонро иҷро карда наметавонем.

Зикриёхӯҷа фикри ҳамкорашро тақвият дода афзуд:

– Ҷиҳати тахминоту маош гила надорем, фақат техникаамон кӯҳна асту таъмирталаб. Лекин фикр мекунам, ки сари ин масъала касе хаёл ҳам намекунад.

– Мо синаи кӯҳро шикофта, роҳ мекушоем. Ҷое паст мекунем, ҷое васеъ,– ба гап ҳамроҳ шуд устои кӯҳбур– Хӯҷамир Гулов.- Ба мо бояд эътибори кофӣ бидиҳанд.

Рамазон бо дилсӯзӣ тарафи роҳсозон гуфт:

– Ҳаво гирифтааст, эҳтимол борад. Оё ин ба кори шумоён халал намерасонад?

Зикриёхӯҷа бо табассум гуфт:

– Мо ба ин хел ҳавоҳо одат кардаем, бародар.

Рамазон лаҳзае ба Шахи Зиёрат, ки дар болои сари онҳо рост истода, гӯиё ба ҳарфашон гӯш мекард, чашм дӯхт. Лабони Шахи Зиёрат меҷунбиданд, гуфтан мехост, ки: «Маро бубахшед, эй инсонҳо! Дирӯз бо тамасхур ба шумоён менигаристам. Эдун мебинам, ки кори бузургеро оғоз кардаед. Ҳубби Ватан ба шумо ҷасорат илқо мекунад. Аҳсант ба шу-

мову ҳиммати баландатон!»

Ин замон аз поён «Нива»- и сафедранг омад. Рамазон бо роҳсозон хайрухуш карда, ба мошин нишаст. «Нива» аз сой гузашта, баъди гардишеро тай кардан ба дараи борике расид. Акнун роҳ қади об идома меёфт. Онҳо роҳи байни боғот, хонаҳои ободу ноободро паси сар карда, баъди ним соат ба қароргоҳи нақбканон расиданд.

Рамазон зуд аз паи ҷустуҷӯи корфармо Рақибшоҳ шуд. Ӯро бо меҳмонони масчоҳӣ ва исфарагӣ дар утоқи кориаш аст.

Дар сари як пиёла чой суҳбат дар атрофи кору маишати нақбсозон тафсид.

Ҷаъфархӯҷаи исфарагӣ бо мамнуният мегуфт:

– Азбаски дар мошин гӯшт доштем, батаъҷил омадем, ки вайрон нашавад дар роҳ. Саҳар дар нақб бо коргарон вохӯрдем, салому паёми мардуми Исфараро расондем. Ишонро ҳини кор ба навор гирифтем. Аз омадани мо хурсанд шуда, арзи сипос карданд.

– Мо аз ағбаи Шаҳристон шаб гузаштем, лекин дар қарибии Такфон дам гирифта, ҳозир расидем,- идома дод суҳбатро меҳмони мастчоҳӣ.

– Муташаккирем, ки моро фаромӯш намекунетон,– гуфт Рақибшоҳ бо хушнудӣ ва ҳамагонро бо нақшаи ағбаи Уштур шиносонда гуфт:

– Сохтмони нақб яке аз иншоотҳои муҳими ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ки ба манфиати мардуми кишвар сохта мешавад. Арзиши умумии лоиҳаи бунёди нақб 39 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва мувофиқи созишномаи байнидавлатӣ 31,2 миллион доллари он, яъне 21,2 миллион доллар қарзи дарозмуддат ва 10 миллион доллар қарзи бебозгашт ҳиссаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва 7,8 миллион доллари амрикоӣ ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои асосии марказонидашуда тавассути мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия сохтмони 19 иншоот ба нақша гирифта шуда, дар бунёди онҳо аллакай зиёда аз 3 миллион сомонӣ сарф шудааст. Тибқи нақша дарозии нақб 5 км, паҳни роҳ 7 м, баландӣ 6, 85 м, баргузаронии солона

1,7 млн. т. ва вақти боздеҳии харочот 8, 3 сол аст. Ногуфта намонад, ки аз ду тараф кӯҳро шикоф кардан дорем. Рӯзе 12, 3 метр нақби нақлиётӣ ва 6, 8 метр нақби обуҳавогузар канда мешавад. Имрӯзҳо дар сохтмони нақб қариб 400 нафар мутахассисони ватанию хориҷӣ саргарми кор мебошанд. Рафти корҳо хуб аст. Техника аз Эрон. Семент омада истодааст.

Рамазон, луқма партофт:

– Аз ду тараф канда истодаанд. Боз аз канори якдигар гузашта нараванд?

Рақибшоҳ табассум кард ва гуфт:

– Не, аз Спутник асбобҳо дақиқ нишон медиҳанд. Ҳарзамон санҷида меистем метр ба метр. Дар воқеъ, мо ба сифату суръати кор назорат мекунем. Дар мо МСУ–18, МГРС, ПМК–179 кор мекунанд. Фирмаи «Роҳи корвон» низ бо мост. Аз фабрика то нақб роҳро пасту ҳамвор ва васеъ мекунем. Сонӣ, мумфарш мешавад роҳ. Болои ҷойҳои тармафуроро низ мепӯшонем. Чуноне, ки гуфтам, дар нақб корҳо пешрав аст. Хизмати ширкати сохтмонии «Собир»-и Эрон дар сохтмони нақб чашмрас мебошад.

Ҳама аз ҷойҳо хестанд. Меҳмони исфарагӣ ва масчоҳӣ рафтанд, ки он чи оварда буданд барои нақбсозон ба шахсони масъул бисупоранд. Рамазон ба Рақибшоҳ оиди минбаъд дар нақб кор карданаш сухан кушод. Рақибшоҳ гуфт:

– Сардорро мебинам. Албатта, қабул мекунем.

Ин дам меҳмонон омаданд аз вилояту ноҳия. Вақти фароғати нақбсозони бахши шабона буд. Мулоқот доир шуд. Муовини раиси вилоят Мамадҷонов нутқ карда, дар охир гуфт:

– Мо хуб дарк мекунем, ки масъулияти баланде ба дӯши шумост. Ҳеҷ вақт шуморо танҳо намегузорем. Имрӯз аз Исфараву Масчоҳ омадаанд, пагоҳ аз дигар ноҳияҳо меоянд. Раиси вилоятамон мӯҳтарам Назирхон супориш доданд, ки ба шумо як хабари хушро расонам: Хатти барқи Боткент–Конибодом ба кор даромад. Акнун мардуми вилоят бемамоният аз нирӯи барқ истифода мебаранд. Рузе мерасад, ки шумо ҳам бо сари баланд аз ифтитоҳи нақби Уштур, ки со-

хтмони бузурги аср ҳисоб мешавад, ба оламиён мужда медиҳед.

Раиси ноҳия Мавҷудабону аз номи ҳама сохтмончиёни нақб ба меҳмонон ҷиҳати караму саховаташон изҳори қаноатмандӣ карда, баъдан афзуд:

– Шукр, ки мо дар сохтмони ин иншооти беҳамто ширкат дорем. Ҳамин чиз моро водор мекунад, ки масъулияти хешро даҳчанд афзун намоем. Тамоми нирӯи ақлонӣ, зеҳнӣ ва рӯҳониву ҷисмониамонро ба кор мебарем, то ба қуллаи мақсуд бирасем!

Ҳофизи мардумӣ Аслиддини Саттор ба даст тор гирифта, ба сурудхонӣ пардохт. Раққосае нозанин, гулҷабин ба рақс даромада саҳнаро обод кард. Аз нақбканон, ки гирди санъаткорону меҳмонон ҳалқа гирифта буданд, чанд тан ба майдон баромаданд. Ҳатто Ҷалолии эронӣ таҳти зарбу оҳанги мусиқӣ дастҳояшро ба ду тараф кушода чарх задан гирифт.

Рамазон ба чеҳраҳои нақбсозон, ки дар синну сол тафриқа доштанд, то дер нигарист ва фикр кард, ки дар таги замин кор кардан осон нест. Кори ишон ба масал бо сӯзон чоҳ канданро монд. Гоҳе поракӯҳе мелағжад, баъзан ҳаво намерасад, ҳар гуна газҳо нафасгират мекунанд, аз шифт об мечакад. Дар сӯрохӣ баъзан намеғунҷӣ, саратро ба шахи овезон зада мегирӣ, чангу ғубор пеши чашматро фаро мегирад, гулӯят месӯзад ва боз чанд монеаҳои дигар… Чуноне ки Рақибшоҳ гуфт, ҳама дар кори худ мутахассисанд. Ӯ ҳам худо хоҳад таркишгар шуда, дар қатори онҳо кор мекунад. Дар Руссия ба сахтиҳо одат кард. Дар таги замин кор кунӣ ҳам, сад бор беҳтар аз муҳоҷирати меҳнатӣ дар дигар кишварҳо аст. «Лекин дар муҳлати муайянгардида нақбро сохта ба истифода додан мешуда бошад?- ба сараш омад ин суол. Зери лаб хандид, пасон андешид, ки: «Рамазон чи мегӯяд? Надидӣ, ки ҳама чи сон рӯҳбаланданд. Инсони қобил пешорӯи корашро дошта метавонад. Аҳл будану дасти якдигарро гирифтан маҳаки пешравии кор аст. Инҳо аноӣ не, ки ҳар киро нашинохтаву наозмуда ба кор бигиранд. Маълум ки дар масъалаи қабул ба кор сахт меистанд, ба вижа сардор

оқои Қонунии Эронӣ. Ба гуфти Рақибшоҳ бо ӯ низ сардор аввал суҳбат мекардааст…

Рамазон оҳиста–оҳиста қадам зада аз пеши хонаҳои хоби нақбсозон сарнишеб шуда, дар канори роҳе ки тарафи нақб кашола шуда мерафт, таваққуф кард. Диққати ӯро кори гурӯҳе, ки сементро бо қувваи техника махлут карда, ба қуттиҳои мудаввари мошинҳои битонкаш бор мекарданд, ҷалб кард. Ҳама корро бо воситаи нирӯи барқ иҷро мекарданд. Тугмаро пахш мекунанду халос. «Ана, инаш хуб аст,– андешид ӯ.- Дастӣ ҳам мушкил мебуд, ҳам бисёр вақтро мегирифт». Ин дам мошини эронсохти мерседес–битонкаш тоб гашта, рӯи роҳ баромад. Ронанда Раҷаббои похутӣ будааст. Тарафи вай бо сар салом доду мошинро ҷониби нақб ронд. Мошини дигар қафонокӣ рафта, дар ҷои пештараистодаи мошини Раҷҷабой қарор гирифт, то ба бордонаш сементу рег рехта бо об омехта кунанд.

Рамазон дар ин рӯзи баҳорон аз як чиз дар ҳайрат шуд. Се бор ҳаво чеҳра дигар кард: яке борон рехт, сонӣ ба барфрезаҳо табдил ёфт ва боз офтоб аз паси абрҳо рух намуд.

Ба кӯҳи Сари Дор нигарист, он шабеҳ ба духтаре буд, ки дар ин рӯзи нимборониву нимофтобӣ домани пироҳани тарашро байни панҷаҳо гирифта ғич мекард, то ки баъд дар офтоб дошта хушк кунонад…

Ӯро ҷеғ заданд рафту хурсанд баромад аз идораи сардор.

Роҳравон зери лаб мегуфт:

– Дар ҳамин қароргоҳ ҷой мекунем, гуфтанд. Дар ошхона се вақт хӯроки серғизо мехӯрӣ, маош 600 сомонӣ зиёд, чунки ту бетонгар астӣ, гуфтанд. Чӣ хуб! Каллаатро дуруст кор фармо. Рамазон ту кунун аъзои ин оилаи бузург ҳастӣ! Имшаб ба Такфон мефароям. Охир бародарам Шоҳруххон нигоҳ карда меистад маро. Бо мӯйсафед Мирзоаҳмад суҳбат мекунам. Эҳе, хеле вақт шуд, ки он касро надидаам. Холиқ Ғалатӣ–чӣ? Дар куҷо бошад? Акнун дар ин ҷо ҳастам, ӯро ҳам меёбам. Ҳоло ҳам Ғалатӣ бошад, ё дигар шудааст…

Ба мошини сабукраве нишаст. Дар роҳ раиси Ҷамоат, ки

дар пеш, паҳлӯи ронанда шишта буд, гуфт:

– Бачагии ман дар ҳамин ҷоҳо гузаштааст. Чанд сол мо ин ҷо, дар рустои кӯчаки Ҷиҷик зиндагӣ доштем. Баъдтар, ба Такфон фаромадем. Акнун баъди кушодашавии нақби Уштур ин ҷоҳо боз ободу маъмур мегардад.

Дар таги Шахи Зиёрат мошинро нигоҳ доштанд. Дигар мошинҳо низ қатор меистоданд. Роҳи гузаштан набуд. Булдозерҳо хоки рӯи роҳро тела дода ба ҷарӣ мерехтанд.

Рамазон сарашро ба оинаи мошин наздик бурда, ба кори булдозерҳо диққат дод. Лабонаш беихтиёр ҷунбиданд: «Шаҳбозҳо дар як рӯз хеле кор кардаанд.» Хурсанд шуд. Тарафи ронанда гуфт:

– Ҳамин хел босуръат кор кунанд, дар чанд ҳафта ин қисми роҳ-ҳам пасту васеъ карда мешавад. Фақат ба инҳо имконият додан даркор, шароит муҳайё кардан лозим асту халос. Қанд зананд!

Роҳ кушода шуд. Мошинҳо пасу пеш равон шуданд. Дар қарибии Такфон Рамазон ба гилеми чорқадкардашудаи қафои мошин бо даст ишора карда, тарафи раиси Ҷамоат гуфт:

– Саҳарӣ ин гилем дар саҳнаи маҷлисгоҳ партофта шуда буд. Чӣ, мебаретону мебиёретон ҳар рӯз? Гилемро дар ҳамон ҷо нигоҳ доретон намешавад? Ё… Ҷавобан ба гуфтаҳои Рамазон касе аз ҳамсафарон ҷавоб надод. Раиси Ҷамоат ранг дигар кард…

## БОБИ ҲАЖДАҲУМ

Шаб дар хонаи Шоҳрухино чанд тан ба ифтихори меҳмони азиз Рамазон ҷамъ омаданд. Мирзоаҳмад баъди намози шом ба онҳо хеле нишаст. Аз гузашта, аз рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ёд карда гуфт:

– Ҳеҷ аз хотирам намеравад. Рузе аз хахоле шунидам, ки аз Вешканди Фалғар марде эшонзода дар ҷабҳа бо ӯ паҳлӯ ба паҳлӯ меҷангидааст. Ҳар гаҳ ки аз ду ҷониб тирпарронӣ мешудааст, эшони вешкандӣ аз ҷояш хеста қад-қади хати пеши размгоҳ медавидааст, ҳар гуна ҳаракатҳо карда ҳаллос меза-

дааст, мерақсидааст, то тирҳои адӯро бигардонад. Дар воқеъ, тир ба ҷангиён намерасидааст, яъне балогардон будааст барои аскарон. Ин ҳолатро дида хахол ихлосманд шудааст ба эшони вешкандӣ. Ман гуфтамаш, ки намешиносам он касро, лек мо аз як водием, ки онро Зарафшон гӯянд. Мо ҳар ду аз як миллатем: тоҷик. Хахул ханда карда гуфт: «Яъне ориёӣ?» Гуфтам: «Оре!»

Рамазонро ин ҳикоят хуш омад, ки гуфт:

– Амак, монанд ба гуфтаи шумо ман рафиқе дорам аз Искодар. Дар комиссариати ҳарбии ноҳия кор мекунад. Акояш прокурори ноҳия як Шаҳристон. Падари инҳо иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Номаш, Ҷиян, насаб Ҷамҳуров. Ин одам азбаски маҳорати ҷангӣ доштааст, дар размй зидди финҳо бо душман ҷангиданро ба таври аъло омӯхта будааст. Орзу мекард, ки бо немисҳо тан ба тан ба ҳарб бароял, яъне бе силоҳ. Ӯ ҷисман саломат буд, паҳлавон буд. Яқин нирӯмандиро аз падараш Ҷамҳур мерос гирифта буд. Бо душман қад ба қад шудан замон бо панҷаҳои анбӯриаш қабурғаи адӯро мешикастааст. Ана, пурқудративу! Баъди ҷанги Гирмон бо японихо низ размидааст... Дар солҳои охир дар шаҳрҳои Панҷакент, Самарқанд, Ӯротеппа, Хуҷанд, Душанбе бо гӯштингирҳои номӣ қувва озмуда, пирӯзиҳо ёфтааст. Бино бар нақли шодравон Муллораҳмати душанбегӣ дар як мусобиқаи гӯштингирӣ амаки Ҷиян, ки 64 кг вазн дошт, бо ҳарифи вазнаш 103 килогӣ қувва озмудан мехоҳад. Довар розӣ намешавад. Аммо амаки Ҷиян якравӣ карда мегӯяд, ки боке нест, гӯштин мегирам. Ҳама тамошобинон ҳайрон мешаванд, ки ин мардак магар наметарсад, ки бо одами аз худ вазнинтар ба майдон мебароям мегӯяд. Дар пеши чашми мардум дар як миҷа задан ҳарифро чунон бардошта мезанад, ки аз марра берун меафтад. Суръати ниҳоят тез доштааст амаки Ҷиян дар илми гӯштингирӣ. Боз як нақли дигар ҳаст, ки дар меҳмонхонае амаки Ҷиян бо шарикони худ истироҳат доштаанд. Оиди гӯштин байнашон баҳс мешавад. Юсуф Паҳлавон (муллоюсуф) Тунғуроқчӣ будааст. Мегӯянд, ки Тунғуроқ филро мезанад. Ҷиян Паҳлавон рад мекунад ин

фикрро ва мегӯяд:

– «Тунғуроқ» дар назди қувва ҳеҷ аст.

Баъд борҳо исбот кардааст, ки қувва болотар аз ҳила аст. Қувва надошта бошӣ, бо ҳила зӯрро ҳеҷ гоҳ наметавонӣ афтонд, яъне аввал қувва меистад, баъд ҳилла. Шикорчии хуб ҳам будааст амаки Ҷиян. Оҳуро ҳангоми дав мезадааст…

Мирзоаҳмад гуфт.

– Ҳар давру замон ба худ вобаста паҳлавон дошт, тарсуҳо ҳам дошт. Бубинед, ки Қурбон гуфтагӣ одам нону намаки шӯравиро хурду чун Маҳмуд омад, ҷониби ӯ гузошт. Баъди сарнагун гаштани дастаи Маҳмуд тарафдори ҳукумат шуд. Халқ дид ин буқаламуниро, давлат фаҳмид кӣ будани ӯро. Оқибат чи пеш омад ӯро? Сагона мурдан! Дигар хеҷ. Барои ҳамин, баччаҳом, ҳама вақт як рӯ бошед, зеро касони дурӯғгӯ дер намепоянд!

Мирзоаҳмад намози хуфтанро баҳонае карда берун бар омад.

Рамазон тарафи Шоҳруххон гуфт:

– Дидӣ, ки ба гап овора шуда, ба даҳон ҳеҷ чиз нагирифтем. Аз ҳамун обҳои сафед ягонто биёр.

– Ҳанӯз менӯшӣ?- пурсид Шоҳруххон.

– Ҳар гоҳ ки садта менӯшам, Холиқ Ғалатӣ пеши назарам меояд. Ба хотират ҳаст дар нӯшидан қимоб буд. Чун маҷбураш мекардем, мегуфт: «Дастатон изо накашад гуфта мегирам». Дилаш кашол, лабаш ташнаву ин соддамуғамбир боз мегӯяд, ки «дастатонизо накашад–е ! Баъд чи хел қоил намешавӣ?!» Сонӣ ба ӯ тан надеҳу қандата хӯр–дия!

– Шоҳруххон ба ханда гуфт:

– Рамазон, акнун боз бо ӯ ҳар рӯз вомехӯрӣ. Аз ӯ ғалатӣ корҳо мебиниву ғалатӣ ҳарфҳо мешунавӣ.

– Нағз-ку! – гуфт Шоҳруххон қадаҳҳоро ба лаб бурда.

– Майлаш, мегирем, барои ту!- арақро нӯшида аз болояш хуриш гирифт Шоҳруххон.

Бародари Шоҳруххон, Шораҳим тугмаи магнитофонро пахш кард. Овози ҳофиз баланд шуд, ки мехонд:

*Ҷон писар, нахли ҷавонӣ бош зеби бӯстон,*
*Меваҳои шаккарин деҳ аз ту уммедам калон.*
*Рас ба қадри наврасӣ, то бар камолотат расӣ,*
*Дон ки даври наврасии туст даври имтиҳон.*
*Як ҷавоне шав, ки байни халқ боло карда сар,*
*Бо сарафрозӣ падар гӯяд, ки ман дорам писар.*
*Халқ гуяд, ҷон йигит ҳастӣ, шавад умрат дароз,*
*Хок гирӣ зар шавад, раҳмат ба устоду падар.*

– Шораҳим, ба ҳазор дарой. Хуб кайф кардем–дия!- хурсандӣ кард Рамазон.

– Дар воқеъ, Ҷӯрабек бисёр тоза мехонад. Овозаш ҳам ширадор,– гуфт Шоҳуруххон.- Чанд фитааш дар хона ҳаст. Ба қарибӣ 41 дурдонаашро гирифтам. Борбади асри ХХ-и тоҷик.

– Лекин на ҳама ба қадри ӯ мерасанд. Шораҳим барин ҷавонҳоро ҳофизони навбаромад писанд меояд,– ба таассуф гуфт Рамазон.

– Не,- гуфт Шораҳим,- ман аз ун мегуфтагиҳотон нестам. Бештар Боймуҳаммад, Ҷӯрабек, Афзалшоҳу Хосиятро гӯш мекунам.

– Хуб мекунӣ,- розӣ шуд Рамазон.- Аз инҳоро шунидан маънавиётат баланд мегардад, рӯҳат ба исён меояд, аз ҳама ҷиҳат ғанӣ мегардӣ. Лекин сурудҳои ҳофизони кӯчагӣ туро ботинан урён мекунанд, ки нафаҳмида мемонӣ. Санъат, илм ва адабиёту фарҳанги асил ва сара нирӯи инсонсозӣ доранд, ақлро мепазонанд, хилқатро обод мекунанд, фикрро об медиҳанд, маърифатро боло мебардоранд. Хоҳем ки бо асли худ пойдор бошем, аз ин чизҳо худро канора нагирем, нагурезем. Аз илму адабиёту фарҳанги гузаштагону имрӯзиён гурехтан маънои аз худ гурехтанро дорад. Аз худ гурехтан дар навбати худ нишони аз худ ноогоҳ будан аст. Худноогоҳ Худойро кай шиносад?..

Баъд аз он, ки аҳбоб каме сархуш гаштанд, Шоҳраҳим тарафи Рамазон гуфт:

– Суҳбати шумо мароқангез аст. Чи мешавад, ки оиди

офариниш, тафриқаи байни инсонҳо, зуру нозӯр, боз ҳаёту мамот барин мавзӯъҳо бо мо суҳбат дошта бошед.

– Додари ҷон, мо он қадар доно нестем, ки ба ту дарс гӯем. Лекин дунёро ҳар кас дар чени ақлу фаҳмиши худ дарк мекунад. Шояд таги дил гӯӣ, ки гапи тозае намонда. Ҳамаашро пешиниён гуфта рафтаанд. Не, ин тавр нест. Гуфтаанд, ки муҳим нест, кӣ мегӯяд, муҳим он аст, ки чӣ мегӯяд. Ана, гӯш кун. Масъалаи халқияти Одаму Ҳавво. Нахуст Одамро худо офарид, баъд дар паҳлӯи ӯ Ҳавворо. Он вақт қисме аз рою хилқати худро Худо ба Одам бахшид. Сонӣ, ҳама чизро: хоку обу оташу ҷинсу набототро дар хизмати Одам дод ва гуфт: «Ихтиёрдорӣ кун.» Мазҳабу ирқу нажод, ҳизбу табақаҳо бофтаҳои инсонҳост. Шояд ин хел набошад, лекин ин андешаи шахсии ман аст. Шукр ки озодии сухан дар моҳ аст. Барои ҳамин ҳам ман урён гуфта истодаам фикрҳоямро… Исто, исто, як савол ба ту барои андеша, вазифаи хонагӣ. Шораҳим, бигӯ ки Одаму Ҳавво дар як поя ҳастанд? Оё Ҳавво ҳам одам аст? Ё Нур? Ё аз паҳлӯи Одам… аз қабурғаи Одам… чи мегӯӣ?... Дар боло гуфтем, ки Худо оламро халқ кард. Одамро халқ кард, ҳамту не? Лекин дар офариниши одам бамулоҳиза буд. Хилқату ҳусни расо ва ақл дод, то ӯ дар дунёдорӣ бамулоҳиза бошад, мефаҳмӣ, бамулоҳиза бошад… Лекин инсонҳоро байни якдигар тафриқа бисёр бошад. Мардуме ҳастанд, ки мардумӣ нестанд. Одамоне ба чашм мерасанд, ки орӣ аз одамиянд.

– Чаро чунин буда?

– Чаро чунин будааст? Охир ин ҷо тухм, муҳит, хок табиат, об таъсири худро доранд. Ҷое ҳаст гул мерӯяд, ҷое хор. Чаро? Одамоне ки зотан пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек доранд, ба ободии дунё мекӯшанд. Баръакс одами пиндораш, гуфтораш, рафтораш бад оламро ҳатто одамро вайрон мекунад. Каждум аз каждилӣ ҳамехоҳад, ки ба касе ё ба чизе неш бизанад. Табиаташ чунин буда… Муттаҳамеро шунидам, ки ба ҷурми дуздӣ шинондаанд. Ҳангоми пурсиш гуфтааст: «Шайтон ба гулӯям корд монд, тарсида пулро гирифтам. Ин як баҳона, ин як роҳи худро сафед кардан асту

халос. Дар хунаш duздӣ буд, ба ин роҳ рафт…»

– Хайр бартариҳои инсонро нисбати дигар махлуқҳо дар чи мебинед?

– Инсон соҳиби ақлу тамиз аст. Фикр карда метавонад, хандидан метавонад, вале махлуқони дигар не.

– Дунёдорӣ?

– Дунёдорӣ мегӯӣ? Табартақсимҳо, марзбандиҳо ва боз ва боз бисёр чизҳои нодаркору даркорро инсонҳо ёфта баро-варданд…

– Дар бораи қазову қадар… Лекин Худо инсонҳоеро офаридааст ҷиҳати илм, хоб, ҳисоби аниқи риёзӣ битавонанд сарнавишти туро муайян кунанд, пешгӯӣ кунанд, албатта, аз рӯи асноде чун шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома, рақамаш, соли таваллуд, моҳ, рӯз, ҳатто илм ин чизро исбот кардааст. Дигар он, ки мисол ту имрӯз барои он дуторчӣ ҳастӣ, ки замоне ягон пуштат дуторнавоз буд. Ё яке гунг бу-данаш аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ниёгонаш кадоме гунг гузаштааст. Безурётӣ низ беҳуда нест, маншае дорад…

– Замин кӯрашакл мегӯянд.

– Ту, Рӯдакиро хондаӣ, албатта. Ин пири хирад ҳанӯз ҳазор сол пеш гуфта буд, ки чашмранг аст Замин. Як дар оина ба худ нигар. Чашм дарозрӯя аст. Ду гӯша танг, миёна васеъ.

– Зӯру нозӯр…

– Як пора гӯштро бигиру дар офтобрӯя гузор ва чанд рӯз мушоҳида кун. Аз гӯштҳо кирмҳо бихезанд ва якдигарро бихӯранд. Дар охир як навъ зӯртараш мемонад, ки ӯ ҳам маҳв мешавад. Аз ин чиз маънӣ бардор: «Роҳи ҳама сӯи фа-ност. Аз ин рӯ, хоксор бош, заминӣ бош. Аз худ марав, ба дунё дил мабанд, зулм макун, адлгустарӣ пеш гир.»

Мирзоаҳмад дарро кушода таъкид кард:

– Соати 21 баркро мекушанд, дар тараддуди хоб шавед.

– Дар воқеъ, барқ ҳам проблема шуда монд. Аз ҳисоби 8 соати муқарраргардида 2–3 соат duздида, ба чойҳои дилхоҳашон медиҳанд,–гуфт Рамазон.- Дар даврони шӯравӣ ин номаъқулиҳо набуд.

– То кай давом мекарда бошад ин асаб вайрокуниҳо?-

суол дод Шоҳруххон, ки дастархонро бардошта бо Шораҳим ҷои хоб мегустурд.

Рамазон ба маънои «кӣ медонад?» китф дарҳам кашид…

* * *

Субҳ надамида Шоҳруххону Рамазон ба мошине, ки ҳар рӯз аз шаҳраки Сари Дуоба нақбсозонро саҳар оварда боз шабҳангом мебурд, савор шуданд.

Мошин аз коргарон пур буд.

Чун мошин ба поёни Шахи Зиёрат расид, яке аз оина ба берун, ки акнун сафед мешуд, нигоҳ карда, бо таассуф гуфт:

– Ҳамин қитъа роҳро нимкора партофта рафтанд–дия!

Шоҳруххон гуфт:

– Маблағро баҳона карда, роҳсозон тахтаву тиракашонро то соли нав ғундошта мондаанд. Шодибойи пармагар канӣ? Дар се моҳ 200 сомонӣ пул додаанд. Корро партофту рафт. Ҳол он ки чанд моҳ пеш дар ин ҷо кори роҳсозон чӣ ҷӯшу хурӯше дошт.

Рамазон гуфт:

– Роҳсозон мутааллиқ ба кадом идораанд?

Шоҳруххон гуфт:

– Мегӯянд ки идораи «Зарафшонроҳ».

– Магар нирӯе ҳаст, ки корро ба қафо мепартоянд?-суол кард кадоме ки дар курсии қафо менишаст. – Маблағ нест, маблағ тамом шуд, мегуфтагиҳо оё фикр мекунанд, ки бо ин рафторашон ба миёни пешравӣ лагад мезананд? Инро чи хел бояд фаҳмид?

То соли нави мелодӣ ду–се моҳи дигар ҳаст. Дар ин муддат хеле корро анҷом додан мумкин мебуд,–гуфт Рамазон. Масъулони бемасъул боз чи баҳона пеш меоварда бошанд?- ба гуфтугӯ хотима дод Шоҳруххон.

# БОБИ НӮЗДАҲУМ

Асадҷон нағз дар хотир дорад. Соле пеш, аниқтараш моҳи октябри соли 2004 милодӣ буд. Ӯро модараш дида ба талвоса гуфт:

– Баччем, ин чи омадан аст? Бо азоб қабул шудиву боз нимкора партофта омадӣ?

Асадҷон гули ханда гирди лабон гуфт:

– Э оча, очаи ширин, медонӣ дар тарафи мо чи шуда истодааст? Охир нақби Уштур пурарзиштарин падида аст барои мо, мардуми Фон. Дар чунин як маъракаи муҳим дар канор бошем, намешавад–дия. Дил мехоҳад, ки дар ҳамин объекти президент қатори дигарон кор кунам.

– Дар бораи хондан аввал фикр кардан даркор, сонӣ кор мешуд.

– Дар бораи хондан? Аз ин ҷиҳат хавотир нашав, оча. Баччет ҳанӯзам донишҷӯи курси саввуми факултаи муҳосиб–аудисти донишгоҳи тиҷоратии пойтахт аст. Ҳам мехонад дар ун ҷо, ҳам кор мекунад дар ин ҷо, дар пеши чашми ту.

– Мебинам ки азмат қатъист. Лекин худатро эҳтиёт кун. Моргазида аз ресмони ало метарсад, мегӯянд.

– Охир ман кӯдак нестам, оча.

– Падарат ҳам кӯдак набуд. Дидӣ, чи шуд? Вай…–гиря гулӯгираш кард, ки давоми суханашро гуфта натавонист занак.

Асадҷон ба хаёл рафт. Дилаш ба ёди падари ҷавонмаргаш хаёле гум зад. Бо як эҳтиросе пичиррос зад: «Оҳ, падар!»

Модараш ҳанӯзам ашк мерехт. Худро доштанӣ мешуд, нирӯяш намерасид. Ахиран, илоҷе карда ки вожаро гуфта тавонист:

– Охир барои мо гарон буд, сангин буд он рӯзҳо. Кӣ гумон дошт, ки саҳар ба пои равони худаш ба кор мераваду бегоҳ мебиёрандаш… Фоҷиае шуд, ки то имрӯз дар деҳа ёд

надоранд чунинашро. Қишлоқ аз ин зарбаи мардкуш таконе хӯрд, мардумаш ба фарёд омаданд…

Падараш Муллоҳусин дар шахта, дар таги замин кор мекард. Таркишгар буд. Музди хуб мегирифт. Болои сарашон падар буд, саробон буд, ғам надоштанд, камиро эҳсос намекарданд. Гул мехӯрданд, гул мепӯшиданд. Ҳамон рӯзи наҳс дар басти дуюм кор мекунад. Аз беэҳтиётӣ буд, ё аз беназоратӣ, ки Муллоҳусин ҳадафи таркиш қарор гирифт. Оварданаш. Фиғони аҳли хонавода баланд шуд ва то ба дилҳову ҷонҳои мардум расид. Хурду калони деҳа мегирист. Фарёди ҷонхароши ишон ҳатто дарахтону буттаҳои гирду атрофро мегирёнд. Гунҷишкакон дар шохсорон чуруқ–чуруқ карда сугворӣ доштанд. Мегуфтед, ки рӯзи арасот аст. Он вақт Асадҷон яксола дар гаҳвора буд, хабар надошт аз ин рӯйдод, ки ба хонадонаш шикасти боризе омада. Ду бародару як апааш чун чӯҷаякони ба ҳаросафтода яқин домани модарро гирифта, баробари ӯ мегиристанд, ҳарчанд, ки аз асли воқиа дуруст иттилоъ надоштанд. Модар ҳарзамон мӯканону рӯканон ба навҳа медаромад, ки: «Чи хел дилатон шуд, ки моро партофта рафтед? Аз рӯи Асадҷон сер нагашта ба куҷо меравед? Ин сафари бевақтӣ чи лозим буд? Оҳ, алам, сад алам, ки хонаам вайрон шуд. Баччаҳом сағира монданд! Қоматамро хам кардед, падараш!»

Падараш Муллоҳусин он замон сиюяксола буду модараш бисту панҷсола. Айни сабзиши ҳарду, айни ормоншиканҳо яке рафту дигаре дар ҳасрати вай обу адо гашт…

Модарашон фарзандҳоро калон кард.

Асадҷон ошиқ буд ба духтаре…

* * *

Одатан духтарони зебо серошиқ мешаванд.

– Ҳамту…

– Ту чӣ?

– Ман? Ман…

– Аз ҷавонҳо кӣ маъқулат буд?

механдад.

– Чаро хомӯш ҳастӣ?
– Худе ки намедонӣ.
– Хайр, бигӯ.
– Чӣ ман ба ту шахси ҳисоботдиҳандаам?
– Мехоҳам аз ту бишнавам, ки…
– Намегӯям. Аслан медонӣ–чӣ? Айб аст, ки…
– Чӣ?
– Гапи дигар надорӣ, ки ин қадар ҳарза мехонӣ?
– Хайр, ба фикрат марди зебо кист?
– Ҳамоне ки чашми зебо дораду нигоҳаш ҷаззоб аст.
–А?..
– Ҳамин хел, ҷонакам!
Ширин–ширин хандидаву хиромон рафт духтар.
Асадҷон танҳо монд дар лаби ҷӯ, таги беди баланд.
Мурғаке дар шохи бед нишаста ба хониш даромад.

*Ин беди баланд дар лаби ҷӯ бошад,*
*Ин баччаро бин, ки ёраки ӯ бошад.*

Бачча ёраки ӯ? Чи мегӯяд ин мурғак? Девона нашудааст–ку?!

Асадҷон дар лаби ҷӯ нишаст, шохаи пудинаеро канда бӯй кард. «Чи бӯи хуш!»- пичиррос зад ӯ.

Боз мурғак ба наҷво гуфт:

*– Дар лабаки ҷӯ буттаи пудина бирӯст,*
*Ошиқ шудай ин бачча, ки ошиқӣ накӯст.*

Ҷавон хесту шохаки бедро шикаст, ки мурғак ба фарёд омад:

*– Ин шохаки бед аз алам хамёза кард,*
*Ошиқ буданашро кӯ ба кӯ овоза кард.*

Ошиқ канори бед, рӯи сабзаҳо паҳлӯ зад ва аз мурғаки сари шох чашм наканда, ба фикр фурӯ рафт. Ин духтарро

ҳеҷ фаҳмидан нашуд. Чашмонаш механдаду лабонаш «не» мегӯянд. Ин чӣ бало аст?!

… Сонӣ шодии арӯсӣ барпо гашт. Ҷанон духтарро ба занӣ гирифт. Ҳолиё, хонаи обод доранду фарзандҳои асил Насимҷон, Анисҷон, Ганҷина.

– Кай меравӣ ба нақб?- ӯро аз қайди андешаҳо раҳонид ҳарфи модар.

Асадҷон гуфт:

– Пагоҳ ният дорам. Дар кадом ҷабҳа ба кор монанд, не намегӯям

– Фақат таркишгар нашав, ки ман метарсам.

– Боз ҳамон гап.

– Куҷо кор кунӣ, худатро эҳтиёт кун,–таъқид кард модар.

– Ана, ҳамин хел бародар, солест, ки дар нақб кор мекунам,– гуфт Асадҷон ва афзуд.- Чи хеле ки дидӣ, дар нақб гурӯҳи арматурбандҳо, битонрезҳо, қалабсозҳо, кафчиҳо ҳастанд. Дар басти рӯзона кор мекунем, баъзан дар басти шабона. Шароит хуб, бо маолеҳ ва лавозимоти зарурӣ таъминем. Ҷиҳати хӯрок ҳоҷати гап нест. Оиди бехатарӣ аҳамияти калон медиҳанд. Боз хуш аст, ки то ҳол ҳатто аз бинии ҳеҷ кас хун наомадааст. Бо ту Фарзон, Навоӣ, Толеъ (аз Такфон ҳар сеяшон) кор мекунанд. Ҳоло дурусттар шинос мешавӣ. Одамони хуб ҳастанд, мутахассис, Хӯҷамуроди душанбегӣ масъул буда. Корфармои мо аст.

Рамазон, ки бо камоли хотир нақли Асадҷонро шунида буд, гуфт:

– Қиссаи ман ҳам дароз аст. Нахуст омӯзгор бурдам дар Душанбе, дар Қурғонтеппа. Як бор ба дасти силоҳбадастон афтодам, бо кӯмаки як кас озод шудам. Душанбе омадам, ки ҳамсарам Моҳонаро, ки дар қадаш кӯдак дошт, паррондаанд, модарашро ҳамчунин куштаву ба ҳавлӣ даромада нишастаанд. Сонӣ сарамро гирифта ба Руссия рафтам ва ҳоло ана, бо шумоён дар нақб ба ҳайси як битонрез кор мекунам.

– Ба ростӣ, сардор оқои Конунӣ сахт гирифтааст корро. Як рӯз ба кор дер мондӣ, се рӯз маошатро хат мезанад. Ду рӯз нестӣ, тамоман аз кор мураххасӣ мекунад. Ба қадри як

дақиқа мерасанд эрониҳо. Аз ин рӯ, корҳо дар нақб пешрав аст.

– Дуруст мекунанд,– гуфт Рамазон.- Ба фоидаи мо ҳам ҳаст ин корашон. Ҳамту не?

– Ҳа,– тасдиқ кард Асадҷон.- Ин нақб таҳти назорати президент аст. Сармоядорони хориҷӣ диққат дода истодаанд. Будӣ ин саҳар, дидӣ, ки сармуҳандиси бахшҳои битонрезӣ, қолаб, арматарбандӣ эронӣ Зинҳор Ғулом ба ҳар кадом ҳаҷми корро муайян кард, фаҳмонд. Ҳар рӯз ҳамин хел аст. Бо мо аст. Анҷоми корро ҳам дидан мекунанд. Мувофиқи кор музд медиҳанд. Чун Зинҳор Ғулом ба мураххасӣ биравад, ба ҷои ӯ сармуҳандиси дигар Ваҳҳобӣ ҳаст. Назари эшон нисбати мо, мутахассисони тоҷик хуб аст. Аввалҳо бар он буданд, ки дар корҳои нақбсозӣ мушкилиҳо пеш меояд, яқин тоҷикон уҳда карда наметавонанд, зуд ёд намегиранд ва ғайра. Лекин диданд, ки мо омодаем дар ҳама самтҳо: байни мо ҷӯшкор (сварчик), (синакор), (барқчӣ), (битонкор), (проходчик)-ҳои хуб бисёр ҳастанд. Охир мо ҳамту наомадаем. Аз экспидитсияи ҷустуҷӯии Моғиён, аз комбинати маъдантозакунии Анзоб, аз Данғара тайёр шуда омадаем, таҷриба дорем. Ҳарзамон сармуҳандисон корҳои хуби моро дида мегӯянд, ки дар куҷое бошем, ба куҷое равем, хоҳ ба Роғун, хоҳ нақби Шаҳристон шумоёнро бо худ мебарем. Ҳар гоҳ аз Эрон китобҳои Қуръони шариф оварда, ҳадя мекунанд. Дар тӯйҳоямон ширкат меварзанд.

– Охир бегона нестанд, ҳамзабон ҳастанд, ҳамдин ҳастанд,–гуфт Рамазон ва дар дил хурсанд шуд, ки хуб аст ба ишон кор мекунад.

– Техникаи эронӣ ҳам техника–дия!- гуфт ҳамчунин Асадҷон ба нақлаш идома дода.- Осонгари кори мояст.

– Наппа нав ки ҳаст техника, бемалол кор мекунад. Ҳоҷати таъмир набошад ба он,– ҳамроҳ шуд ба суҳбати ин ду Султони Мир. Асадҷон Султони Мирро дар болои сараш дида, аз ҷой ковок шуд:

– Биёед, акои Султон, биёед.

– Халал намерасонам ба суҳбататон?-бо табассум гуфт Султони Мир ва бо ҳар ду вохӯрдӣ карда, қаторашон нишаст.

– Акои Султон, ин кас Рамазон, коргари нав, дар гурӯҳи битонрезҳо кор мекунанд,– шиносонд Рамазонро ба Султони Мир Асадҷон ва ҳамзамон ҷониби Рамазон гуфт:

– Аз Пои Мазор ин кас. Дар нақб таркишгар ҳастанд. Бо Шоҳруххони ҷӯраат як ҷо кор мекунанд.

Султони Мир гуфт:

– Аввалҳо дар Экспедитсияи Моғиён кор мекардам. Сонӣ, дар комбинати Анзоб тарконанда будам. Сеюм моҳ аст, ки дар нақб таркишгар ҳастам. 16 кас кор мекунем, Шоҳруххон ҳам бо мост. Баъзан дар басти рӯзона баъзан дар басти шабона, имшаб навбати ману чанд каси дигар аст, кор мекунем. Исфандиёри Алӣ аз Эрон буда, муҳандиси мо таркишгарон аст. Мардаки хуб аст. Моро ҳини дору ҷой кардан, паррондан балад аст. Он ҷое ки намефаҳмем, нишон медиҳад.

Асадҷон ҳарфи рафиқашро тақвият дода гуфт:

– Пештар дар як шабонарӯз як бор метарконданд. Баъди эронҳо омадан чор бор парма мекунанд, чор бор метарконанд, чор бор мо битон мерезем, араматур мебандем, қолабкорӣ мекунем. Ин андак гап нест!

Боз хеле суҳбат карда шиштанд дар офтобрӯя. Баъд Асадҷон гуфт:

– Дидед, мошин омад, ман баччаҳоро фармоям, арматур бор кунанд.

– Ҳа, мо ҳам каме дам гирем, қариб ки вақти кори басти шабона наздик аст,–аз ҷой хест Султони Мир.

Рамазон аз паси Асадҷон рафт, ки дар бор кардани арматур ба бачаҳо кӯмак кунад…

* * *

Пеш аз хӯроки шом, ки ҳанӯз вақт буд, Асадҷону Рамазон тарафи нуқтаи нигоҳдорӣ равон шуданд. Дар он ҷо майори мустафъӣ Холиқбердӣ бо Эшони Такфонӣ, ки аввал муаллим буду сонӣ, ба нақб омада, ба сифати таркретчӣ шаху шахпораҳоро таркрет мезананд кор карда рузҳои охир касбашро дигар карда буд ва бо Ризоқули Мастони Урметанӣ ифои вазифа менамуд.

Вақте ки ҳар ду ба он ҷо расиданд, Холиқбердӣ борхалтаҳои чанд коргарро тафтиш карда, ҷониби яке мегуфт:

– Ин чӣ аст? Куҷо мебарӣ? Эй, мардак, дар ин ҷо аз Шинг, аз Фалғар, аз Фон, аз Данғара кар мекунанд. Мақсади мо ҳамин аст, ки ягон чизи коргоҳ беҳуда сарф нашавад. Ягон кас хиёнат накунад. Аз окои Қонунӣ қоғаз дошта бошӣ, марҳамат бубар. Лекин ин хел намешавад. Бидон, ки мо ин ҷо ҳамту нанишастаем. Ин ҷо сохтмони ҳукуматӣ аст. Мо бехатарии эрониҳоро умуман, тамоми нақбсозонро муҳофизат мекунем. Аз ин рӯ, бояд шумоён моро дуруст фаҳметон. Ҳа, бародар, ба ту мегӯям. Он чӣ гирифтаӣ, бурда ба ҷояш мон. Ин дафъа огоҳӣ, дигар такрор шавад, ба сардор арза мекунем…

## ОБИ БИСТУМ

Оқои Қонунии эронӣ қаблан ҳокими яке аз вилоёти Эрон буда, равиши кораш, сахтгириаш ба он далолат мекард, ки дар риштаи роҳбарӣ беҳамто аст. Баъди омадани ӯву дигар мутахассисони эронӣ чун сармуҳандисон оқои Зинвор Ғулом, оқои Заҳҳобӣ, оқои Исфандиёри Алӣ ба нақби уштур кор ранги дигар гирифт. Заводи хурди семент омехтакуниро аз Зимарғ ба қарибии даҳони нақб кӯчонданд. Аҷоиботи дигари кор дар он буд, ки андаруни нақби ҳаводаро хати барқ кашида бо қувваи барқ анҷом медоданд. Ба коргарон ҳоҷат набуд аз чароғи дигар истифода кунанд. Тугмаро зер кардан кифоя аст, ки техникаи кӯҳбур панҷа ба бадани кӯҳ бизанад ва тири парма то ҷигари он бирасад. Тири пармаро кашида гирифта, сӯрохиро тоза карда, ба миқдори муайян дору ҷо мекунанд, даҳонашро мебанданд, то аз ҳад зиёд таркиш атрофро фаро нагирад. Баъд битонрезӣ, арматурбандӣ, қолаббандӣ… Ҳатто хӯроки нисфирӯзиро дар худи беруни нақб ташкил кардаанд рӯзҳои охир. Охир, ҳар дақиқа ғанимат аст. Барои оқои Қонунӣ вақт пул аст. Боре нақбсозон фаҳмонданд, ки иди Наврӯз аст, бояд онро ботан-

тана қайд бикунанд. Розӣ нашуда гуфт:

– Барои мо мӯҳлат, ҳаҷми кори иҷрошуда муҳимтар аст, на ҳар гуна ташкилиҳо. Агар дилатон мехоҳад, ки иди миллиатонро хуб таҷлил кунед, марҳамат, баъди кор, айни соатҳои фароғататон, на дигар вақт.

Оқои Қонунӣ аз он, ки ба Тоҷикистон омадасту дар нақби Уштур бо мутахассисони тоҷик кор мекунад, хуш аст. Пушаймон нест. Масрур аст, ки дар бунёди ин нақби барои мо муҳим ҳисса дорад. Аввалҳо тафаккур мекард, ки бо тоҷикон кор кардан осон набудагист. Онҳо куҷо донанд нозукиҳои кори нақбканиро. Мутахассис нестанд. Вақти бисёре лозим аст, ки ба ишон биомӯзонӣ. Бале ин тавр набудааст. Аз рӯзҳои нахуст тоҷикон нишон доданд, ки бо забони ин соҳа ошноянд. Бо собиқаи корӣ омадаанд, осон «ҳал» мекунанд ҳама мушкилоти пешомадаро…

Оқои Конунӣ баъзан бо ҳайрат ба худ мегуфт: «Ин тоҷикон модарзод нақбкананд, ё ин ҷо ягона сирре ҳаст?» Чи гаронҷонанд! Фарҳоди кӯҳкан пеши ишон бечора аст. Табиаташон ин мардумро ба ҷое расонда дар риштаҳои битонрезӣ, пармагарӣ, таркишгарӣ, умуман кӯҳканӣ. Охир бинед, ҳавои хуш, оби зулол, кӯҳҳои баланд, марғзорони сабзро. Пас чаро инҳо ҳунарманд набошанд? Ин мардум камбизоат бошанд ҳам, ҳар гуна сахтиро ба худ намегиранд. Саволҳо муаммоанд лек. Ҳеҷ чиз надоранд, ҳама чиз доранд! Ба хонаашон меҳмон шаведу бинед–дия! Худ намехӯранду ёфтагиашонро пеши меҳмон мебароранд.Фикр надоранд, ки пагоҳ чи мехӯранд. Бо як назар гуфтан мумкин аст, ки дар таги ин кӯҳ чӣ аст, вале фаҳмидан мушкил аст мардуми тоҷикро. Дар тан ҷомаи фарсуда дорад тоҷик. Назарногир аст. Миёнаш хам, мегӯӣ, ки ҳамин замон ба санге пешпо хӯрда меафтад. Не! Ҳамин ки бари ҷомаашро такконд, ганҷи Қорун мерезад. Ёбу гир! Бо маоши кам қаноат мекунад. Тамоми вазниниро ба дӯши худ мегирад. Сахт биёӣ, қабул мекунад, гапгардонӣ намекунад. Пардадаррон нест, аммо гармхуниву мӯшикофӣ дорад. Таҳаммулаш ба ҳадде ки дили санги хороро об мекунад. Тоҷики эрони табори ман! Худаш

соф орёӣ, таҳаммулаш орёӣ, хираду хилқаташ орёӣ. Чеҳраҳо ошно, қалбҳо ошно, дардҳо ошно… Сарзаминаш ошно ба Озорбойҷони Эрон аст, аз ин рӯ, Тоҷикистон бӯи Эрон мекунад.- Баъди анҷоми нақб чи хел метавон аз ин мардум дил биканад!..

* * *

Касе халқа ба дар зад.

Лайло тарафи модараш, ки ба чокдӯзӣ машғул буд, гуфт:

– Касе пушти дар аст.

Офоқ гуфт:

– Духтарам, баро бин, ки кист? Чӣ мегӯяд?

Лайло саркашӣ кардан хост:

– Ман… мумкин аст, ки марде бегона бошад.

Модараш гуфт:

– Марди бегона мегӯӣ? То имрӯз наомад, акнун меояд? Роҳи хонаашро магар гум кардааст, ки ба хонаи мо меояд? Не, ошно будагист.

Офоқ худ рафту дарро кушод.

Пушти дар додарарӯсаш Мирзомурод меистод.

Салому алейк карданд. Офоқ гуфт:

– Даро, даро, дар дами дар рост наисто.

Даромад Мирзомурод.

Офоқ кӯрпача густурд, болишт монд.

– Канӣ, канӣ, додарзодаҳои ширин, чи хелед? Зиёратҷон, хуб ҳастӣ? Калонак шуда мондаӣ,– бӯсид аз ҷабини додарзодааш ва баъд ба рӯи кӯрпача нишаста, омин гирифт.- Тани сиҳат, хотири ҷамъ, оқибат ба хайр!

Мирзомурод як ба гирди хона чашм давонду боз ба додарзодаҳояш, ки хомӯш нишаста буданд, рӯ оварда бо таассуф гуфт:

– Духтарҳо қадрас шуда мондаанд. Зиёратшоҳ ҳам калон шудааст. Акоям ношукр аст, ки инҳоро партофта рафт.

– Чӣ кунем, ки тақдир чунин будааст,–ҳасрат кард Офоқ.

– Гуш кунед, янга,–ба сари мақсад омад Мирзомурод.-

Ман нияти писарамро хатнасур кардан дорам. Ҳафтаи дигар, рӯзи якшанбе тӯй. Якбора дасти Зиёратшоҳро ҳам ҳалол кунем гуфтам. Шумо чӣ мегӯед?

– Охир чи хел мешавад? Як дирам ҳам пули пасандоз надорам. Баъд халқ чи мегӯяд?

– Ҳарчи иловагӣ намешавад. Якҷоя мегузаронем тӯйро. Ҳама чиз аллакай тайёр аст. Эълон мекунем, ки тӯйи ҳар дуи баччаҳо. Халқ фаҳмад шуд. Ягон ҷои айб надорад. Зиёратшоҳ фарзанди бародарам аст, бегона нест. Суннатӣ карда монем то ба мактаб рафтанаш. Ният кардаам, ҳофиз мебиёрам. Аз нақб меҳмонҳо меоянд, бахусус эрониҳо. Ҳамон ҷо тавонам дар бораи ту гап мезанам ба онҳо, ё ба Рақибшоҳу Мақсудҷон, шояд туро ба кор бигиранд.

Офоқ тоқат накарда ба гиря даромад. Ашкрезон гуфт:

– Чи дили бузург дорӣ! Кош, бародарат низ ту барин мебуд.

– Ҳоло пушаймон мешавад аком. Мебинед, ана, ин хат кӯр нашавад,–хат кашид ба девор Мирзомурод ва аз ҷой хеста таъқид кард:

– Баъди ду рӯз рафта дар пухту паз ба занҳо ёрӣ диҳетон.

– Илоҳо, барака ёбӣ, Мирзомурод. Аз бачаҳот бинӣ,–гуфт ҳини гусел аз қафои додарарӯсаш то роҳрав баромада Офоқ.

Барои меҳмонон дар саҳни ҳавлӣ ҷой дуруст карда буданд. Ба ҳар кат як касро масъул гузоштанд, то ба меҳмон ба таври шоиста хидмат кунад. Мӯйсафед барои хушомадед истоданд. Ҷавонҳо байни саҳна равуо доштанд: яке чойники чой барад, дигаре нӯшокӣ тақсим мекард, саввумӣ хӯришҳо меоварду чаҳорумӣ кабобу дигар хел таомҳо. Боз назораткунандаҳо ҳам буданд, дар кадом ҷое ки камбудиро мушоҳида мекарданд, зуд паиислоҳи он мешуданд. Баранда эълон кард, ки тӯи хатнаи Дороб ва Зиёратшоҳ аст имрӯз. Абдуллои Султон аз Душанбе омадааст, то базмро бо суруду навояш гарм бикунад.

Ҳофиз таҳти кафкӯбиҳо ба саҳна баромада чанд суруд хонд. Баъд дар мобайни саҳнае гилем партофта Доробу Зиёратшоҳро либоспӯшок карданд. Сонӣ ҳофиз Мустаҳзоди

Туғралро сароид:

*Эй акси рухат ҷон диҳад оинаи дилро,*
*чун мӯъҷизи Исо!*
*Тӯтӣ шуда ҳайрони суханҳои ту, ҷоно,*
*бо он лаби гӯё!*
*То бо қади шамшод гузаштӣ сӯи гулшан,*
*қумрӣ ба фиғон шуд,*
*Наргис паи наззора шавад дида саропо,*
*аз баҳри тамошо!*
*Аз шарми ҷамоли ту шуда Юсуфи мисрӣ,*
*дар зовияи чоҳ,*
*Савдои ту доранд ба сар Вомиқу Узро,*
*танҳо на Зулайхо!*
*Пероҳани гул дар чаман аз шавқи ту чок аст,*
*аз фурқати рӯят,*
*Хун баста дили ғунча зи лаъли ту ҳамоно,*
*чун бода ба мино!*
*Туғрал ба хаёли сари зулфи ту асир аст,*
*растан натавонад,*
*Занҷир бувад ҳар сари мӯ пои ҷунунро,*
*з–он зулфи мутарро!*

Базм метафсид.

Рамазон бо Шоҳруххон, Асадҷон ва чанд ҷавони дигар дар кате нишаста, гӯш ба овози ҳофиз додаву чашм аз ҳаракатҳои мавзуни раққосаи камарборик намеканд. Пиёлаҳои май даст ба даст мегашт. Рамазон ҷониби ҳамқадаҳҳояш бо ишора фаҳмонд, ки як ба берун баромаданаш даркор аст.

Рамазон дар канори саҳна рост истода, сигореро даргиронд ва ба атроф нигарист. Баногоҳ ҷавонзанеро дид, ки ба назараш шинос тофт. «Дар куҷо дида будам?»– пурсид аз худ ва зери лаб гуфт: «Охир муаллима–дия! Сабил монад, қариб фаромӯш кунам.» Муаллима ҳам ӯро шинохт, ки лабханде кард ҷонибаш.

Баъди чанде ҳар ду дар гӯшае, дур аз одамон ба ҳам вохӯрданд. Аз якдигар ҳолу аҳвол пурсиданд.

Рамазон ҳеҷ наметавонист аз қаду қомати зебои муаллима, рухсораҳои тару тоза ва чашмони ҳамеша хандонаш нигоҳашро кунад. «Ё тавба, чи қадар сол гузашту ҳанӯзам чун пешина тароват дорад?! Пир шудааст, баръакс пурратару дилработар гаштааст», - андешид дар дил.

Дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент мехонданд онҳо. Он солҳо акнун ба хондан рафтани духтарони кӯҳистон ба ҳукми анъана медаромад. Ба ин духтарони зебои кӯҳистонӣ, ки дар тан куртаҳои атлас доштанд, шаҳриҳо ба ҳавас нигоҳ мекарданд. Барои ин духтарон қариб ки ҳар бегоҳ байни бачаҳои қишлоқу шаҳриҳо занозанӣ рух медод. Ин муаллима бо фасониаш аз дигар духтарон фарқ карда меистод.

Рамазон хаёле он рӯзҳоро ба хотир овард. Бисёр вақт нисбати ин муаллима, ки он вақт духтари хуршедмизоҷу моҳрухсор буд, фикри хуб надошт. Мегуфт, ки духтарро гапу амалаш як нест. Бо дигарон дар хандоханд буд, бо ишон ба кино мерафт, ки намефорид ба ӯ. Баъдан ақидааш тағйир ёфт. Бо худ ба баҳс медаромад: «Исто, Рамазон, магар дар паҳлӯи ту наменишаст? Хайр чӣ?» Боре дар хотират ҳаст? Ба деҳаат рафтанӣ шудӣ. Мошин дер омад. Ногоҳ ин духтар бо дугонаҳояш пайдо шуда фаҳмид, ки ҷониби деҳаат азми сафар дорӣ, гуфт: «Шумо наравед». Баъд мошин омад, ту савор нашудӣ. Пагоҳ фаҳмидӣ, ки мошин ба садама дучор гаштааст. Рост, ҳамин хел буд. Сонӣ тақдир онҳоро ба ҳар роҳ бурд… Баъди 30 сол рӯ ба рӯ омаданд.

– Алҳол дар куҷо кор мекунед?-ин суоли муаллима ӯро ба олами воқеӣ овард. Гуфт бо осемасарӣ:

– Дар нақб, битонрез шуда кор мекунам.

Муаллима гуфт бо хушнудӣ:

– Бисёр хуб. Аз ҳоли мо хабар гирифта истед…

Муаллима рафт.

Рамазон аз паси ӯ хеле нигоҳ карда истоду пасон сӯи кат гом бардошт.

Базм дар арафаи анҷомёбӣ буд. Аллакай меҳмонони

эронӣ хеста рафта буданд. Дигарон ҳам ноаён саҳнаро тарк мегуфтанд. Шоҳруххон ҷониби Рамазон гуфт:

– Ба хона меравем.

Аз кат фаромаданд. Ин дам Холиқбердӣ пайдо шуда, онҳоро ба хонааш таклиф кард:

– Ташвиши зиёдатӣ нашавад,– таъқид кард Асадҷон, ки бо онҳо ҳамроҳ буд.

– Ҳа, фақат як пиёла чои кабуду афсонаи буду набуд,– розӣ шуд Холиқбердӣ.

Ҳама завқ карданд…

Мирзомурод аз пасашон то дами дарвоза омада гуселашон кард.

* * *

… Ҳофизу дастаашро мураххасӣ карданд.

Туйдорон наздиконашро нигоҳ доштанд, то таомули чукбурронро ба анҷом бирасонанд. Дар хонаи алоҳида ду ҷогаҳ густурданд. Зиёратшоҳу Доробро хобонданд. Мулло ояте хонда ба арвоҳи гузаштагон бахшид. Сонӣ устои чукбур асбобашро омода кард. Мирзомурод гуфт:

– Аввал Зиёратшоҳро навбат аст, сонӣ писарамро.

Ин дам Лайло нидо кард ашкрезон:

– Ин тӯйи хатнасури Зиёратшоҳ нест. Ҳа!

Офоқ, ки дилтаппон чашм аз Зиёратшоҳаш намеканд, тарафи Лайло шиддат кард:

– Ин тавр нагӯй. Раҳмат гӯй ба амакат, ки ба ҷои падарат ин кори хайрро пеш гирифтааст.

Касе ба пеши чашми Зиёратшоҳи хобида нон дошт. Усто таҳти шуои равшани лампаи даҳум теғро ба кор даровард.

Баробари гиряи Зиёратшоҳ нидои ҳама баланд гардид:

– Ҳуйдо, ҳуйдо! Муборак шавад! Муборак шавад!

Баъд ҳамин тавр Доробро ҳам бурриданд…

Мирзомурод гӯё, ки куҳи азимеро аз китф партофта бошад, худро хушҳол ҳис кард ва лабонаш беихтиёр ҷумбиданд: «Хайрият, ин қарзро адо кардам. То шодии арӯсии инҳо худо карим аст.»

Офоқ рӯзи дигар як бузро қурбонӣ карда, ба аҳли гузар дод…

## БОБИ БИСТУЯКУМ

Назирхон- раиси вилоят ин сафар аз марказ бо таассуроти на он қадар хуб баргашт. «Ба одамон бовар карда вазифа медиҳӣ, мансаб медиҳӣ, мебинӣ, ки ӯҳда карда натавониста-анд,- меандешид ӯ чашм аз вусъати шаҳр наканда.- Ба ростӣ, аз амали зеридастонаш дар риштаи маориф дар ҳиҷолат монд пеши сардори давлат. Дар ин машварат гап дар бораи илму маориф мерафт. Президент басо ҷиддӣ буд, ҷиддӣ ҳарф мезад.» Ба мо мактубҳои зиёде аз тариқи сайти президент, телевизион расиданд. Мардум бо як ташвише аз амалҳои номатлуби роҳбарони мактабҳо, мудирони шуъбаҳои маориф хабар медиҳанд,–мегуфт президент, маълум ки нуқсонҳо бисёранд дар ин самт. Порахурӣ, сӯистеъмол аз вазифа, дағалӣ, беадолатӣ… Ин чӣ гап? Навиштаанд, ки сардори идораи маорифи вилоят аз мудирони шуъбаҳои маориф пул, тухфаҳо мегирифтааст, мудирон аз директорон, директорон аз муаллимон, муаллимон аз хонандаҳо… Мудири шуъбаи маорифи шаҳри Истаравшан қаблан муаллимаи синфҳои ибтидоӣ буда, маълумоти қазоӣ надорад… Компуторҳо дар утоқҳои кории директорон барои намоиш гузошта шудаанду хонандагон аз он истифода намебаранд.. Ректору проректори ин ё он донишгоҳ ин кардааст, он кардааст… Омӯзгорон панҷ–ҳафт моҳ маош нагирифтаанд. Бештар аз ҳама мактуби мудирони як қатор шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки дар он сардори идораи маорифи вилоят маҳкум карда мешуд, ба ӯ сахт расид. Ба ин мардак бовар кардам, бубинед чи шуд… Вилояти калон бошад. Ба ҳама тарафи кор имконияти расидан намешудааст. Ба ин соҳаи афзалиятноки давлатӣ рӯ овардани президент беасос нест. Бо намояндагони соҳаи илму маорифи вилоят вохӯрда, дурустакак гапзанон кардан лозим аст. Дар ҳошияи қарорҳои маҷлиси умумиҷумҳуриявии аҳли маориф, ба вижа

эродҳои роҳбари кишвар тадбирҳои мушаххас андешида, паиислоҳи нуқсонҳо бояд бишавем. Нахуст, масъалаи кадрҳо пешорӯямон бояд бошад. Дар воқеъ, оиди ҷобаҷокунии кадрҳо бо камбудиҳо роҳ додаем, - иқрор шуд Назирхон.- Худам шахсан дар мактабҳо мешавам, раисони шаҳру навоҳӣ низ. Ҳеҷ не ду-се мактабро бояд дидан кунем.

* * *

Баъд аз он ки гузориши мустақими таҳиягарони оинаи нилгунро аз маҷлиси умумиҷумҳуриявии аҳли маориф тамошо карданд, пиромуни он аҳли нишаст мусоҳиба анҷом доданд.

Шоҳруххон гуфт:

– Агар сайти президенту намоиши телевизионӣ намебуд, ҳеҷ гоҳ рӯ намезаданд ин нуқсонҳо. Боз пинҳон медоштанд, онҳое ки худро дар маҳалҳо намояндаи президент маҳсуб мекарданд. Ин сайт бо ташаббуси худи президент рӯи кор омад, то бо мардум дар тамос бошад.

– Рамазон гуфт:

– Пештар шоҳҳои одил медонистаанд, ки арзи бечораҳо то ба унҳо намерасад. Аҳли дарбор садди роҳ мегарданд. Аз ин рӯ, дар майдон хайма зада ба арзомадагонро қабул мекардаанд. Президенти мо низ ба ҳамин хотир сайти худро ташкил карданд. Ана, имрӯза маҷлис меваи нахустини он аст.

Асадҷон гуфт:

– Президент ҳатто раисони вилояту шаҳрҳоро рост карда, хушдор доданд, ки дар ҳама ҷо камбудиҳо ҳаст, зиёдтар… Кадрҳоро на хоста, балки санҷида гиред гуфтанд.

Рамазон гуфт:

– Масъалаи кадрҳо кори ҳазл нест. Дар куҷое хондам, ки сабаби аз байн рафтани давлати муқтадири сосониёнро ба сари кору вазифа омадани фардҳои ноқобил арзёбӣ кардаанд. Шӯравӣ чӣ? Коммунистон ихтиёри мамлакатро на ба дасти зиёиён, ба вижа омӯзгорон, ба бесводон дода буданд. Омӯзгор наметавонист ба осонӣ аъзои ҳизб гардад, говдӯш ҳамзамон мегузашт. Котиби ҳизби ибтидоии деҳаи Работ як

зане буд, ки ҳатто маълумоти синфи ҳафт надошт. Пас шӯравӣ фалаҷ нашавад, чи фалаҷ шавад?

– Дар ҳакиқат ҳанӯзам ба масъалаи кадрҳо беаҳамиятӣ мекунанд. Бубинед: раиси шаҳраки Сари Дуоба ронанда аст, пас чи ҷои баҳс– гуфт Шоҳруххон.- Хаёл накунед, ки дар ноҳияи мо сардорони идораи маорифу иддае аз мактабҳо мусичаҳои бегуноҳанд. На, ҳазор бор зиёдтар пургуноҳтаранд. Падар директор, писар муаллим. Гуфтанд–ку. Звенои оилавӣ ташкил додаанд роҳбарони мактабҳо. Писармуаллим дар Руссия, падардиректор ба номи ӯ маош навишта, худ имзо карда мегирад. Баъд мегӯянд, ки бачча нодон.

Рамазон гуфт:

– Дуруст мегӯӣ, Шоҳруххон. Маошро баъди чор–панҷ моҳ медиҳанд. Директор худаш мебиёраду аз нӯгаш мошинпулӣ–гуён панҷ сомонӣ медорад. Ҳаштод муаллим панҷ сомонӣ диҳад чанд сомонӣ мешавад? 400 сомонӣ. Наход, аз қишлоқ то маркази ноҳия 400 сомонӣ сарф шавад? Бо ин пул метавонӣ ду бор аз Душанбе ба Хуҷанд рафта оӣ. Медонед, дирӯз бо рафиқам Даврон вохӯрдам. Гуфт, ки бо мошине то пости Хушекат омадам. Дар роҳ ронанда гуфт, ки дар бордон картошка ҳаст. Дар дидбонгоҳ мошинро доштанд. Бо исрори нозир ронанда бордонро кушод. Нозир халтаи пурро нишон дода пурсид: «Ин чи аст?» Ронанда гуфт: «Картошка». Нозир гуфт: «Ку, кушо, бубинем??» Ронанда кушод. Нозир гуфт: «Картошка гуфтӣ, о ин орд-ку!» Ронанда бо ранги канда ларзон-ларзон гуфт: « Картошка буд. Надонам ин орд аз куҷо пайдо шуда бошад?». Ронанда мошинро монда, оҳистакак ғайб зад. Омад пеши «шеф» ва воқиаро баён кард. «Шеф» ба куҷое занг заду баъд гуфт, ки раву мошинро гирифта биёр. Хонаро медонӣ, рост ба ҳамон ҷо. Аз қафои мошин нозирон омаданд, то бидонанд, ки мошин орди «Наҷоти кӯдакон»-ро куҷо мебарад. Сонӣ баргаштанд… Латифаи таппа тайёр. Шариф чӣ? Директор мегӯяд, ки аз лаби маошат панҷ сомонӣ парто. Шариф рад мекунад. Ин дам як ҳамкораш медарояд болои моҷаро, тарафи директор чашмак

зада, ба Шариф мегӯяд: «Ҳар рӯз ба панҷ сомонӣ арақ менӯшиву панҷ сомонӣ ба директор намедиҳӣ?» Директор мегӯяд: «Шариф аракро партофтааст, дигар наменӯшад.» Шариф аз ин ҳарфи директор мум барин мулоим шуда як панҷ сомониро рӯи мизи директор монда, аз утоқ мебарояд. Магар хандаовар нест?

Шоҳруххон гуфт:

– Маълумоти оламдорҳо дар кӯча гаштаанду директор бачаашу баччаи додараш, баччаи тағош, баччаи ҷӯраи язна-ашро, ки аз зинаи мактаби миёна баромада, ғоибона ба омӯзишгоҳ қабул шудаанд, бо кадом роҳе муаллим таъин кардааст… Бо ин ҳама «кордориҳо»-и зердастон боз «Шеф» дар кӯча монанди генералҳо мегардад, ҷома сари китф овезон, чор кас гирдашон посбон…

Ин дам Шерӯя, ки ширакайф буд, вориди хона шуд. Барои иззати меҳмон ҳама аҳли нишаст аз ҷой хестанд. Шерӯя бо онҳо сардакак вохӯрда, дар гӯшае нишаст ва такя ба болишт карда гуфт:

– Ҳамин ҳоло аз шаҳр меоям.. Дар роҳ бачаҳои БДА-ро гуфтам, мошини корманди муҳити зистро, ки Муҳаммадҷон мегӯянд, дошта хуб азоб доданд.

– Барои чӣ?-пурсид Холиқбердӣ.

– Кадом рӯз вақти шикори оҳувон аз куҷое пайдо шуда, пеши роҳамон ғавчӯб шуд. Ӯ намебуд, хеле шикор мекардем.

– Вазифааш ҳамин аст ӯро,- гуфт Шоҳруххон, ки дар ҳамон сафар дар мошини Муҳаммадҷон нишаста, воқифи ҳол гашта буд. Ҳамоно ба худ андешид: «Шерӯя дар куҷо буд он вақт, ки надидемаш?» Сонӣ, зери лаб пичиррос зад: «Шояд пинҳон шуда буд, ё дар соҳили муқобил ҳамоне ки худро ба паси бутта кашида буд, ҳамин Шерӯя буд оё?»

Шерӯя гуфт:

– Одамро бояд фарқ кунад. Ман писари Ҳусейн Зокир ҳастам, ки дирӯз раиси хоҷагӣ буду ҳолиё мудири шуъбаи ҳукумати ноҳия. Худи ман корманди вилоят.

Шоҳруххон пурсид:

– Ҷавобан ба таҳдиди нозирон чи вокунише нишон дод Муҳаммадҷон?

Шерӯя даст афшонд:

– Дӯғ зад, ки аз ин амали шумо ба ҳукумат иттилоъ медиҳам. Аз дасташ чӣ меояд?

– Бисёр чиз меояд, бародар,–гуфт Рамазон.-Ту бо онҳо бозӣ макун. Ту дар маъмӯнгоҳ шикор кардан хостаиву боз манманӣ мекунӣ? Ҷомаат ба пуштат мебиёд!

– Хайр, бало ба пасаш,–гуфт Шерӯя.- Аз нақб гап занед, ки дар он ҷо кор мекунед.

Рамазон гуфт:

– Ба қарибӣ нақби ҳавогузарро сӯрох карда ба итмом мерасонем.

– Барои чӣ якбора ҳардуяшро не?- пурсид Шерӯя.

– Нақби ҳавогузар ки канда шуд, кор дар нақби нақлиётӣ медавад,– фаҳмонд Асадҷон.

– Ҳамин нақб ба мо чӣ медиҳад? Фикр мекунам, ки баъди кушода шудани нақби Уштур нархҳо боло мераванд, ки бар зарари мардуми Айниву Панҷакент аст,– гуфт Шерӯя.

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ?- пурсид Шоҳруххон.- Баръакс аз ду тараф бор ба ноҳияи мову Панҷакент ворид мешавад. Мо ба суроғи ҳар гуна моли ниёзи мардум намеравем, бор назди мо, харидорон меояд.

– Равед ки хоб аст,–ба тариқи инкор сар ҷунбонд Шерӯя.

Рамазон гуфт:

– Чун нақб ба кор даромад, ба бизнеси ин кас латма ворид мешавад.

– Ту чи мелаққӣ?!- Тунд шуд Шерӯя ҷониби Рамазон чун фаҳмид маънии гапҳои ӯро.- Хар барин кор мекунед, пули сиҳат намедиҳанд, боз нақб-нақб гуфта шиштед.

– Ту худат чи кораӣ?- аланга гирифт Рамазон.

– Ман чи кораам? Якмоҳа пули шуморо дар як лаҳза меёбам– қоҳ-қоҳ зад Шерӯя.

Шоҳруххон гуфт:

– Медонем туро, қиссаатро Рамазон гуфта буд. Ба рӯи беномус туф кардаанд, гуфтааст, ки борон борид.

– Вай ҳунар-р–р!- аз ҷой хест Шерӯя.- Боз вомехӯрем, қаҳрамонҳо. Ба шумо дар дигар ҷо ҳисобӣ мекунам. Афсӯс, ин ҷо.

– Мо тайёр!-аз номи ҳама гуфт Рамазон.

Шерӯя баромада рафт.

Ҷӯраҳо дар хонаи Холиқбердӣ то дергоҳ нишастанду баъд хестанд.

Рамазон раҳораҳ тарафи Шоҳруххон гуфт:

– Аламаш зӯр баччаи раисро. То ҳанӯз оиладор нашудааст мегӯянд. Шоҳруххон гуфт:

– Не, аллакай ду бор хонавайрон шуд. Ба фикрам «дуд» ҳам медиҳад.

– Наход?- ҳайрон шуд Рамазон. – Чӣ, девона шудааст магар?

Шоҳруххон гуфт:

– Девона не, ҳушёри серпул. Намедонад пулашро куҷо партояд.

– Худо задааст, гӯй?

– Ҳа.

– Оқибаташ ба хайр бошад,–гуфта монд Рамазон…

Ҳар ду ба хона омаданд, ки ҳанӯзам Мирзоаҳмад хоб накардааст. Ӯ онҳоро дида гуфт:

– Нисфи рӯз тӯй ба охир расиду шумо то бевақтӣ дар куҷо саланг-саланг мегардед?

Рамазон гуфт:

– Баъд тӯй Холиқбеъдӣ ба хонааш таклиф кард. Он ҷо хеле шишта мондаем.

Шоҳруххон гуфт:

– Хестанӣ будем, ки Шерӯя пайдо шуд. Нӯшидагӣ буд. Қариб гап ба ҷанг оид шуда буд.

Мирзоаҳмад гуфт:

– Шумоён акнун кӯдак нестед, ки дастбагиребон шавед.

Рамазон гуфт:

– Не, баробар нашудем. Ман аз Шинги Панҷакенту лекин

ба одобу тамйизи мардуми Фалғару дараи Фон кайҳо қоил шуда будам. Лекин мебинам, ки каҷравон ҳам будаанд.

– Гул бе хор намешавад мегӯянд,–гуфт Мирзоаҳмад.- Агар гап дар атрофи номи Шерӯя равад, вай ба масал як маркабест, ки дар аспхона калон шудааст. Падараш чандин сол раис буд, дуздиву тозӣ кард барои худу баччаҳош. Устухони инҳо бо меҳнат шах нашуда бошад?! Нонашон олуда ба ашки талхи мардумасту кабобашон бе хуни ҷигаре нест… Дар ин атроф одамоне буданд ва ҳастанд, ки чунон асил, пок. Нақл мекунанд, ки замоне Нодир гуфтанӣ одам будааст. Духтарашро шӯ медодааст. Рӯзе ба Самарқанд барои хариди матоъ меравад. Дар Регистон ба як дӯкон медарояду аз дӯкондор хоҳиш мекунад, ки 20 либосворӣ алоча (ранги беқасаб) диҳад. Дӯкондор супориши мардакро иҷро мекунад. Ӯ меояд, ба хонаашу ба занаш мегӯяд, ки он чи гуфтӣ, овардам. Ҳисоб мекунанд, ки дӯкондор ба ҷои 20 либосворӣ 22-то додааст. Мардак сахт малӯл мешавад. Шаб хобаш намебарад. Баъд тарафи занаш мегӯяд: «Ман ба Самарқанд меравам.» Занак мегӯяд: «Барои чӣ? Он ҷо боз чи кор доред?» Мард мегӯяд: дӯкондор ба ман ду либосворӣ алоча зиёд додааст. Ҳамонро барнагардондам, хобам намебарад. «Сонӣ, меравад ба Самарқанд, ба дӯкон медарояд. Дӯкондор мебинаду мегӯяд:» Ҳа, боз ягон чиз лозим шуд, ки омадед? Мардак мегӯяд: «Не, ун дафъа ба ман зиёд бор додаеду кам пул гирифтаед. Барои ҳамин хеста омадам.» Қиссаро нақл мекунад. Дӯкондор мардумро ҷамъ карда мегӯяд: «Ин мардака ҳалолеша бинед, ки ду либосворӣ алочаро, ки саҳван ба ӯ додаам, баргардонд. Аз Кӯҳистон хеста ин қадар роҳро тай карда омаданашро гӯед!..»

## БОБИ БИСТУДУЮМ

Асадҷон аз мошин фаромада, сари роҳ ба дӯкон даромад ва ҳар гуна шириниҳо, барои писарчаҳояш тифлӣ, ба Ганҷинаҷонаш лӯхтакчаву хирсак харид кард. Ҳамин ки по даруни дарвоза ниҳод, баччаҳо: «Дадаҷонам омаданд»,–гӯён сӯяш давиданд. «Чӯҷаякои ман, се муттакои ман»,– гуфта онҳоро гарм–гарм ба оғӯш кашид. Дар як он хастагиаш рафъ шуд. Дар бригадаи онҳо ҳафтод кас кор мекунад. Тамоми рӯз битон рехтанду арматур бастанд ва боз сементкорӣ карданд. Доди корро доданд. Хӯҷақул масъул буд. Сармуҳандиси эронӣ Зинвор Ғулом кори онҳоро дида хурсанд шуд. Хӯрокро дар ҳамон чо, берун аз нақб хӯрданд. Беҳад монда шуданд бачаҳо. Худи ӯ чӣ?.. Ана, кӯдакошро диду ҷони тоза ёфт. Насимҷонаш дар синфи дуюм мехонад. Аълочӣ, шеър бисёр медонад. Анисҷонаш шӯх, бо Қобилҷон дар кадом тӯй рақс кардааст. Ҳар гоҳ ки аз нақб меояд, Анисҷон мегӯяд: «Об овардам, ҳезум шикастам. Ба мурғҳо дон додам.» Лекин сонӣ аз модарашу ҳамсараш мефаҳмад, ки Анисҷон ягон кор накардааст. Дурӯғ мегӯяд. Ганчинаҷонаш тамоман дигар хел аст. Бапою қадам будааст. Ҳамроҳаш давлат ба хонадонашон ворид шуд…

– Дадаҷон, чи овардед ба ман?- мепурсад Ганҷина.

Асадҷон мегӯяд:

– Як лӯхтаки сухангӯ, як хирсаки кабудмӯ!

Ганҷина лӯхтаку хирсакро бурданӣ мешавад, наметавонад.

– Дадаҷон, шумо баред,– илтиҷо мекунад Ганҷина.

– Хуб шудаст, ширинакам,– мегӯяд Асадҷон ва хирсакро гирифтанӣ мешавад, ки Анисҷон чанг зада хирсакро мегираду пешрӯ мегурезад.

– Атома занед, дадаҷон,- мегӯяд Ганҷина.

– Чиба?- мепурсад Асадҷон.

– Хилсакама булд охил,– мегӯяд Ганҷина.

– Майлаш охир,– мегӯяд Асадҷон.- Бурдаст, медиҳад боз.

– Хайл,–розӣ мешавад Ганҷина.

Ба пешвози онҳо занҳо мебароянд.

Модараш мегӯяд:

– Баччем, тинҷ ҳастӣ? Ҳама баофиятед?

Асадҷон мегӯяд:

– Ҳо, ҳама хуб ҳастем. Эрониҳо чунон кор ташкил кардаанд, ки даҳонатон во мемонад. Ягон дақиқа ройгон намегузарад. Дар вақташ ба кор меравем, дар вақташ аз кор мебароем. Ҳар рӯз 12–13 метр дар нақби асосӣ пеш меравем. Нақби ҳавокаш бошад, дар арафаи анҷомёбист. Ана, имрӯз маош доданд.

– Бисёр нағз,–хушнудӣ кард модар.- Худо нирӯ диҳадатон, ки тезтар корро ба охир расонетон.

Шаб то вақти хоб Асадҷон бо бачаҳо нишаст. Рӯзномаи Насимҷонро дид. Бо Анисҷон гап–гап кард. Анисҷон ҳар замон як дурӯғ гуфта аз тарафи занҳо фош мешуд.

Модараш гуфт:

– Асадҷон, ту довар шав, ман ба наберахоям савол медиҳам, ҷавоб гӯянд. Ҳар кӣ дуруст посух гӯяд, туҳфа мегирад.

– Туҳфа чист?- пурсид Анисҷон.

Бибиаш гуфтанд:

– Ба як ҷавоб дуруст як дона мандарин.

Бачаҳо розӣ шуданд. Модар гуфт:

– Дар дунё аз ҳама ширинтар чӣ аст?

Ганҷина гуфт:

– Қанд!

Анисҷон гуфт:

– Ҳарфи дурӯғ.

Насимҷон гуфт:

– Ҷон.

Модар гуфт:

– Насимҷон ёфт. Як дона мандарин ба ӯ.

– Хайр, боз гӯед, бибӣ?- исилтиҷо кард Анисҷон.

Бибиашон гуфт:

– Дар дунё аз ҳама қиматтарин чист?

Ганҷина гуфт:

– Хирсак.

Ҳама завқ карданд.

Анисҷон гуфт:

– Шакалод.

Насимҷон гуфт:

– Об.

– Офарин!- гуфт бибӣ ва ба ҳама яктоӣ мандарин дод. ва афзуд.- Акнун як дона нахуд, ҳама ба ҷогаҳи худ. Пагоҳ боз дадаҷонатон саҳар хеста ба нақб рафтанаш даркор аст…

* * *

Басти шабонаро иваз карданд. Битонрезҳо Навоӣ, Хӯҷамурод ва боз чанди дигар то рӯз арматур баста, битон рехтанд. Акнун то бегоҳ ишон серӣ хоб мераванду фароғат мекунанд дар қароргоҳ. Ба ҷои онҳо гурӯҳи калони битонрезҳо, арматурбандҳо ва таркишгарҳо кӯлаҳ ба сар карда, қади нақб савори мошин то ҷои кор рафтанд. Байни ду нақб: ҳавогузар ва нақлиётӣ 50 метр фосила буда, ҳар 200 метр роҳ кушодаанд байни нақбҳо. Хати барқ (кабели 380) нақби ҳаводаро қатӣ рафта, ҳар 200 метр ба нақби нақлиётӣ мегузарад. Аз ин рӯ, нақб, ба вижа ҷои кор чароғон. Ин имконият медиҳад, ки нақбсозон ба мушкилӣ рӯ ба рӯ нашаванд. Инак, басти рӯзона бо нирӯи тоза ба кор оғоз кард. Мошини кӯҳбурӣ ба ҳаракат даромада, синаи кӯҳро шикофт. Пармаро гирифта, нӯгашро ба дигар ҷо монданд. Боз фиғони парма баромад. Ҳамин тариқа, дере нагузашта дами пеши нақб ғамберворӣ сӯрох шуд. Сӯрохҳоро тоза карда, дору ҷой намуданд ва даҳонашро бастанд. Шоҳруххону Султони Мирзо таҳти назорати Исфандиёри Алӣмуҳандиси эронӣ тарконданд. Гӯё бадани тика-тика шуди шах ба пеши по афтод. Чун чангу ғубор аз байн рафт, нақбро тоза карданд. Баъд сар шуд кори битонрезҳо. Бозувони тавоно ба ҳаракат даромаданд. Дар як он майдонеро битон рехтаву арматур бастанд ва рӯи онро қолаб бастанд. Чор бор дар як рӯз тар-

киш, битонрезӣ, қолаб… Ҳамин тариқа, ҳар рӯз даҳ-дувоздаҳ метр пеш рафтан як қаҳрамони аст, диловарӣ аст…

Имрӯз як рафиқи Навоино рӯзи милод дошт. Корфармо баъди анҷоми кор дар басти шабона 20 сомонӣ дод, ки зодрӯзи ҳамкорашонро дурустакак гузаронанд. Онҳо ба қароргоҳ омада, сари хобро гирифтанду каме «шиштанд». Навоӣ аз хона баромада, рост назди назоратчиҳо омад. Чун пеши бачаҳо расид, Навоӣ гуфт:

– Медонед мо имшаб чи қадар битон рехтем? Ҳо, ҳо, тасаввур карда ҳам наметавонед. Саркор бист сомонӣ пул дод. Рузи милоди як ҳамкорамон буд… хуб нӯшидем…

Назоратчӣ Эшони Эшон гуфт:

– Навоӣ, медонам, ки басти шабона боз навбати кори шумоён аст. Вале мебинам, ки нӯшидаед, кор куҷо меравад?

Навоӣ бо лабханд гуфт:

– Ако, беҳуда аз мо хавотир мешавед. Мастии мо дар ҳамин ҷо. Даҳони нақб ки рафтем, тамоман ҳушёр мешавем. Пеши назар шаху шахпора меояд. Аз афтидану лағжидани кӯҳ фикр мекунем. Даруни нақб кор кардан осон нест. Тавону дошт те. Гурдаи бақувват дошта бошӣ, парво намекунӣ. Аз тарсуҳо бошӣ, корат тамом. Шукр, ки то имрӯз ягон нохушие рух надодааст. Эҳтиёт мекунем худро. Назорат ҷиҳати бехатарӣ сахт аст. Ҳама мутахассис ҳастем, медонем ки камакак беаҳамиятӣ ба чи бурда мерасонад. Фарзандҳо пеши назар… дунё ба умед… Нигарон чандин ҷуфт чашм… Интизор ҳамсари меҳрубону тифлакон… Охир, мо ҳанӯз дар нимроҳи умрем. Акнун ба лаби дашт баромадаем… нӯшидагием, ако, лекин ҳушёр шуда басти шабона ба нақб меравем ва аз дишаба зиёдтар битон мерезем, арматур мебандем, қолабкорӣ мекунем, каф мезанем. Ҳа, мушти мо, нақбсозон, сандон бишканад!

Сонӣ, суҳбат ғел гашту ба сари мо номи нақб омад.

Эшони Эшон гуфт:

– Бисёр касон нақби Анзоб мегӯянд, ки хатост.

Навоӣ гуфт:

– Бубинед, ки байни ағбаи Анзобу Такфон 25 км аст, аз

Такфон то ин ҷо 17 км. Уштургардан Анзоб нест. Бояд инро фарқ кард.

Холиқбердӣ гуфт:

– Пеш ағбаи Уштур роҳи калони тиҷорат, роҳи корвонгузар будааст. Номи Анзоб гирифтани ин нақб дарбияи ночаспонро мемонад. Нақби Уштур, ё Уштургардан гуфтан воқеист.

Навоӣ гуфт:

– Аз эрониҳо пурсидам, ки ағбаро шумо чи мегӯед. Гуфтанд, ки гардана. Ин ағба, ки ҳолиё пешорӯи мо қарор дораду синаашро бишкофта истодаем, дар ҳакиқат, монанд ба гардани уштур аст. Гузаштагонамон бемулоҳиза ном намондаанд. Дидаанд, ки ағба шабеҳ ба гардани уштур мебошад, гуфтаанд ағбаи Уштур, яъне Уштургардан.

* * *

Офоқ субҳ надамида чанд лаганд хамирро сохтаву оштонрро алов монда, нон пухта гирифт. Нақбсозон субҳона нони гарму равған хӯрда рафтанд. Дар ошпазӣ низ кӯмак кард. Гирду атрофу даруну беруни нонвойхонаро рӯбунчин кард, ба тартиб даровард. Нафас рост накарда боз ӯро ҷеғ заданд, ба ошхона рафт, то корҳои дигареро саранҷом кунад.

Офоқ чандест, ки дар нонвойхона кор мекунад. Нон мепазад барои нақбсозон. Шабу рӯз кор мекунанд ӯву ҳамроҳонаш. Фароғатро намедонанд, ки чӣ аст.

Офоқ мегӯяд:

– Илоҳо, умри Мақсудҷон дароз бошад, аз баччекош бинад. Ӯ маро таги қанот кард. Ҳамқишлоқии худам–дия? Дилаш ба ману баччаҳом сӯхт. Акнун маро лозим намеояд, ки ғами нону либоси кӯдакҳоро бихӯрам. Ҳар рӯза ризқамонро аз нӯги касби нонпазӣ меёбам. Мақсудҷон бо хӯрокӣ таъмин мекунад. Офоқ бо Ашрафҷон, ки барои эрониҳо ҳар шаборӯз чор бор хӯрок мепазад, низ ҳамкорӣ доред. Кор сабук нест. Сесад-чорсад касро дар як шаборӯз бо нону хӯрок таъмин кардан магар осон аст?! Лекин чи илоҷ. Як кас не, як кас ин корро бояд ӯҳда кунад. Кори онҳое ки дар таги замин, дар

нақб сурат мегирад, чандин бор аз кори Офоқино вазнинтар аст. Пас чи ҷои аҷоибот дорад. Фақат боиси ифтихор аст дар ин ҷо кор кардан барои Офоқ. Ноилоҷ монда буд, ба Руссия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафт. Акнун барои ӯ ҷои кор фароҳам омадааст, чаро кор накунад? Дуо мекунад, ки мамлакат тинҷ истад, меваи истиқлол комҳоро ширин гардонад, президентро худо дар амонаш нигоҳ дораду ӯ дар ҳамин қароргоҳи нақбсозон нон пазаду дигар бо кӯдаконаш азоб накашад.

Офоқ ба чеҳраҳои тира аз чангу хок, вале хандону нурбори нақбсозон менигараду аз фараҳ курта-курта гӯшт мегирад ва бо хуррамӣ нидо мекунад:

– Чи хуш, бо ишон ҳастам. Ин фотеҳони роҳкушо роҳи дилҳоро мекушоянд, роҳи асрҳоро мекушоянд. Ин одамон ки он қадар назарногиранд, васлгари манзилу дилҳоянд. Ҳаббазо, ба кӯҳканон!

Дар ин рӯзи тирамоҳ Офоқ дар канори коргоҳи худ–нонвойзона истода, мехост матои хурсандиашро пеши роҳи бод бидорад, то бод бӯи хуши онро ба ҳар сӯй, ба ҳар кӯй барад ва мужда диҳад ба оламиён, ки як зани тоҷики хушбахт бо номи Офоқ дар қароргоҳи нақбсозон ҳаст, нонҳо мепазад аз орди гандумӣ, ки он бӯи биҳишт мекунад… Ин нон нирӯ мешавад ба нақбсозон ва онҳо фарҳодворӣ кӯҳро буридаву роҳ мекушоянд…

Офоқро бозии мурғаке ба шавқ меорад. Мурғак болҳояшро кушода, ру–рӯи замин медавид, аз санге ба санге меҷаҳид… Ногоҳ мурғак ба ҳаво баланд шуда, сари шохи дарахт нишаст ва гӯйё гулбонг зад:

*–«Уштур» чи дилтанге будӣ,*
*Афтода бар чанге будӣ,*
*Дар нола ҳар санге будӣ,*
*Аз дасти Аржанге будӣ.*

Замин ҳарфи мурғакро шунида ба фарёд омад.

Офоқ ҳамзамон гуфт:

*– Фарёд омад аз замин,*
*Тоҷику эронӣ яқин.*
*Доданд доди мардиро*
*Чун меҳру маҳ гашта қарин.*

Дарахт фикри Офоқро тақвият дода гуфт:

*– Ду халқи ориёнажод,*
*Ду зӯрманди покзод.*
*Бо дасту нохун нақб канд,*
*То роҳи нав бикшода бод.*

Ин вақт як эрониву як тоҷик вориди ошхона мешаванд. Мурғак ба эронӣ ишора карда ба замзама даромад:
– Хушаҳдупаймонӣ аз ӯст.
Пасон тарафи тоҷик гуфт:
– Яктану якҷонӣ зи туст.
Офоқ ба мурғак ҳамовоз шуд:

*– Дар аҳди Раҳмонӣ накӯст,*
*Тоҷику эронӣ-ду дӯст!*

Дарахт ба ҳайронӣ лаб кушод:

*– Мизбон туӣ, меҳмон куҷост?*
*Меҳмон туӣ, мизбон куҷост?*
*Чун ҳар ду аз як гавҳаред,*
*Ку, тоҷик, эронӣ куҷост?!*

Офоқ, ки аз хушнудӣ чашмонаш барқпош буданд, ба сӯи осмон нигарист ва ба наҷво гуфт:

– То кушодашавии нақби Уштур рӯзҳои башумор монд. Баъде чанде базми ифтитоҳи нақб дар назар аст. Оваҳ, чи рӯзе хуш дар пеш аст. Ай ту, Зӯҳра, он рӯз фуруд о, ба замину бо мо бош!

*Зӯҳра, бизан чанге дигар,*
*Хуш ояд оҳанге дигар.*
*Тантана барпо кун, азиз,*
*Дунё гирад ранге дигар.*

Ва ман Лайлочону Шаҳлочон ва Зиёратшоҳамро мебиёрам. Бигзор духтарҳо бирақсанду Зиёратшоҳам байтхонӣ кунад!..

**СИРОҶИДДИНИ ШАРОФИДДИН**

# МУҲАББАТ ВА САДОҚАТ

*(роман)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 03.11.2014 супурда шуд.
Чопаш 10.11.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 10. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Андалеб-Р» чоп шудааст.